ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИТОҶИКИСТОН

ТДУ: 656.022.88(575.3)
ТКБ: 39.5.(2.Тоҷ)
Д-14

Бо ҳуқуқидастнавис

**ДАВЛАТОВ БАХТОВАР ШАМСУЛЛОЕВИЧ**

# ТАКМИЛИ ИНСТРУМЕНТҲОИ ИТТИЛООТИВУ ТАҲЛИЛИИ ИДОРАКУНИИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ихтисос: 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият
(08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ

**ДУШАНБЕ – 2023**

# МУНДАРИҶА

**Номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ**........................................... 3
**Муқаддима**.................................................................................................. 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚОТИ ИДОРАКУНИИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**
1.1. Нақлиёти ҳавоӣ чун объекти низоми мураккаби идоракунӣ......... 16
1.2. Муҳтаво ва механизмҳои идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ........ 33
1.3. Рушди нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ........ 50

**БОБИ 2. АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ФУРУДГОҲҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ ОНҲО**
2.1. Таҳлили қиёсии ҳолати муосир ва дурнамои истифодабарии фазои ҳавоӣ бо мақсади рушди транзит ………...…………………… 67
2.2. Таҳлили ҳолати муосири рушди нақлиёти ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................................................ 79
2.3. Муаммоҳои расонидани фурӯши хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...................................................... 98

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ИНСТРУМЕНТҲОИ СИСТЕМАИ ИТТИЛООТИВУ ТАҲЛИЛИИ ИДОРАКУНИИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОИИ ТОҶИКИСТОН**
3.1. Татбиқи инструментҳои муосири таҳлили стратегӣ ва пешгӯйии талабот ба ҳамлу нақл дар нақлиёти ҳавоӣ ............................................. 121
3.2. Роҳҳои такмили инструменти таҳлилии идоракунии фаъолияти тиҷоратии фурудгоҳҳо (ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ) .......................... 142
**Хулосаҳо** ............................................................................................... 163
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**…….............. 166
**Рӯйхати адабиёти истифодашуда**…………………………………..…… 168
**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия**……….................................. 182

## Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ

| | | |
|---|---|---|
| АМИТ | - | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| ААИ | - | Андоз аз арзиши иловашуда |
| КОА назди ПҶТ | - | Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| СМР-2030 | - | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| РААГ | - | Раёсати асосии авиатсияи граждании |
| ИКАО | - | Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ |
| ИДМ | - | Иттиҳодияи давлатҳои мустақил |
| ИА | - | Иттиҳоди Аврупо |
| ИОХЗ | - | Иттиҳоди операторони хизматрасонии рӯизаминӣ |
| ВКД | - | Вазорати коҳои дохилӣ |
| ИМА | - | Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| МД-11 | - | Макдонел Дуглас |
| MACS | - | Стратегияи корпоративии дар бозор фаъолшуда |
| ММД | - | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
| ИҲҲ | - | Идоракунии ҳаракати ҳавоӣ |
| ФР | - | Федератсияи Россия |
| Р-50691–94 | - | Стандарти давлатии умумииттифоқӣ |
| СИ | - | Стратегияи идоракунӣ |
| САИ | - | Системаи автоматикунонидашудаи иттилооти |
| СБМ | - | Стандартҳои байналмилалии муосир |
| МНҲ | - | Муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ |
| ШҲ | - | Ширкатҳои ҳавоӣ |
| Ф | - | Фурудгоҳҳо |
| ОФХЗ | - | Операторони фурудгоҳҳо оид ба хизматрасонии заминӣ |
| IATA | - | Ассотсиатсияи байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ |
| IT | - | Технологияи информатсионӣ |
| SLA | - | Стандартҳои сифат |

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 «истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, азҷумла, аз ҳисоби сарчашмаҳои хориҷии ҷалбшуда, барои сохтмони иншооти нақлиётии нав ва барқарорсозии иншооти мавҷуда, ки натанҳо талаботи дохилиро бо хизматрасониҳои нақлиётӣ таъмин мекунанд, балки ба равандҳои ҳамгироии иқтисодиёти кишварро ба иқтисоди ҷаҳон мепайвандад", яке аз самтҳои муҳими афзалиятноки махсус арзёбӣ шудааст. Воқеан ҳам дар самти густариш додани муносибатҳои иқтисоди беруна ва равандҳои ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба иқтисоди ҷаҳон ҳамлу нақли аз он ҷумла, ҳамлу нақлбору мусофиркашонии ҳавоӣ, нақши муҳим дорад.

Амалиётҳои ҳамлу нақли ҳавоиро авиатсияи граждани анҷом медиҳад, ки назар ба нақлиёти дигар нисбатан васеъ истифода мешавад. Он ҳамчун соҳаи хоҷагии халқ на танҳо дар ҳаллу фасли масоили сирф нақлиётӣ, балки дар ҳалли баъзе вазифаҳои махсус низ иштирок менамояд. Масалан, онро дар соҳаи кишоварзию ҷангалпарварӣ, барои хомӯш намудани сӯхтори бешазор ва соир сӯхторҳо, инчунин иктишофи геологӣ, яхӣ бо мақсадҳои варзишӣ ва ғайраҳо истифода мебаранд. Аммо, бешубҳа, таъйиноти асосии авиатсияи гражданӣ ин амалисозии ҳамлу нақли мусофирон, борҳо ва почта тариқи ҳаво, аслан дар масофаҳои тӯлонӣ ва аксар вақт дар масофаҳои байниминтақавӣ мебошад. Он на танҳо эҳтиёҷоти хоҷагиҳо ва аҳолиро дар ҳамлу нақл, балки дар якҷоягӣ бо шаҳрҳо «қолиби» ҳудудро таъмин менамояд ва калонтарин қисми таркибии инфрасохтор буда, ба ҳайси заминаи моддӣ-техникии ташаккул ва рушди тақсимоти ҳудудии меҳнат хизмат мекунад ва ба чандирият ва самаранокии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои алоҳида, умуман мамлакат таъсири калон мерасонад.

Дар низоми нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти ҳавоӣ яке аз шаклҳои асосии нақлиёти мусофирбарӣ буда, аз рӯи ҳаҷми ҳамлу нақли

мусофирон ҷойи сеюмро ишғол менамояд. Дар фаъолияти умумии он ҳамлу нақли мусофирон 4/5 ва боркашонию почта 1/5-ро ташкил медиҳад.

Истифодаи нақлиёти ҳавоӣ (аз ҳисоби суръати баланди ҳавопаймоҳо ва рост кардани роҳи парвоз) дар муқоиса бо намудҳои дигари нақлиёт дар масофаҳои миёна ва махсусан тӯлонӣ бурди калони вақтро фароҳам месозад. Бинобар ин, тасодуфӣ нест, ки масофаи миёнаи ҳамлу нақли як нафар мусофир тавассути нақлиёти ҳавоӣ дар хатсайрҳои берунӣ умуман ба бештар аз ҳазор километр мерасад, ки аз нишондиҳандаи монанд барои нақлиёти роҳи оҳан (ҳамлу нақли мусофирон дар роҳҳои дур) якчанд маротиба зиёд мебошад. Нақлиёти ҳавоӣ ба соҳаи илмталаб ва баландтехнологияи иқтисодиёти миллӣ мансуб буда, яке аз қисматҳои ояндадор ва дархостшавандаи инфрасохтори тамаддуни муосир мебошад. Равандҳои идоракунӣ бидуни истифодабарии системаи иттилоотӣ-таҳлилӣ, ки маҷмӯи таҷҳизоту дастгоҳҳо, манбаъҳои иттилоотӣ ва дигар барномаҳои амалӣ, инструментҳои таҳлилӣ ва системаи автоматикунонидашудаи иттилоот (САИ), ки мисли ҳамагуна технологияи шабеҳаз маҷмӯи воситаҳои гуногуни моддӣ (воситаҳои коркарди техникӣ, ҳолати интиқол ва тағйирдиҳӣ, интиқолдиҳандагони иттилоотвағайра) иборат мебошад, ғайри имкон мебошад. Бинобар он, зарурати мунтазам такмил додани инструментҳои иттилоотиву таҳлилии низоми идоракунии нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон, ки бо инқилобу пешрафти технологияҳои муосири иттилоотӣ алоқаманд мебошад, муҳимият ва сабаби интихоби мавзӯъи диссертатсиониро муаян намудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Асосҳои назариявӣ ва методии омӯзиши соҳаҳои хизматрасонӣ, ки ба он фаъолияти нақлиёти ҳавоӣ низ дохил мешавад, аз он ҷумла, системаи иттилоотиву таҳлилии идоракунии соҳа дар корҳои олимони хориҷӣ ба монанди: Барвуд С., Батлер Г., Бойд Э., Гиллен Д., Грэм Э., Денис Н., Доганис Р., Келлер М., Ким У. Ч., Котлер Ф., Моборн Р., Моррисон В., Портер М., Стбарт К., Томсетта М., Френч Д., Хамфри А., Шет Ҷ. Бариленко В. И., Бодунов В. Д., Николайчук Н. Н.,

Веселов Е. В., Васин М. А., Воропаева Л. Н., Горфинкел В. Я., Громов Н. Н., Губенко А. В. ва ғайраҳо таҳқиқ ёфтаанд.

Мушкилиҳо ва пешомадҳои вусъатдиҳии хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ, масъалаҳои арзёбии баҳоҳои сифати хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ ба мусофирон, инчунин таъминоти иттилоотиву таҳлилии идоракунии соҳа дар корҳои олимони зерини Тоҷикистон дида мешаванд: Бобиев Р.С., Бобоев О., Бобоев К.О., Ҷумъаев Ҷ.Ҷ., Зоҳидов К. Х., Катаев А. Х., Қаюмов Н., Мирзоева Ҷ. П., Назаров Т.Н., Нурова Б. Т., Раҷабов Р.К., Рауфӣ А., Рауфи Ф.А., Раҳимов Р.К., Фохаков А.С., Хамроев Ф.М., Холматов М.М., Хоҷаев П. Д., Ш.Раҳимзода., Шералиев А.К., Шералиев А.А. ва ғайраҳо.

Аммо, дар корҳои олимони ватанӣ масъалаҳои такмили системаи иттилоотиву таҳлилии идоракунии нақлиёти ҳавоӣ дар сатҳи кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Ҳамин буд, муҳимияти мавзӯи кори диссертатсионии мо, мақсад ва вазифаи омӯзиш, асосҳои назариявӣ ва методиионро муайян намудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ.** Муаммоҳои илмиву амалии мавзӯъ аз бандҳои дахлдори Стратегияи миллии рушди ҶумҳурииТоҷикистонбароидавраитосоли 2030, ки дар он масъалаи мутобиқ намудани хизматрасониҳои соҳаи нақлиёт, аз он ҷумла, нақлиёти ҳавоӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи муҳим дорад бармеояд. Илова бар ин, мавзӯи диссертатсионӣ дар доираи иштироки унвонҷӯй дар раванди иҷрои лоиҳаи илмӣ таҳқиқотии “Рушди инрасохтори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (рақами бақайдгирӣ №0121TJ1114, аз 15.03.2021), ки дар Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ сурат мегирад, иҷро шудааст.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқикоти** диссертатсионӣ аз коркарди асосҳо ва заминаҳои назариявию амалии мукаммалгардонии инструментҳои иттилоотиву

таҳлилии низоми идоракунии нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави рушди мамлакат иборат мебошад.

Барои расидан  ба ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаллу фасли вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

-омӯзиши муносибатҳои назариявӣ доир ба тавсифи нақлиёти ҳавоӣ чун объекти низоми мураккаби идоракунӣ;

- муқаррар намудани муҳтаво ва механизмҳои идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ;

- арзёбии тамоюли рушди нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ дар давраи истиқлол ва шароити ҷаҳонишавӣ;

- таҳлили ҳолати муосир ва тамоюлоти тағйирёбии бозории хизматрасониҳои фурудгоҳӣ ва воситаҳои асосии идоракунии стратегии фаъолияти бозории фурудгоҳ;

- тавсифи низом ва методҳои таҳлили нишондиҳандаҳои идоракунии бизнес-системаи фурудгоҳ;

- коркарди асосҳои консептуалии эҷоду такмили системаи иттилоотии идоракунии нақлиёти ҳавоӣ;

- асосноккунии роҳҳои такмили инструменти таҳлилии идоракунии фаъолияти тиҷоратии фурудгоҳҳо (ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ);

- пешниҳоди инструментҳои муосири таҳлили стратегӣ ва пешгӯии талабот ба ҳамлу накл дар нақлиёти ҳавоӣ;

- асоснок намудани роҳҳои такмили механизмҳои идоракунии фазои ҳавоӣ барои тавсеаи иқтидори ҳамлу нақли авиатсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ.

**Объекти таҳқиқотро-** низоми идоракунии нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Мавзӯи таҳқиқот** – муносибатҳои иқтисодии вобаста ба масъалаҳои такмилдиҳии инструментҳои системаи иттилоотиву таҳлили инизоми идоракунии нақлиёти ҳавоӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба асосноккунии назаривию амалии  ҷойгоҳ ва

накши мукаммалгардонидани инструментҳои иттилоотиву таҳлилии низоми идоракунии наклиёти ҳавоӣ, ки омил ва шароити муҳими амнияти парвоз, рақобатпазирии хизматрасониҳои ширкатҳои ҳавоӣ ва имиҷи онҳо мебошад, иборат аст.

**Масъалаҳои таҳқиқот.** Масъалаи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди асосҳо ва заминаҳои назариявию амалии мукаммалгардонии инструментҳои иттилоотиву таҳлилии низоми идоракунии наклиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Мутобиқати дисертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ таҳқиқот ба талаботи шиносномаи** ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мутобиқ ба бандҳои: 10.7. Таъминоти иттилоотии системаи идоракунии оммавӣ. «демократияи электронӣ», «давлати электронӣ», «ҳукумати электронӣ» ва технологияҳои маъмуригардонии электронӣ; 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул(принсипҳо), шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.15. Менеҷменти стратегӣ, методҳо ва шаклҳои амалисозии он. Муҳити дохилӣ ва берунии ташкилот. Раванд ва методҳои коркард ва татбиқи стратегия. Инкишофи шаклҳои стратегии ҳамшарикӣ. Муҳтаво ва методҳои назорати стратегӣ. Стратегияҳои корпоративӣ, муносибсозии андозаи ширкат ва ҳамгироии амудӣ, стратегияҳои гуногунсозӣ (диверсификатсия).

**Марҳилаи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар назди кафедраи назарияи иқтисодӣ ва система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти факултаи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017-2023 сурат гирифтааст.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот.** Асоси назариявӣ ва

методологии тадқиқот, вазъи назариявӣ ва методологие буданд, ки дар корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар назарияҳои иқтисодӣ, иқтисодиёти хизматгузорӣ, менеҷмент ва савдои хизматрасонӣ зикр гардидаанд. Дар диссертасияи илмӣ ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муассисаҳои давлатӣ ва минтақавии ҳокимият ва идора, фаъолияти танзимкунандаи операторҳои нақлиётӣ ва мусофирбари нақлиёти ҷамъиятӣ истифода бурда шудаанд.

**Усулҳои таҳқиқот.**Барои ноил шудан ба мақсадҳо ва вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошта шуда буданд, усулҳои зерин ба монанди: таҳлили индексӣ, монографӣ, абстрактсияи илмӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, таҳлили системавӣ, усулҳои озмоиш ва иқтисодӣ-риёзӣ, баҳодиҳии коршиносон истифода шуданд.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот.** Корҳои таҳқиқотӣ дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Асосҳои маълумотӣ-**таҳлилии таҳқиқотро маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ширкатҳои ҳавопаймоҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои молиявию иқтисодии нашрияҳо, шабакаи ахборотии интернет, семинарҳо ва конфронсҳои илмӣ, тафсирҳо ва ҳисоботҳои таҳлилӣ, ҳуҷҷатҳои илмии таҳқиқотӣ ташкил медиҳанд, кидар шакли мақолаҳо ва диссертатсияҳо пешниҳод шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ бароварда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асоснок гардонидани заминаҳои назариявию амалии мукаммалгардонии инструментҳои иттилоотиву таҳлилии идоракунии нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон дар марҳалаи нави рушди мамлакат иборат мебошад.

Натиҷаҳои асосии илмие, ки аз ҷониби муаллиф ба дастомада, барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:

-муқаррароти муаллиф доир ба нақлиёти ҳавоӣ ҳамчун низоми мураккаб ва объекти идоракунӣ тавсиф ёфта, хусусиятҳои вижагии он муайян карда шудааст: а) сифати байнисоҳавӣ дорад, зеро ба шарти умумии истеҳсолоти моддӣ, ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеа таъсир мерасонад; б) дар ин низом қисми зиёди воситаҳои истеҳсолот ғайридоимӣ, яъне ҳаракаткунанда мебошанд ва раванди ҳамлу накл ғунҷоиши баланди энергетикӣ дорад, ки идоракунии раванди истеҳсолотро мушкил мегардонад; в) воситаҳои фазоии парокандаи истеҳсолоти нақлиёт бо ҳам амал мекунанд, нақлиёт ба шумори соҳаҳои хавфи калондошта мансуб мебошад, бинобар ин, тамаркуз ва назорати қатъиро тақозо менамояд;

-муайян карда шудааст, ки дар раванди қабули қарори идоракунӣ дар доираи фаъолияти субъектҳои низоми нақлиёти ҳавоӣ омилҳои зерин, ба монанди: сохтори ташкилии субъекти хоҷагидор, тақсимоти ваколатҳо дар ташкилот, сатҳу сифати иштироки кормандон дар қабули қарор ва сатҳи таваккал, вақт ва муҳити тағйирёбанда, инчунин маҳдудиятҳои иттилоотӣ ва рафтории субъектҳои хоҷагидор дар ин низом таъсири муайянкунанда дорад;

-рушди сегментҳои нави бозори авиатсионӣ, ки боиси дигаргуншавии сохтори соҳа ва технологияи амалисозии бизнес дар нақлиёти ҳавоӣ мегарданд, муайян карда шуда, тамоюлоти рушди он дар шароити ҷаҳонишавӣ аниқ карда шудааст: муттаҳидшавии навъҳои асосии муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ, рушди навъҳои нави бизнес-моделҳои муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ, ҷорӣ гаштани инноватсия, аз ҷумла, дар натиҷаи рушди технологияи иттилоотӣ ва ғ;

-муайян карда шудааст, ки дар солҳои охир тмоюли дастгирии давлатии рушди инфрасохтори фурудгоҳҳои маҳаллӣ (маблағгузории онҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ) дар доираи барномаҳои мақсаднок азнавсозии фурудгоҳҳои мамлакат сурат гирифтааст; инчунин барои таъмини дастрасии ҳамлу нақли авиатсионии дохилии маҳаллӣ ва

рушди инфрасохтори нақлиёти авиатсионии минтақаҳои мамлакат институтҳои субсидия истифода шуда истодааст;

-асосҳои консептуалии эҷоду такмили системаи иттилоотии идоракунии нақлиёти ҳавоӣ. системаи автоматикунонии ҷамъу коркарди иттилоот асоснок карда шуда, инструментҳои асосии ҷамъ ва коркард намудани иттилоот ва арзёбии фаъолияти субъектҳои низоми нақлиёти ҳавоӣ гурӯҳбандӣ ва тасниф дода шудааст: хусусиятҳои коркарди моделҳои математикӣ, методҳои баҳисобгирӣ ва пешгӯии арзиши аслии маҳсулоти нақлиёти авиатсионӣ, ҳамчунин роҳҳои такмили иттилоотӣ, методӣ, техникӣ, ҳуқуқӣ ва идеологӣ, ки инструменти идоракунӣ мебошанд, асоснок карда шудааст;

-роҳҳои такмили инструменти таҳлилии идоракунии фаъолияти тиҷоратии фурудгоҳ (ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ) методҳо, принсипҳо ва вазифаҳои асосии банақшагирии стратегии амалкарди авиатсияи гражданӣ коркард карда шудааст ва модели интихоби стратегияи дарёфти сатҳи оқилонаи сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ шароити расмишудаи амалкарди хуби низоми авиатсияи гражданиро аз нуқтаи назари сифати хизматрасониҳои он пешниҳод намудааст;

-бо дарназардошти муҳимияти рушди низоми нақлиёти ҳавоӣ дар партави татбиқи стратегияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои инноватсионии рушд, зарурати гузариш ба муносибати маҷмӯӣ доир ба ташаккули системаи стратегии идоракунии нақлиёт асосок карда шуда, принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои таҳлили стратегӣ ва сатҳҳои он коркард карда шудааст.

**Натиҷаҳои асосии илмие, ки аз ҷониби муаллиф ба даст омада, барои ҳимоя пешниҳод мешаванд аз он иборат аст, ки:**

- нақлиёти ҳавоӣ ҳамчун низоми мураккаб ва объекти идоракунӣ тавсиф ёфта, хусусиятҳои вижагии он, ки сифати байнисоҳавӣ дорад, дар ин низом қисми зиёди воситаҳои истеҳсолот ғайридоимӣ, яъне ҳаракаткунанда буда, раванди ҳамлу нақл ғунҷоиши баланди энергетикӣ

дорад, инчунин воситаҳои фазоии парокандаи истеҳсолоти нақлиёт бо ҳам амал мекунанд ва нақлиёт ба шумори соҳаҳои хавфи калондошта мансуб мебошад, тасниф карда шудааст;

- дар раванди қабули қарори идоракунӣ дар доираи фаъолияти субъектҳои низоми нақлиёти ҳавоӣ омилҳои зерин, ба монанди: сохтори ташкилии субъекти хоҷагидор, тақсимоти ваколатҳо дар ташкилот, сатҳу сифати иштироки кормандон дар қабули қарор ва сатҳи таваккал, вақт ва муҳити тағйирёбанда, инчунин маҳдудиятҳои иттилоотӣ ва рафтории субъектҳои хоҷагидор дар ин низом таъсири муайянкунанда дорад.

- рушди сегментҳои нави бозори авиатсионӣ боиси дигаргуншавии суръатноки сохтори соҳа ва технологияи амалисозии бизнес дар нақлиёти ҳавоӣ гашта, тамоюлоти рушди он дар шароити ҷаҳонишавӣ муттаҳидгардӣ ва ҳамгироии байналмиллалиро дар заминаи рушди технологияи иттилоотӣ тақозо менамояд;

- асосҳои консептуалии эҷоду такмили системаи иттилоотии идоракунии нақлиёти ҳавоӣ, системаи автоматикунонии ҷамъу коркарди иттилоот ва инструментҳои асосии ҷамъ ва коркард намудани иттилоот ва арзёбии фаъолияти субъектҳои низоми нақлиёти ҳавоӣ гурӯҳбандӣ ва тасниф дода шудааст, ки сатҳу сифати идоракунии соҳа мутобиқ бо стандартҳои ҷаҳонӣ таъмин менамояд;

- роҳҳои такмили инструменти таҳлилии идоракунии фаъолияти тиҷоратии фурудгоҳ (ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ) методҳо, принсипҳо ва вазифаҳои асосии банақшагирии стратегии амалкарди авиатсияи гражданӣ, ҳамчунин модели интихоби стратегияи дарёфти сатҳи оқилонаи сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ, шароити аз нуқтаи назари сифати хизматрасониҳои он пешниҳод шудааст;

- бо дарназардошти муҳимияти рушди низоми нақлиёти ҳавоӣ дар партави татбиқи стратегияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои инноватсионии рушд, зарурати гузариш ба муносибати маҷмӯӣ доир ба ташаккули системаи стратегии идоракунии нақлиётӣ асосок карда шуда,

принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои таҳлили стратегӣ ва сатҳҳои он коркард карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии диссертатсия аз васеъ намудани донишҳои илмӣ дар назарияи идоракунии нақлиёти ҳавоӣ, муайян намудани тамоюли таъминоти иттилоотиву таҳлилии муосири идоракунии соҳа, муайянкунии мушкилиҳо, ки ба вусъатёбии идоракунии хизматрасонии онҳо монеа мешавад, истифода аз таҷрибаи хориҷӣ, мувофиқ гардонии шабакаи хатсайрӣ, исботи алоқамандии математикиву - омории қаноатмандии мусофирон ва сифати хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятии ҳавоӣ иборат мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Аҳамияти амалии мавқеъҳои асосии диссертатсия аз асоснок кардани вазифа ва таҳияи стратегияи идораи нақлиёти ҳавоӣ, коркарда баромадани системаи нишондиҳандаҳо ва тарзҳои муайянкунии вусъатдиҳии пойдори идоракунии ин низом дар асоси ҳисоботи индекси ҷамъбасткунанда, коркарда баромадани тарзҳои баҳодиҳӣ ба сифати хизматрасонии ҳамлу нақли мусофирбарӣ аз усулҳои иқтисодӣ-математикӣ мебошад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмияти онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи назария ва амалияи такмили инструментҳои иттилоотиву таҳлилии идоракунии нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақобатпазирии он истифода бурдааст. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳо ва технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот интишорот ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла: таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар асоси ташхиси селаи мусофирон дар хатсайрҳои ҳавоӣ, баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ дар ширкатҳо гузаронидааст. Нақшаи технологии ҷалби мусофирон ба нақлиёти ҳавоӣ тартиб дода шуда, модели иқтисодӣ-риёзии муносибгардонии шабакаи маршрутии нақлиёти ҳавоӣ кор карда баромада шудааст ва дар асоси он хулоса ва пешниҳодҳои илмиро бадаст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёрнамудааст. Натиҷаҳои таққиқотҳои рисолаи илмӣ дар асоси далелҳои мавқеъҳои консептуалӣ ва барномаҳои вусъатдиҳии воситаи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон то даври 2025 –ум сол истифода бурда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқотидиссертатсия тасвиб карда шудаанд: бо конфронси илмӣ-амалии "Масъалаи амалигардонии воситаи нақлиёт" (Руссия. Тюмен-2013); конфронси илмӣ-амалиявии байналхалқии "Ҷанбаҳоии иҷтимоӣ-иқтисодии инкишофи ҷамъияти муосир" (Руссия. Тамбов, 18 майи соли 2013), конфронсиилмӣ-амалии байналхалқии "Равандҳои пешомаддори инкишофи комплекси нақлиёти автомобилӣ" (Русия, Пенза 20-22 сентябри соли 2013), ҳуҷҷатҳои конфронси III илмии байналхалқии "Масъалаҳои иқтисодиёти муосир"(ш.Челябинск феврали 2015), Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ (1998-2021) ва ғайра. Тавсияҳои методӣ ва амалии пешниҳодгардида метавонанд аз тарафи идораҳои нақлиёти ҳавоӣ, ташкилотҳои маҳаллии ҳокимияти иҷрокунанда, бо вуҷуди вусъатёбии воситаи нақлиёти ҳавоӣ истифода бурда шаванд. Дастурамали назариявӣ ва методикии таҳқиқоти рисолаи илмӣ дар равиши таълим тавассути кор карда баромадани барномаҳои таълимӣ, китоби дарсӣ ва матнҳои лексияҳо аз фанҳои "Иқтисодиёти нақлиёт", "Логистика", "Технология, ташкил ва идоракунии ҳамлу нақли мусофирон", "Ташкил ва идоракунии доираҳои

хизматрасонӣ” барои донишҷӯёни равияи иқтисодӣ истифода бурда мешаванд.

**Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти марбути кори диссертатсионӣ 8 мақолаҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 4.0 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8-зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, аз 183 саҳифаи компютерӣ иборат буда, дорои 36 - ҷадвал, 1 - расм ва 24 формулаҳо мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚОТИ ИДОРАКУНИИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## 1.1. Нақлиёти ҳавоӣ ҳамчун объекти низоми мураккаби идоракунӣ

Ҳамлу нақли ҳавоиро авиатсияи граждании анҷом медиҳад, ки нисбат ба нақлиёт васеъ истифода мешавад. Он ҳамчун соҳаи хоҷагии халқ на танҳо дар ҳаллу фасли масоили сирф нақлиётӣ, балки дар ҳалли баъзе вазифаҳои махсус низ иштирок менамояд. Онро дар соҳаи кишоварзӣ барои хомӯш намудани сӯхтори бешазорҳо, инчунин иктишофи геологӣ-яхӣ бо мақсадҳои варзишӣ ва ғайраҳо истифода мекунанд[1]. Аммо, бешубҳа, таъйиноти асосии авиатсияи граждании ин амалисозии ҳамлу нақли мусофирон, борҳо ва почта тариқи ҳаво, аслан дар масофаҳои тӯлонӣ ва аксар вақт дар масофаҳои байниминтақавӣ мебошад. Он на танҳо эҳтиёҷоти хоҷагиҳо ва аҳолиро дар ҳамлу нақл қонеъ мегардонад, балки дар якҷоягӣ бо шаҳрҳо «қолиби» ҳудудро таъмин менамояд ва калонтарин қисми таркибии инфрасохтор буда, ба ҳайси заминаи моддӣ-техникии ташаккул ва рушди тақсимоти ҳудудии меҳнат хизмат намуда, ба чандирият ва самаранокии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои алоҳида ва умуман мамлакат таъсири калон мерасонад.[2]

Дар низоми нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти ҳавоӣ яке аз шаклҳои асосии нақлиёти мусофирбарӣ ба ҳисоб рафта аз рӯи ҳаҷми ҳамлу нақли мусофирон ҷойи сеюмро ишғол менамояд. Дар фаъолияти умумии он ҳамлу нақли мусофирон 4/5 ва боркашонию почта 1/5-ро ташкил медиҳад. Истифодаи нақлиёти ҳавоӣ (аз ҳисоби суръати баланди ҳавопаймоҳо ва рост кардани роҳи парвоз) дар муқоиса бо намудҳои дигари нақлиёт дар масофаҳои миёна ва махсусан тӯлонӣ бурди калони

[1]Авдасиева С.Б. Теория организации отраслевых рынков [Текст] / С.Б. Авдасиева, Н.М. Розанова. - М.: 184П «Магистр», 1998г. – 320 с.

[2]Артоболевский С.С. Государственное регулирование развития депрессивных районов в развитых странах (на примере Западной Европы) [Текст] / С.С. Артоболевский // Федерализм и региональная политика: проблемы России и зарубежный опыт. -Новосибирск: ЭКОР. - 1996. - №3. - С.232 – 262.

вақтро фароҳам месозад. Ҳисоб карда шудааст, ки дар масофаи зиёда аз 1000 километр дар ҳамлу нақли мусофирон нақлиёти ҳавоӣ афзалиятро касб намудааст. Бинобар ин, тасодуфӣ нест, ки масофаи миёнаи ҳамлу нақли як нафар мусофир тавассути нақлиёти ҳавоӣ дар хатсайрҳои берунӣ умуман ба бештар аз ҳазор километр мерасад, ки аз нишондиҳандаи монанд барои нақлиёти роҳи оҳан (ҳамлу нақли мусофирон дар роҳҳои дур) якчанд маротиба зиёд мебошад.

Нақлиёти ҳавоӣ хусусияти умумӣ дошта, аксар вақт барои ҳамлу нақли мусофирон дар масофаҳои миёнаю дур ва намудҳои алоҳидаи борҳо мавриди истифода қарор мегирад. Баланд гардидани некуаҳволии моддӣ, тавсеаи робитаҳои фарҳангӣ, корӣ ва илмӣ боиси баланд шудани серҳаракатии аҳолӣ мегардад ва эҳтиёҷотро ба ҷойивазкунии баландсуръат – авиатсия вобаста менамояд.[3]

Афзоиши даромади миллӣ ва некуаҳволии моддии халқ, васеъ гардидани доираи робитаҳои корӣ, илмӣ ва фарҳангӣ, ҳавасмандӣ ва дархости меҳнаткашон ва бо ин алоқаманд будани серҳаракатии шиддатноки аҳолӣ боиси эҳтиёҷот дар рушди ҳамлу нақли босуръат мегардад. Афзоиши босуръати ҳамлу нақл дар нақлиёти ҳавоӣ аз чандин хусусиятҳои техникӣ-иқтисодии он ва афзалиятҳо дар муқоиса бо дигар намуди нақлиёт вобаста мебошад:

– суръати баланди техникӣ ва тиҷоратӣ. Суръати ҳаракат аз (аз рӯи ҷадвал) навъҳои магистралии дур ва миёнаи ҳавопаймоҳо, навъҳои ҳавопаймоҳои хатти ҳавоии маҳаллӣ иборат мебошад. Вале, мусофирон худ аз худ тарафдори суръати баланди парвоз набуда, онҳо шавқманди саривақти расидан «аз хона то хона» мебошанд. Бо дарназардошти талафоти вақти сафар аз шаҳр то фурудгоҳ ва баръакс, ба расмиётдорорию саворшавӣ ва суръати умумии расонидани мусофирон тавассути нақлиёти ҳавоӣ дар масофаи дурудароз назар ба дигар намуди нақлиёт якчанд маротиба баландтар мебошад;

---

[3] Березовиков Л.Б. Электронные декларации облегчат товарам переход границ [Текст] / Л.Б. Березовиков // Финансовые известия. – 1998. - №17. – С. 47

– имконияти рост намудани роҳи ҳавоӣ дар муқоиса бо дигар намудҳои нақлиёт. Инак, дар масирҳои муқоисашаванда хатти ҳавоӣ ба ҳисоби миёна назар ба роҳҳои оҳан ва автомобилӣ 20% ва роҳҳои обӣ 30% кӯтоҳтар мебошад. Дар хатсайрҳои ҷудогона рост намудани роҳ то 40-50% мерасад;

– гузариши баланд ва вобастагии камтар аз шароити физикӣ-ҷуғрофии маҳал назар ба дигар намудҳои нақлиёт. Парвози бетаваққуфи тӯлониро соҳиб буда, парвозро дар баландиҳои зиёд анҷом дода, ҳавопаймоҳо дилхоҳ мушкилоти бо релефи маҳал алоқамандро бартараф месозанд;

– имконияти зуд ташкил кардани хатсайри ҳавоӣ ва зудҳаракатии баланд дар шароити тамоюлоти маҷмӯи борҳо ва мусофирон. Дар нуқтаҳои аввалин ва охирини ноҳияҳои роҳнадошта сохтани фурудгоҳҳо назар ба сохтмони хокрезаи роҳи оҳан ё роҳи автомобилгард хароҷоти нисбатан камва мӯҳлати кӯтоҳро тақозо менамоянд. Дар нақлиёти ҳавоӣ метавон бо парки ҳавопаймоӣ-чархболӣ онро ба таври муносиб вобаста аз талабот ба ҳамлу нақл тақсим карда, моҳирона ҳаракат намуд;

– имконияти зуд ташкил намудани роҳҳои ҳавоии иловагӣ дар байни фурудгоҳҳои амалкунанда;

– аз ҳисоби тезониданиҷараёни бурда расонидани мусофирон дар муқоиса бо дигар намудҳои нақлиёт сарфа намудани вақти ҷамъиятиро ба миён меоварад.

Самаранокии хоҷагии халқи нақлиёти ҳавоӣ дар он ифода меёбад, ки қисми зиёди ҳамлу нақли мусофиронро бар ӯҳдаи худ гирифта, нақлиёти ҳавоӣ ба нақлиёти роҳи оҳан имкон медиҳад, ки шумораи қатораҳои мусофиркашонро кам карда, миқдори ҳаракатҳои боркашониро зиёд намояд.[4]

Ғайр аз ин, якчанд хусусиятҳои асосии техникӣ-истифодабарӣ ва хубию манзалати нақлиёти ҳавоӣ мавҷуд инҳо мебошанд, аз ҷумла:

---

[4] Катаев А.Х. Транспортный рынок [Текст] / А.Х. Катаев, В.А. Кабинов. - Душанбе: ТТУ, 1995. - 188 с

– суръати баланди расонидани мусофирон ва борҳо;

– зудҳаракатӣ ва фаврият, ҳангоми ташкили хатсайрҳои нав;

– имконияти зуд ҷойгиркунии ҷамъи нақлиёти роҳи оҳан, ҳангоми тағйирёбии гардиши мусофирон, аз ҷумла, бинобар сабаби садама дар намудҳои дигари нақлиёт;

– парвозҳои зиёд бетаваққуфӣ;

– роҳи кӯтоҳтарини ҳаракат;

– имконияти номаҳдуди кашонидан (имрӯзҳо онҳо танҳо аз рӯи ғунҷоиши аэродромҳо маҳдуд мебошанд).

Технологияи кори нақлиёти ҳавоӣ низ хусусиятҳои худро дорад. Пеш аз ҳама, ҳаракати қотеъона аз рӯи ҷадвал амалӣ мегардад, ки он бо мураккабии ташкили парвозу нишастан дар майдони аэродром алоқаманд буда, ҳар як воҳид коридори ҳаракати худро дорад, ки пеш аз ҳама ба суръат ва борбардории ҳавопаймо вобаста мебошад.

Хусусияти нақлиёти ҳавоӣ, аз ҷумла дар баъзе ноқисиҳои он баръало зоҳир мегардад. Нисбатан муҳимтарини онҳо ба тариқи зайл мебошанд:

– бехатарии роҳи ҳавоӣ на ҳамеша баланд аст;

– бинобар вазъи обу ҳаво муназзамии парвозҳо вайрон мешавад ва албатта ҷадвали ҳаракати ҳавопаймоҳо низ тағйир меёбад;

– таъсири номусоид ба муҳити атроф;

– нисбатан баланд будани арзиши хизматрасониҳои нақлиёти авиатсионӣ.

Ба таври васеъ истифода намудани хусусиятҳои нақлиёти ҳавоӣ барои баланд бардоштани нақши авиатсияи граждании мусоидат мекунад ва дарбаробари такмили техникаи авиатсионӣ беҳтар шудани нишондиҳандаҳои «муттасилии ҳаракат» ва «арзиши аслии ҳамлу нақл» аз рӯи онҳо нақлиёти ҳавоӣ дар бисёр ҳолатҳо назар ба дигар намуди воситаҳои ҳаракат ақиб мемонад[5].

[5]Лыкова Л.Н. Налоговая система и проблемы финансового выравнивания в России. Роль государства в становлении и регулирования рыночной экономики [Текст] / Л.Н. Лыкова // Материалы научно-практической конференции. Т.: Совет федерации. – 1998. – С. 44.

Нақлиёти ҳавоӣ қисми начандон калони маҷмӯи гардиши бори ҳамаи намудҳои нақлиётро камтар аз 1 % иҷро менамояд. Он борро бо суръати баланд кашонида, барои баланд гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодии корҳои он, аз ҷумла соҳаҳои хоҷагии халқ мусоидат менамояд, ки аз хизматрасонии он истифода мекунанд, чунки зуд расонидани борҳо имкон медиҳад, ки вақти дар роҳ будаи онҳо кӯтоҳ карда шавад.[6]

Ҳаҷми борҳое, ки нақлиёти ҳавоӣ мекашонад на он қадар калон мебошад. Номгӯи борҳо маҳдуд буда, борҳои арзишнок, борҳое, ки ба таври фаврӣ кашониданро тақозо мекунанд, ба монанди ёрии башардӯстона, доруворӣ, молҳои хӯрокворӣ ва саноатӣ барои минтақаҳои дурдаст, борҳо барои ҳолатҳои фавқулода. Ҳиссаи ҳамлу нақли борҳо дар айни замон тақрибан 15% ҳаҷми умумии интиқоли авиатсиониро ташкил медиҳад. Тавассути нақлиёти ҳавоӣ борҳои гуногун интиқол дода мешаванд. Дар байни онҳо ҷойи асосиро борҳои таъминоти моддӣ-техникии корхонаҳоисаноатӣ ва сохтмонҳои нав (механизмҳо, қисмҳои эҳтиётӣ, асбобҳои ченкунанда, таҷҳизоти электротехникӣ ва радиотехникӣ, дастгоҳҳо, воситаҳо, симҳо, ноқилҳо ва ғайраҳо (тақрибан 65-75%)), борҳои зудвайроншаванда (15-20%) ва дигар намудҳои борҳо ишғол менамоянд.

Нақлиёти ҳавоӣ борҳои хавфнокро низ аз қабили заҳрнокҳо, таркандаҳо, зудоташгирандаҳо ва ғайраҳо мекашонад. Ба туфайли суръати баланди расонидан, сарбории камтарин, имконияти ҷудо будан аз наздикии хавфнок бо дигар борҳо ба бехатарии калони кашонидани чунин борҳо муяссар мегардад. Инчунин, ба шумори борҳое, ки нақлиёти ҳавоӣ мекашонад кинофилмҳо, баъзе борҳои истифодаи васеъ ва асосан борҳои арзишнок – металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо, молҳои мӯйина, асарҳои санъат, чизҳои атиқа ва ғайраҳо мансуб мебошанд.

Суръати баланди афзоиши ҳамлу нақли ҳавоии борҳо бо зиёдшавии имкониятҳои авиатсияи гражданӣ (ба истифода додани ҳавопаймоҳои

---

[6] Малов В.Ю. Материалы научно-практической конференции «Транспортные инвестиционные проекты: народнохозяйственная, региональная и коммерческая эффективности» [Текст] / В.Ю. Малов. - М.: СОПС РАН, 2005. – 256 с

баландсуръати иқтидори борбардориашон калон), зиёд шудани суръати расонидан, афзоиши истеҳсоли молҳои саноатӣ ва кишоварзӣ, ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда алоқаманд мебошад.[7]

Дар радифи корҳои нақлиётӣ (кашонидани мусофирон, почта ва борҳо) авиатсияи гражданӣ, инчунин ба пошидани поруҳо, воситаҳои химиявии муҳофизати растаниҳо ва дигар корҳои хоҷагиҳои деҳот ва ҷангал машғул мебошад. Он иктишофҳои геологӣ, географӣ, моҳидорӣ ва обуҳавосанҷиро таъмин карда, дар сохтани хатти интиқоли барқ, манораҳои нефту заминпармакунӣ, насби лӯлаҳои калон, лӯлаҳои нефт дар минтақаҳои ботлоқӣ иштирок карда, бо мақсадҳои тиббӣ низ истифода мешавад.

Дар шабакаи сершоҳаи роҳҳои ҳавоӣ ҷойи махсусро хатсайрҳои байналмилалӣ ишғол менамоянд, ки инкишофи онҳо барои сиёсати хориҷии сулҳхоҳона ва кӯшиши мамлакати мо барои ҳамкории судманд мусоидат менамояд.[8] Тоҷикистон робитаҳои ҳавоии байналмилалии худро аз рӯи принсипҳои зерин рушд дода, инкишоф ёфта истодааст: имконият баробар ҳангоми бастани созишномаҳо оид ба роҳҳои ҳавоӣ, дар таҷриба ба таври қатъӣ риоя намудани парвозҳои байналмилалӣ, риояи принсипҳои мустақилият ва баробарии давлатҳои хурду бузург, мутобиқати воқеии ӯҳдадориҳои шартномавӣ оид ба нақлиёти ҳавоӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ.

Ҳолат ва рушди нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ ба қисми зиёди муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, аз ҷумла таъмини амнияти миллӣ таъсир мерасонад. Даҳсолаҳои охир мушаххасан нишон дод, ки ба

---

[7] Позамантир Э.И. О народнохозяйственной эффективности ресурсосбережения на транспорте [Текст] / Э.И. Позамантир, Т.И. Тищенко // Экономика и математические методы. - 2004. - Т.40. - Вып.1. – С. 75-89.

[8] Самохвалов А.Д. Укркпление экономическиъ основ федерализма – стратегический ресурс подъема экономики России [Текст] / А.Д. Самохвалов // Федерализм. – 1998. - № 4. – С. 128.

амалкарди нақлиёти ҳавоӣ ғайр аз вазъи иқтисодӣ боз низоми идоракунии соҳа таъсири муҳим мерасонад.[9]

Дар шароити муосир дар ҷумҳурӣ ба таври нокифоя таъмин ва муҷаҳҳаз будани фурудгоҳҳо бо таҷҳизоти муосир, алалхусус авровокзалҳова комплексҳои борҳо, ки боиси вайроншавии раванди технологии ҳамлу нақл мегарданд, коҳишёбии комфорт ва сифати хизматрасонӣ ба мусофирон, вайронкунии муҳлати нигоҳдорӣ ва расонидани борҳо мушоҳида мешаванд. Сабаби асосии сатҳи пасти техникии фурудгоҳҳои ҷумҳурӣ ин нокифоя будани ҳаҷми инвеститсия барои дастгирӣ ва рушди фурудгоҳҳо мебошад. Аз ин рӯ, бинобар нокифоя будани маблағгузорӣ сохтмони як қатор объектҳои сохташаванда қатъ гардиданд.

Манбаи асосии инвеститсия дар рушди фурудгоҳҳо дар даҳсолаҳои охир сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ мебошанд, ки 50-70%- и онҳоро маблағҳои худии муассиса ташкил медиҳанд. Маълум аст, ки ин сарчашма барои навсозии аксари фурудгоҳҳо басанда намебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 зарурати «тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ овардани роҳҳои оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ ва ҳамаи намудҳои нақлиёт, бо дар бар гирифтани рушди намудҳои ғайрианъанавӣ ва махсуси коммуникатсияи нақлиётии таъминкунандаи рушди босуръати муассисаҳои бахши воқеии иқтисодиёт»[10] қайд шудааст. Бинобар ин, дар самтҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ дарояндаи дарозмуҳлат авиатсияи гражданӣ дар комплекси нақлиётӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад. Таъмини ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон барои ҳаракати озодона новобаста аз ҷойи истиқомат, хусусиятҳои ҷуғрофии ҷумҳурӣ, бехатарии геополитикӣ ва давлатӣ, инчунин нақши минтақаҳои алоҳидаро бидуни нақлиёти ҳавоӣ, ки барои аксари аҳолии мамлакат дастрас мебошад, ҳаллу фасл намудан

[9] Сергеев И.В. Организация и финансирование инвестиций [Текст] / И.В. Сергеев, И.И. Веретенникова. - М.: Финансы и статистики, 2000. – 271 с.

[10] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030. – Душанбе. – 2016. - С. 40.

номумкин мебошад. Ҳарчанде, ки дар ҳоли ҳозир миқдори даромади қисми зиёди аҳолии мамлакат дар муқоиса бо тарофаҳои миёнаи ҳамлу нақли ҳавоӣ ниҳоят паст мебошад.

Агар, дар соли 1992-ум тарофаи миёна дар сатҳи 27% аз музди меҳнати ҳисоби миёна бошад, дар айни замон он зиёда аз 250%-ро ташкил медиҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки намуди оммавии нақлиёт – нақлиёти ҳавоӣ ба нақлиёти олимартабаҳо табдил ёфта, танҳо тақрибан 5%-и аҳолӣ аз он истифода мебаранд. Инчунин, рақобати баланди бозори ҳамлу нақли ҳавоӣ, хусусигардонӣ ва маҳдудсозии имкониятҳои инвеститсионии ширкатҳои ҳавопаймоӣ, миқдори зиёди фурудгоҳҳои ҳамлу нақли байналмилалии анҷомдиҳанда ба фаъолияти нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонанд ин боиси хароҷоти иловагии маблағи буҷетӣ мегардад.

Бояд қайд кард, ки дар нақлиёти ҳавоӣ хусусиятҳои умумие вуҷуд доранд, ки барои тамоми низоми нақлиётӣ хос мебошанд. Ба хусусиятҳои умумии истеҳсолоти нақлиётӣ ҳамчун объекти идоракунӣ инҳо мансуб мебошанд:

– нақлиёт маҳсулоти амалиро истеҳсол намекунад. Маҳсулоти нақлиёт дар алоҳидагӣ аз раванди истеҳсолот вуҷуд надорад, онро ҷамъ кардан ва дар анбор нигоҳ доштан ғайриимкон мебошад;

– нақлиёт хосияти байнисоҳавӣ дорад, чунки шарти умумии истеҳсолоти моддӣ, ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеа мебошад;

– дар нақлиёт қисми зиёди воситаҳои истеҳсолот ғайридоимӣ, яъне ҳаракаткунанда мебошанд, ки идоракунии раванди истеҳсолотро мушкил мегардонад;

– воситаҳои фазоии парокандаи истеҳсолоти нақлиёт бо ҳам амал мекунанд, бинобар ин тамаркуз ва назорати қатъӣ зарур аст;

– раванди ҳамлу нақл ғунҷоиши баланди энергетикӣ дорад;

– нақлиёт яке аз соҳаҳои маблағсарфкунандаи хоҷагии халқ мебошад ва муҷаҳҳазгардонии техникии он муддати тӯлонӣ ва хароҷоти зиёдро тақозо мекунад;

– вобастагии калони самаранокии кори нақлиёт аз амалиёти географии ин борҳо. Дар баъзе намуди нақлиёт, алалхусус нақлиёти ҳавоӣ, обӣ, автомобилӣ талафоти имкониятҳои боркашонӣ тибқи шароити обу ҳаво 10-15%-ро ташкил медиҳад;

– ғайридоимӣ будани борпуркунии иқтидорҳои истеҳсолии нақлиёт бо назардошти нобаробарии калони (фазоӣ ва замонӣ) мусофирон ва маҷмӯи борҳо;

– нақлиёт ба шумори соҳаҳои хавфи калондошта мансуб мебошад. Ин аз як тарафсабабгори садамаҳои зиёд (автомобилӣ), бехатарии экологӣ (автомобилӣ) мебошад. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи ҳамаи намуди нақлиёт дар ифлосшавии муҳити атроф 40-50%-ро ташкил медиҳад (тақрибан нисфи ифлосиро нақлиёт мебарорад);

– мураккабии баҳои аниқи иқтисодии намудҳои гуногуни ҳамлу нақл, кашонидани намудҳои мухталифи борҳо.

Нақлиёти ҳавоӣ сохтори мураккаб ва алоқаҳои ниҳоят мураккаби печдарпечи дохилӣ ва берунӣ дошта, тавассути онҳо самаранокии фаъолият муайян мекунанд. Барои коркард ва ҷорӣ намудани усулҳои миқдории баҳогузории самаранокии нақлиёти ҳавоӣ ҳамчун воситаҳои идоракунӣ зарур аст, ки таҳлили сифатии пешакӣ ва сохторсозии онро гузаронида, алоқаҳои дохилӣ ва берунии он ошкор гардида дар он шакле пешниҳод шаванд, ки тавонем раванди рушд ва амалкарди онро шарҳ диҳем.Инчунин, ифодакунандаи вобастагии робитаҳои байни натиҷаҳои ниҳоии фаъолият, меъёрҳои мақсаднокӣ, хароҷоти захираҳо ва дигар омилҳои муайянкунандаи самаранокӣ муқаррар карда шаванд.[11] Ин кори ниҳоят мураккаб ва заҳматталаб мебошад, ки онро метавон танҳо бо ёрии муносибати системавӣ нисбат ба таҳқиқоти самаранокӣ бомуваффақият иҷро намуд. Аз мавқеи муносибати системавӣ нақлиёти ҳавоӣ дар худ

[11] Холматов М.М. Вопросы проектирования информационно-коммуникационных сетей в управления транспортным потоком [Текст] / М.М. Холматов // Материалы научно-практической конференции «Проблемы развития транспортной системы Республики Таджикистан». - Душанбе. – 2012. – С.36

низоми калони иҷтимоӣ-иқтисодии аз унсурҳои зиёд таркибёфтаро таҷассум мекунад:

$M_{нх}$ =(M1, M2, M3, M4, M5), (1, 1), ки дар ин ҷо M1, M2, M3, M4, M5 низоми техникӣ, истеҳсолӣ-технологӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии нақлиёти ҳавоӣ мебошанд. Низоми техникии нақлиёти ҳавоӣ ин мошинҳо, дастгоҳҳо, низоми техникӣ, таҷҳизот ва иншооти зиёде мебошанд, ки амалкарди авиатсияи гражданиро таъмин мекунанд. Унсурҳои асосии низоми техникӣ инҳо мебошанд:

– парки ҳавопаймоӣ-чархболӣ;

– низоми воситаҳои техникии идоракунии ҳаракатҳои ҳавоӣ;

– низоми воситаҳои техникии хизматрасониҳои фаврии ҳавопаймоҳо ва мусофирон дар фурудгоҳҳо;

– пойгоҳи авиатсионӣ-техникӣ;

– корхонаҳои таъмири авиатсионӣ;

– воситаҳои техникии хатти ҳавоӣ; воситаҳои идоракунӣ ва иттилоот (воситаҳои техникии идоракунии авиатсия);

– комплексҳои дастгоҳҳои машқ.

Раванди техникӣ камтар ҳаракаткунанда мебошад ва шакли махсуси идоракуниро тақозо менамояд. Дар марҳилаи кунунӣ воситаи нисбатан самараноки рушди низоми техникии аз нав таҷҳизонидани техникӣ ба ҳисоб меравад.

Низоми технологии нақлиёти ҳавоӣ амалиёт ва равандҳои зиёди амалкарди низоми техникиро, яъне равандҳои истеҳсоли нақлиёти ҳавоиро дар бар мегирад.[12] Низоми мазкур унсурҳои асосии зеринро дар бар мегирад: ҳамлу нақли мусофирон ва борҳо; идоракунии ҳаракати ҳавоӣ дар фурудгоҳҳо ва роҳҳои ҳавоӣ; таъмини моддӣ-техникӣ; хизматрасонии техникии техникаи авиатсионӣ; таъмири техникаи авиатсионӣ; аз нав таҷҳизонидани техникии истеҳсолот; сохтмони асосӣ; хизматрасонии

---

[12] Холматов М.М. Одно из направлений выявления качества экономического роста в инфраструктуре РТ на основе создания информационно - коммуникационных сетей [Текст] / М.М. Холматов // Материалы научно-практической конференции «Разработка и внедрение информационных технологий в экономике РТ». – Душанбе. – 2013. – С. 69

мусофирон дар фурудгоҳҳо ва роҳҳои ҳавоӣ; омода намудани кадрҳо. Низоми технологӣ дар худ низоми хизматрасонии оммавиро таҷассум мекунад. Идоракунии ин низом бо истифода аз асноди марбутаи технологӣ амалӣ карда мешавад.

Низоми ташкилии нақлиёти ҳавоӣ инҳоро дар бар мегирад: банақшагирӣ, ки ҳалқаи марказии идоракунӣ мебошад; сохтори ташкилии мақомоти хоҷагидорӣ, методҳо ва усулҳои кори онҳо; шаклҳои гуногуни иштироки коллективи меҳнатӣ дар идоракунии истеҳсолот. Низоми ташкилии нақлиёти ҳавоӣ дорои се сатҳ мебошад: якум – роҳбарии вазорат; дуюм – раёсати асосӣ ва раёсатҳои вазорат, иттиҳодияҳои истеҳсолии ҷумҳуриявӣ, раёсатҳои минтақавии истифодабарӣ, иттиҳодияи истеҳсолии сохтмонию насбкунӣ, ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳакашӣ, муассисаҳои таълимӣ; сеюм – муассисаҳои авиатсионии истифодабарӣ, воҳидҳои таъмири авиатсионӣ, раёсати сохтмонию насбкунӣ.[13]

Низоми иҷтимоии нақлиёти ҳавоӣ дар худ маҷмӯи чорабиниҳои ба рушди иҷтимоии соҳа равонашударо таҷассум менамояд. Ба чунин чорабиниҳо инҳо мансуб мебошанд:

– беҳтар намудани шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ,меҳнатӣ, истеҳсолӣ ва тақвият бахшидан ба хосияти эҷодкорӣ;

– коҳиш додани меҳнати ҷисмонии дастӣ, камихтисос ва вазнин;

– амалисозии сохтмони манзил ва баланд бардоштани сифати манзил яке аз самтҳои муҳимтарини беҳтар гардонидани зиндагии кормандони соҳа;

– нисбатан пурра якҷоя кардани ҳавасмандиҳои моддӣ ва маънавӣ, пурзӯр намудани таъсири онҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ, афзоиши маҳсулнокии меҳнат, баланд бардоштани сифати маҳсулот, сарфакорона истифода намудани захираҳои моддӣ;

---

[13] Штульберг Б.М., Регулирование территориального развития в условиях рыночной экономики [Текст] / Б.М. Штульберг, В.В. Котилко, А.О. Полынев, Е.Н. Левитская. - М.: Наука, 1993. – 127 с.

–инкишофи минбаъдаи демократия, фаъолнокии ҷамъият ва ташаббусҳои кормандон;

– ҳаматарафа паҳн намудани таҷрибаи пешқадам;

– баланд бардоштани сатҳи таҳсилот ва фарҳангӣ-техникии кормандон;

– пурзӯр намудани ҳифзи муҳити атроф, ташкили шароити нисбатан мусоид барои тарбияи бачаҳо ва мустаҳкам намудани саломатии кормандон;

– такмили минбаъдаи низоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, рушди иҷтимоии коллективҳо ва ташкили фазои самарабахши равонӣ дар ташкилотҳо ва муассисаҳои соҳа.

Рушди низоми иҷтимоии соҳа дар асоси барномаҳо ва нақшаҳои рушди иҷтимоӣ амалӣ карда мешаванд, ки фаслҳои асосии нақшаҳои дурнамо ва ҷории рушди соҳа, ташкилот ва муассисаҳоро дар бар мегирад.

Низоми иқтисодии нақлиёти ҳавоӣ аз равандҳо ва робитаҳои зиёди иқтисодии ҳамаҷонибаи истеҳсолот иборат мебошад. Ба сифати унсурҳои асосии низоми иқтисодӣ инҳоро дохил кардан мумкин мебошад:

– захираҳои меҳнатӣ, моддӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ;

– тағйирдиҳандаҳои иқтисодӣ-идоракунӣ.

Хосияти алоқаҳо байни унсурҳои ҷудогонаи низоми иқтисодӣ аз рӯи равандҳои истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истеъмолот муайян карда мешавад, ки онҳо дар навбати худ аз навъҳои муносибатҳои истеҳсолӣ вобаста мебошанд. Ба маънои васеъ, зери мафҳуми низоми иқтисодӣ низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ, яъне маҷмӯи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ фаҳмида мешаванд. Дар таҳлили таҷрибавӣ таҳти мафҳуми низоми иқтисодӣ низоми муносибатҳои истеҳсолӣ дар раванди истеҳсолот дар назар дошта мешавад. Даромадгоҳи низоми иқтисодӣ маҷмӯи захираҳои моддӣ-ашёӣ буда, баромадгоҳи он предметҳои моддӣ-ашёии истеъмолот (барои авиатсияи граждании интиқоли мусофирон ва борҳо, инчунин ба даст овардани натиҷа аз ин фаъолият) мебошанд. Рушди низоми иқтисодӣ дар худ раванди ҳаракати муттасили фондҳои пулӣ,

истеҳсолӣ ва шакли молии фондҳои истеҳсолиро таҷассум менамояд.[14] Ҳаракати ин фондҳо аз якҷояшавии мураккабе иборат мебошад, ки мутобиқати доимиро дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ тақозо мекунад.

Унсурҳои асосии дар боло баррасишудаи низоми нақлиёти ҳавоӣ дар алоқамандии байниҳамдигарии мураккабе қарор доранд, ки омӯзиши онҳо вазифаи асосии таҳлили сохторӣ мебошад. Таҳлили сохторӣ мақсади тасдиқи сохтори низомро дошта, дар ин асос ҳолати имконпазири он шарҳ дода мешавад. Зери мафҳуми сохтори низом, сохти он ва шакли дохилии ташкилот фаҳмида мешавад, ки ягонагии устувори алоқаи байниҳамдигарии унсурҳои он баромад мекунанд. Бо ибораи дигар он чизе, ки дар раванди аз тарафи низом иҷро намудани вазифаҳои додашуда (амалиёт) бетағйир боқӣ мемонанд.

Модели сохтории низом дар худ навиштаҷоти шартӣ ё тасвири графикии сохторро таҷассум менамояд, ки имкон медиҳанд, ҳолати қобилияти кории низом тавассути ҳолатҳои имконпазири унсурҳои он бо назардошти робитаҳо ва таъйиноти вазифавии ниҳоӣ инъикос карда шавад. Вобаста аз мақсадҳо ва вазифаҳои таҳқиқот ҳангоми сохтани модели сохторӣ дар навбати аввал метавон ё ин ки қисмати дигари сохтор пешбарӣ гардад. Масалан, ҳангоми омӯзиши изоморфизми низом пеш аз ҳама чунин қисмати сохтории онҳо ошкор мегардад, ки ҳамчун қонуни умумии муносибатҳои вазифавӣ, таҳқиқи он яке аз вазифаҳои муҳимтарини кибернетикаро ташкил медиҳад. Агар, хусусиятҳои хоси сохти низом, табиат, моҳият ва алоқаи байниҳамдигарии онҳо мавриди омӯзиш қарор гирад, он гоҳ дар навбати аввал нигоҳдории моддии сохтор, яъне маҷмӯи унсурҳои таркибӣ дар алоқаи байниҳамдигарӣ пешниҳод мегардад.

[14] Хурсевич С.Н. Новый этап развития межобластных отношений [Текст] / С.Н. Хурсевич // Федеративные отношения и региональная соципльно-экономическая политика. - 1999. - №1. - С.18-23

Ҳангоми сохтани модели сохтории низом бояд он чиз ба назар гирифта шавад, ки таркиби ягонаи моддии низом ва сохтори он тавонад вобаста аз хосияти алоқаи унсурҳо гуногун гардад. Модели сохтории низом бояд ниҳоят аниқ дар символика ҳолати имконпазири низомро тавассути ҳолатҳои эҳтимолии унсурҳо шарҳ дода, меъёри самаранокии низомро тавассути нишондиҳандаҳои самаранокии унсурҳо якранг ифода намояд ва ба принсипҳои ниҳоят оддии сохти онҳо асос ёбад.

Дар таҷрибаи таҳқиқоти низомӣ ду навъи моделҳои сохторӣ ба таври васеъ истифода мешаванд: графикӣ ва таҳлилӣ. Модели графикӣ дар шакли блок-схема ё дар шакли сутун пешниҳод мегардад.

Раванди сохтани модели сохтории низом дар тақсимкунии унсурҳои он ифода меёбад, яъне пешниҳоди низом дар шакли маҷмӯи зернизом, ки зиёдии декомпозитсионӣ номида мешавад. Дар натиҷаи кори аввали декомпозитсия зернизомҳо ё блоки сатҳи аввал ташкил меёбанд. Кори дуюми декомпозитсия тақсимкунии зернизоми сатҳи аввал ба зернизомҳои (блокҳои) сатҳи дуюм. Дар ҷамъбасти декомпозитсияи пайдарҳам низомро дар шакли дарахти (сутуни) зернизоми сатҳҳои гуногун тасвир мекунанд.

Хизматрасонии дар сатҳи хубташкилшаванда шарти зарурии баланд бардоштани сифати кори нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ дар давраи гузариш ба марҳилаи нави рушд ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои таҳлилҳои сершумори иқтисодӣ тасдиқ мекунанд, ки омили муайянкунандаи он нишондиҳандаи сифатӣ мебошад (тибқи маълумоти ташкилоти Аврупоӣ оид ба сифат, нишондиҳандаи мазкур 47,6%-и миқдори умумии талаботи пешниҳодкунандаи истеъмолкунандагонро нисбат ба маҳсулот ва хизматрасониҳо ташкил медиҳад). Мафҳуми «сифат» ба маънои васеъ дар худ категорияи фалсафиеро таҷассум намуда, ҳолати объекти мавҷударо ифода менамояд. Чунин хусусиятҳо барои тавсифи хизматрасонӣ ва фаъолияти амалӣ оид ба баҳогузории он муҳим мебошад. То имрӯз усулҳои миқдории самаранокии баҳогузории сифати хизматрасониҳо вуҷуд надорад. Аз рӯи Стандарти давлатии умумииттифоқӣ Р-50691–94 «Модели таъмини сифати хизматрасонӣ» сифати хизматрасонӣ маҷмӯи тавсифоти

хизматрасониҳои муайянкунандаи қобилияти он барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти муқарраршуда ё пешниҳодшавандаи истеъмолкунанда мебошад.[15]

Ба таҳлили мафҳуми «сифат» таҳқиқоти бисёр мутахассисон бахшида шудааст. Аксаран ба мувофиқати ақидаҳои онҳо нигоҳ накарда, андешаҳои онҳоро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд. Намояндагони гурӯҳи якум чунин ҳисоб мекунанд, ки бояд ҳамон маҳсулот ё хизматрасонӣ босифат шуморида шавад, ки тавсифоти онҳо талаботи мушаххаси миқдори зиёдро қонеъ мегардонад. Ҳолатҳои асосии ин мавқеъгирӣ чунин аст:

– зарур аст, ки сифат муайян (муқаррар) карда шавад, дар ҳолати баръакс идоракунии он ғайриимкон мегардад;

– агар талабот дар шакли маънои миқдорӣ муқаррар шуда бошад, метавон тавсифоти хизматрасониҳоро барои муайян сохтани мутобиқати онҳо ба талабот чен кард.

Намояндагони нуқтаи назари дуюм бар он ақидаанд, ки сифат на бо ягон хел тавсифоти ченшаванда, балки тавассути сатҳи интизории қонеъгардии талабот истеъмолкунанда нисбат ба хизматрасонии пешниҳодшуда муайян карда мешавад. Намояндаҳои нуқтаи назари якум, яъне сифат чун «мутобиқат ба талабот», масалан, ақидаи муаллиф Ф. Кросби мебошад. Ба гурӯҳи дуюм, ки сифатро бо қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ва интизории истеъмолкунандагон алоқаманд медонанд, метавон А.Фейгенбаум, Э. Деминг, В. Шухарт-ро мансуб донист. Масалан, мувофиқи ақидаи В. Шухарт «ду ҷанбаи сифат» вуҷуд дорад. Яке бо пешниҳод оид ба сифати ашёҳо ҳамчун ҳақиқати воқеӣ алоқаманд аст, ки аз мавҷудияти одам вобаста нест. Ҷанбаи дигар он аст, ки нисбат ба ин ҳақиқати воқеӣ мо фикр мекунем ва ҳис мекунем. Ба ибораи дигар, тарафи

---

[15] Стандарти давлатии умумиттифоқӣ Р-50691–94 «Модели таъмини сифати хизматрасонӣ». - [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://docs.cntd.ru /document / 1200012868., кушода, санаи муроҷиат: 21.05.2020.

субъективии сифат вуҷуд дорад.[16] Ҳамин тавр, сифат бо эҳтиёҷот алоқаи ногусастанӣ дорад. Масалан, дар Стандартҳои байналмилалии муосир (СБМ) серияи ИСЩ 9000-2000 [17] сифат ҳамчун дар сатҳе муайян карда мешавад, ки бо он маҷмӯи тавсифоти худӣ талаботро иҷро менамояд.[18]

Дар шароити иқтисоди бозорӣ сифати хизматрасониҳо, дар дилхоҳ мол омили муайянкунандаи рақобатпазирии он, аз ҷумла дар нақлиёти ҳавоӣ ба хисоб меравад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таъмини сифати баланди маҳсулоти нақлиёти авиатсионӣ тибқи меъёрҳои таъминоти бехатарӣ ва муназзамии парвозҳо, фарҳанги хизматрасонии мусофирон ва бори мизоҷон инчунин, ҳифзи муҳити атроф дар шароити иқтисоди бозорӣ бидуни назорати давлат аз болои фаъолияти муассисаҳои авиатсионӣ номумкин аст.

Қабул гардидани Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон[19], ки муносибатҳои бо истифодаи фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд ва фаъолиятро дар соҳаи авиатсия ба танзим медарорад ва асоси иҷрои сиёсати давлатро дар ин соҳа муайян месозад, заминаи зарурии ҳуқуқиро барои стандартизатсия, сертификатсия ва иҷозатномадиҳии унсурҳои низоми истеҳсолоти нақлиёти авиатсионӣ, консепсияи нави идоракунии сифати маҳсулот, равандҳо ва хизматрасониҳо дар нақлиёти ҳавоӣ таъсис медиҳад. Нақши ҳуқуқ ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳо оид ба таъмини сифати додашудаи маҳсулоти нақлиёти авиатсионӣ, равандҳо ва хизматрасониҳо аз он иборат

---

16 Shewhart Walter Andrew. Economic control of guality of manufactured product [Назорати иқтисодии сифати маҳсулоти истеҳсолшуда]. - D Van Nostrand Company, 1931. – P. 501.

17 Система менеджмента качества. - [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: htttp // osnova/ ru/biblioteka/ gosty-standarty- zakonodatelstvo – 2/ sistema- menedzhmenta – kachestva/iso/ iso-9000 2000 osnovnye – polozheniya –i- slovar., кушода, санаи муроҷиат: 25.05.2020

18 Бачурин А.А. Маркетинг на автомобильном транспорте [Текст] / А.А. Бачурин. - М.: Академия, 2005. - 296 с.

19 Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбеаз 13 ноябри соли 1998, №720. - [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmk.tj/content., кушода, санаи муроҷиат: 25.05.2020

аст, ки талаботимазкур сифати фаъолияти нақлиёти авиатсиониро муқаррар менамояд, мақоми низоми идоракунии давлатии сифатро дар нақлиёти ҳавоӣ, роҳҳо ва методҳои таъсири онро ба объекти идоракунӣ мустаҳкам мегардонад.

Фаъолияти бо муваффақияти муассисаҳои авиатсионӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ метавонад танҳо ҳангоми таъмини сифати баланди равандҳо, корҳо ва хизматрасониҳои нақлиёти авиатсионӣ бо назардошти иҷрои дархост ва интизориҳои истеъмолкунандагони худ ва дигар тарафҳои манфиатдор барои таъмини бартариҳои зарурӣ дар муборизаи рақобат дар бозори ҳамлу нақли авиатсионӣ ва таъмини бехатарии ҳамлу нақли ҳавоӣ амалӣ карда шаванд.[20]

Фаъолияти ҳамаи хадамоти муассисаҳои авиатсионӣ, новобаста аз ҳаҷм фоиданокии он, алалхусус оид ба сатҳи қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти мусофирон ва фармоишдиҳанда дар хизматрасонии нақлиётӣ сухан намеравад. Кори нақлиёти ҳавоӣ метавонад назар ба самараи натиҷаи ниҳоии дарёфткардааш аз рӯи хароҷоташ бештар бошад.[21] Аз ин рӯ, бояд чунин намуди корҳоро, ба монанди хизматрасониҳо – маҷмӯи амалҳо (амалиёт), ки хизматрасонандаҳо дар робитаи бевосита бо истеъмолкунандагон анҷом медиҳанд, дар назар дошт. Барои ин бояд шароити хизматрасонӣ – маҷмӯи омилҳои ба истеъмолкунандаи (фармоишгари) хизматрасониҳо таъсиррасонанда дар раванди гирифтани хизматрасониҳо бо назардошти хусусиятҳои он дар фарқият аз маҳсулоти моддӣ, аз қабили ғайримоддӣ будани он, ҳуқуқ ба хизматрасонии истеҳсолкунанда доимӣ буда, хизматрасонӣ набояд қабл аз харидорӣ намоиш дода шавад. Онро наметавон дар анбор нигоҳ дошт, таъмир кард, истеҳсоли хизматрасонӣ ва истеъмоли он ҳамзамон мегузарад. Дар ташкили хизматрасонӣ ҳарду тараф ҳам истеъмолкунанда ва ҳам истеҳсолкунанда иштирок мекунанд.

[20] Бобоев О. Модернизация транспортно - коммуникационной модели Республики Таджикистан [Текст]: монография / О. Бобоев. - Д.: «Нодир», 2012. - 317 с.

[21] Бауэрсокс Д. Логистика: интегрированная цепь поставок [Текст]: пер. с англ.-2-е изд. / Д. Бауэрсокс, Дж. Дейвид, Дж. Класс. - М.: Олимп-Бизнес, 2005. - 639 с.

## 1.2. Муҳтаво ва механизмҳои идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ

Нақлиёти ҳавоӣ ба соҳаи илмталаб ва баландтехнологияи иқтисодиёти миллӣ мансуб буда, яке аз қисматҳои ояндадор ва дархостшавандаи инфрасохтори тамаддуни муосир мебошад. Низоми идоракунии нақлиёти ҳавоӣ бо хусусиятҳои умумӣ ва принсипҳои низоми нақлиётӣ ифода меёбад.

Чихеле, ки маълум аст, мақсади нақлиёт аз пурра ва босифат қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ бо хизматрасониҳои нақлиётӣ дар асоси ташаккул ва амалкарди мусофиркашонии самаранок ва боркашонии низоми ҳамлу нақл иборат мебошад. Барои амалисозии ин мақсад бояд масъалаҳои зерин ҳаллу фасл гарданд:

– ташаккули бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ дар асоси рақобат ва ҳамкории байниҳамдигарии муассисаҳои нақлиётии ҳамаи шаклҳои моликият;

– ҷорӣ намудани технологияи самараноки нақлиётӣ;

– якҷояшавии нақлиёти ватанӣ бо низоми нақлиёти ҷаҳонӣ дар шароити мутақобилаи муфид;

– таъсиси заминаи қонунгузорӣ ва меъёрие, ки пешниҳоди хизматрасонии нақлиётиро ба эҳтиёҷмандон кафолат медиҳад.

Принсипҳои асосии идоракунии давлатии нақлиёт дар шароити муосир ҳолатҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Нақлиёт яке аз соҳаҳои муҳимтарини инфрасохтори иқтисодӣ ҳисоб меёбад ва аз тарафи давлат ҳамчун соҳаи афзалиятнок баррасӣ мегардад, чунки фаъолияти он ба рушди иқтисодии мамлакат таъсири калон мерасонад;

2. Таъмини ҳамаи муассисаҳои нақлиётии тамоми шаклҳои моликият бо шароити баробар ва кафолати ҳуқуқии фаъолияти онҳо;

3. Танзими иқтисодии давлатӣ дар ташкили бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва назорати иҷозати воридшавии муассисаҳо ба

бозор, танзими қоидаҳои нархгузорӣ, танзими инвеститсия ва андозбандӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди соҳа;

4. Назорати умумии давлатӣ аз рӯи қоидаҳо ва технологияҳои кори нақлиётӣ оид ба таъмини бехатарии ҳамлу нақл ва дастрасии баробар барои истифодабарандагон.

Дар адабиётҳои соҳавӣ муайян гардидааст, ки хусусиятҳои идоракунии нақлиёт аз инҳо иборат мебошанд:

– зарурати иҷрои аниқи вазифаҳои технологии бо бехатарии ҳамлу нақл алоқаманд;

– яккасардорӣ, интизомнокӣ ва диспетчеркунонӣ дар идоракунии раванди ҳамлу нақл;

– алоқаи ногусастанӣ ва вобастагии байниҳамдигарии ҳамаи ҳалқаҳои занҷири нақлиётӣ.

Бо дарназардошти ин хусусиятҳо дар нақлиёт методҳои идоракунии маъмурӣ (ташкилӣ-амрӣ), иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ истифода мешаванд. Зимнан, методи амрӣ бояд бо методҳои иқтисодӣ ва психологӣ, ки ҳавасмандии меҳнат, самаранокии кор, ҳамдилии иттиҳодиявӣ, ташаббускорӣ ва кордониро таъмин мекунанд, ба таври зарурӣ мувофиқат намояд.

Пас аз гузариши низоми нақлиёт ба шароити бозорӣ ҳангоми гузаштан дар раванди идоракунии комплекси нақлиётӣ тағйиротҳои муҳим ба миён омаданд. Ба ҷойи вазоратҳо ва идораҳо оид ба ҳар як намуди нақлиёт ба таври ягона Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд[22]. Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ муассисаҳои нақлиётиро бевосита идора намекунад, яъне фаъолияти хоҷагидориро анҷом намедиҳад, танҳо танзими умумии низоми нақлиётиро дар мамлакат амалӣ месозад. Бинобар ин, иҷроиши вазифаҳои зеринро ба ӯҳда дорад, аз ҷумла:

---

[22] Максимов В.В. Государственно-частное партнерство на транспортной инфраструктуре. Критерии оценки концессионных конкурсов [Текст] / В.В. Максимов. - М.: Альпина Паблишера, 2010. - 178 с.

– амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ (аз ҷумла, тавассути фармоишоти давлатӣ);

– коркарди лоиҳаҳо, санадҳои қонунгузорӣ, стандартҳо ва меъёрҳои фаъолияти ҳамаи намуди нақлиёт дар қаламрави ҷумҳурӣ;

– таҳияи консепсия ва барномаи рушди комплекси нақлиётии мамлакат;

– ташаккул ва танзими лоиҳаҳои инвеститсионии рушди нақлиёт;

– коркард ва амалисозии сиёсати ягонаи илмӣ-техникӣ ва барномаҳои байнисоҳавии рушди комплекси нақлиётии мамлакат;

– мутобиқат ва ҳамкории намудҳои нақлиёт ҳангоми ҳамлу нақли омехта дар ҳалқаҳои нақлиётӣ ва коридорҳои байналмилалии нақлиётӣ;

– таҳия ва таҳлили сиёсати иқтисодӣ, тарофавӣ ва иҷтимоӣ дар комплекси нақлиётии мамлакат.

Бо мақсади баланд бардоштани рақобатнокӣ дар ҳамаи намудҳои нақлиёт саҳомӣ кардан ва хусусӣ гардонидани муассисаҳо ва воситаҳои алоҳидаи нақлиётӣ, аз ҷумла, ҷамъи нақлиёти роҳи оҳан, баъзе объектҳои хизматрасонии нақлиётӣ ва мусофирон гузаронида шудааст. Фондҳои асосии нақлиёт, низоми идоракунӣ ва сохтори доимӣ (низоми идоракунии ҳамлу нақл, хоҷагии таъмир, таҷҳизоти ёрирасон ва ғайраҳо) аз рӯи намудҳои нақлиёт бо нигоҳдории пурраи саҳм зери назорати давлат саҳомӣ карда шудаанд.

Низоми идоракунии нақлиёти ҳавоӣ бо сатҳи такмили қарорҳои қабулшудаи идоракунӣ алоқаманд мебошад. Бояд қайд кард, ки то имрӯз дар марҳилаҳои қабули қарорҳои идоракунӣ ақидаҳои дигар вуҷуд доранд. Аз ҷумла, М.Х. Мескон, М. Алберт ва Ф. Хедоури қадамҳои зеринро дар раванди қарорҳои идоракунӣ ҷудо мекунанд ва шарҳ медиҳанд: гузориши мақсади қарор; – муқаррар намудани меъёрҳои қарор; – коркарди алтернатив; – муқоисаи алтернатив; – муайянкунии таваккал; – баҳогузории таваккал; – қабули қарор.[23] Ба раванди қабули қарори

[23] Кричевский А.И. Исследование систем управления [Текст]: курс лекций / А.И. Кричевский. – Новосибирск: СибАГС, 2012. - 135 с.

идоракунӣ дар доираи фаъолияти субъектҳои низоми нақлиёти ҳавоӣ омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

– сохтори ташкилии субъекти хоҷагидорӣ;

– тақсимоти ваколатҳо дар ташкилот;

– иштироки кормандон дар қабули қарор;

–сифатҳои шахсияти роҳбар;

– сатҳи таваккал, вақт ва муҳити тағйирёбанда; инчунин маҳдудиятҳои иттилоотӣ ва рафтории субъектҳои хоҷагидори дар низоми нақлиёти ҳавоӣ.

Ҳангоми қабули қарори ниҳоии идоракунӣ бояд онро ба назар гирифт, ки одам назар аз берун вогузоршуда бештар қарори худашро қадр ва эътироф мекунад. Ин омил махсусан дар ширкатҳои муосирии ҷопонӣ дар низоми нақлиёти ҳавоӣ ба назар гирифта мешавад. Пеш аз қабули қарор дар ин ҷо: масъала дар ҳамаи ниҳодҳо, воҳидҳо ва қисмҳо дар муддати тӯлонӣ, муфассал ва ҳаматарафа омӯхта мешавад. Агар дар корманд тасаввуроте пайдо шавад, ки ба ӯ амр мекунанд, он гоҳ ин иштибоҳи калони идоракунӣ, яъне вайронкунии «чандирии иҷтимоӣ» ҳисоб меёбад.

Дар идоракунии дар низоми нақлиёти ҳавоӣ дар айни замон моделҳоро ба таври васеъ истифода мекунанд. Модел ин пеш аз ҳама, пешниҳоди объект, низом ё ғоя дар як шакли фарқкунанда аз худи умумият. Бояд гуфт, ки модел каме ҳолати воқеии ҳаётиро, ки барои он истифода мешавад сода мегардонад. Дар шароити муосир як қатор сабабҳое вуҷуд доранд, ки боиси истифодаи модел ба ҷойи кӯшиши таъсири мустақим бо ҷаҳони воқеӣ мегарданд. Аз байни онҳо дар навбати аввал ҷудо намудани сабабҳои зерин зарур аст:[24]

1. Мураккабӣ. Азбаски ҷаҳони воқеии муосир мураккаб аст ва миқдори тағйироти амалии он берун аз имкониятҳои одам мебошад, дарки

[24] Кричевский А.И. Исследование систем управления [Текст]: курс лекций / А.И. Кричевский. – Новосибирск: СибАГС, 2012. - 135 с.

он мумкин аст, яъне бо роҳи сода кардани ҷаҳони реалӣ ва бо ёрии моделсозӣ.

2. Таҷриба. Дар вақтҳои охир дар низоми нақлиёти ҳавоӣ ҳолатҳои сершумори идоракунӣ дида мешаванд, ки дар онҳо то қабули қарори охирин таҳия ва санҷидани ҳамаи вариантҳои алтернативӣ мувофиқи мақсад мебошад.

3. Тамоюли идоракунӣ дар оянда. Ҳодисае, ки ҳоло вуҷуд надорад ва метавонад ҳеҷ гоҳ рух надиҳад, имконияти мушоҳида карданро надорад. Моделсозӣ дар айни замон роҳи ягонаи системаноки дидани вариантҳои оянда дар низоми нақлиёти ҳавоӣ мебошад ва оқибатҳои имконпазири қарорҳои алтернативиро муайян карда, имконияти муқоиса намудани онҳоро медиҳад.

Мувофиқи ақидаи Ларичев О.И. дар шароити муосир навъҳои асосии моделҳои қарорҳои идоракунӣ инҳо мебошанд:[25]

– модели физикӣ, бо ёрии шарҳи зиёдкардашуда ё камкардашудаи объект (модели меъмории шаҳр) таҳқиқ карда мешавад;

– модели мушобеҳ, яъне мушобеҳи объекти мавриди таҳқиқро пешниҳод мекунад, вале он обекти ҳақиқӣ нест. Инҳо мебошанд графика, нақша ва ғайраҳо. Мисоли равшани модели мушобеҳ нақшаи ташкилии субъекти хоҷагидор дар низоми нақлиёти ҳавоӣ мебошад;

– модели математикӣ (рамзӣ), ин моделе мебошад, ки дар он барои шарҳи моҳият ё тавсифоти объект ё ҳодиса рамзҳо истифода мешаванд.

Сохтани моделҳои қарори идоракунӣ ҳамчун раванд ба марҳилаҳои зерин тақсим мешаванд:

– вогузории вазифаҳо;

– ҳангоми сохтани модел, мақсади асосӣ муайян карда шуда, ҳамаи иттилооти зарурӣ, ҳатто маълумот дар бораи хароҷот ва таассуроти одамон ҷамъбаст мегарданд;

[25]Ларичев О.И. Наука и искусство принятия решений [Текст] / О.И. Ларичев. - М: Наука, 2012. - 287 с.

– истифодаи модел, бояд фаҳмонида шавад, кимодел чӣ гуна амал мекунад, имконниятҳои иқтидорӣ ва маҳдудиятҳои он чӣ гуна мебошанд;

– навсозии модел. Агар мақсадҳои низом иваз шаванд, он гоҳ меъёрҳои қабули қарор низ тағйир меёбанд, зарурати сохтани модели нав пайдо мешавад.

Дар илми муосири идоракунӣ чунин моделҳои асосиро ҷудо мекунанд:

– назарияи бозӣ, методи моделсозии баҳогузории таъсири қарори қабулшуда ба рақибон. Назарияи бозиро ҳарбиҳо таҳия намуда буданд, то ки дар стратегия тавонанд амалҳои эҳтимолии душманро ба назар гиранд. Дар бизнес модели бозӣ барои пешгӯии рафтори рақибон дар тағйирёбии нарх истифода мешавад;

– модели идоракунии захираҳо барои муайян кардани вақти муносиби ҷойгиркунии фармоишот ба истифодабарии захираҳо ва миқдори онҳо, инчунин андӯхти маҳсулоти тайёр дар анборҳо истифода мешавад. Мақсади заминавии ин модел аз он иборат аст, ки оқибатҳои манфии ҷамъоварии захираҳо, ки боиси хароҷоти иловагӣ мегарданд, ба ҳадди ақал расонида шавад;

– модели барномасозии хаттӣ барои муайян сохтани усули муносиби тақсими захираҳои нодир ҳангоми мавҷуд будани эҳтиёҷоти рақобаткунанда қабул карда мешавад;

– моделсозии тақлидӣ раванди аввалини моделсозӣ ва қабули таҷрибавӣ ва минбаъдаи он барои пешакӣ дидани тағйироти вазъияти воқеии ба амаломада мебошад. Имрӯзҳо ин намуди моделсозӣ дар вазъиятҳои навъи барномасозии хаттӣ истифода мешаванд;

– таҳлили иқтисодӣ дар худ ҳамаи методҳои баҳогузории хароҷот ва фоидаҳои иқтисодӣ, даромаднокии нисбии субъектҳоро муттаҳид месозад.[26]

---

[26] Литвак Б.Г. Разработка управленческого решения [Текст] / Б.Г. Литвак. – Москва, 2014. – 140 с.

Дар илми идоракунӣ дар доираи фаъолияти субъектҳои хоҷагидори низоми нақлиёти ҳавоӣ методҳои қабули қарорро ҷудо мекунанд:

– Пояи қарор- ин нақшаи графикии он мебошад, ки дар оянда ҳангоми қабули қарор ба кадом интихоб оварда мерасонад. Пояи қарор асосан барои интихоб кардани варианти беҳтарини самти амал ва муқоисаи алтернативаҳои эҳтимолӣ аздалелҳои мавҷуда истифода мегардад;

– матритсаи пардохтӣ ё матритсаи қарор вақте, ки муайян мешавад, ки кадом алтернатива барои дарёфти мақсадҳо қобилият дорад, мавриди истифода қарор мегирад. Он ҷадвалеро таҷассум мекунад, ки дар он ба таври амудӣ қарорҳои эҳтимолӣ ва ба таври уфуқӣ ҳолати муҳите, ки наметавонад таъсир расонад нишон дода мешавад. Дар буриши сатрҳо ва сутунҳо қарореро нишон медиҳад, ки ҳангоми муҳити додашуда «пардохтҳо» аст. Онҳо метавонанд дар хароҷоти фоида, воридшавии воситаҳои пулӣ ифода ёбанд. Аҳамияти оқибатҳои интизориро (маблағи аҳамияти эҳтимолӣ, зарбшуда ба эҳтимолияти онҳо) қабл аз тартиб додани матритсаи ҷамъбастии пардохтӣ муайян кардан зарур аст. Аҳамияти интизории алтернативаро муқаррар менамояд. Натиҷаҳоро дар шакли матритса ҷойгир намуда, интихоби охиронро кардан мушкил нест.

Барои муайян кардани алтернатива ва эҳтимолияти он усули пешгӯӣ истифода карда мешавад. Пешгӯӣ усули дар асоси таҳлили анъанаҳои асосии рушд ва истифодаи таҷрибаи гузашта ва камбудиҳои ҷорӣ мебошад, ки фаъолияти муайян мегардад. Ба методҳои микдории пешгӯӣ инҳо мансуб мебошанд: [27]

– таҳлили қаторaҳои муваққатӣ. Ин метод ба камбудиҳое асос ёфтааст, ки тибқи он ҳолатҳои дар гузашта рухдода дар баҳогузории ҳолатҳои оянда наздикшавии хубро медиҳанд. Ин таҳлил методи ошкорсозии намунаҳо ва анъанаҳои гузашта, инчунин давом додани онҳо дар оянда мебошад.

[27] Карданская Н.Л. Принятие управленческого решения [Текст] / Н.Л. Карданская. – М: ЮНИТИ, 2013. - 311 с.

– сабабӣ (сабабӣ-оқибатӣ) моделсозие мебошад, ки методи пешгӯии миқдории нисбатан мураккаби математикӣ буда, имрӯзҳо истифода мешавад. Он дар ҳолатҳои бештар аз як тағйирёбандадошта истифода мегардад. Моделсозии сабабӣ ин кӯшиши пешгӯии чизест, ки дар мавриди таҳқиқ бо роҳи таҳқиқи вобастагиҳои омории байни омили баррасишаванда ва тағйирёбандаро мегузаронад. Чунин вобастагиро дар забони омор коррелятсия меноманд. Коррелятсия ҳар қадар зич бошад, фоиданокии модел ҳамон қадар баланд мегардад. Коррелятсияи дар ҳамаи вақт пурра эътирофшаванда мебошад, ки ҳамон вақт вуҷуд дорад, агар дар гузашта вобастагии ягон ҳодиса воқеӣ бошад.

Ба методи сифатии пешгӯӣ инҳо мансуб мебошанд:

– ақидаи баҳогузорон дар натиҷаи муттаҳидшавӣ ва якҷояшавии ақидаи коршиносон;

– интизории истеҳсолкунанда ба натиҷаҳои пурсиши мизоҷон заминагузорӣ мешавад;

– маҷмӯи ақидаҳои фурӯшандаҳо, яъне агентҳои таҷрибадори савдо талаботи ояндаро пешгӯӣ мекунанд;

– баҳогузории коршиносӣ, яъне баҳогузории гурӯҳи коршиносон.

Инчунин, методи сенария низ ба методҳои пешгӯӣ дохил мешавад, ки муносибатҳои сифатӣ ва миқдориро муттаҳид месозад. Сенария - ин модели ояндае мебошад, ки дар он рафти эҳтимолии ҳодиса бо нишон додани эҳтимолияти иҷрои он шарҳ дода мешавад. Дар сенария омилҳои асосие муайян карда мешаванд, ки бояд ба назар гирифта шаванд ва нишон медиҳанд, ки ин омилҳо чӣ гуна ба ҳодисаи пешгӯишаванда таъсир мерасонанд. Пешгӯиро одатан ба кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат тақсим мекунанд.

Акнун, ба ташкили иҷрои қарорҳо дар низоми нақлиёти ҳавоӣ таваҷҷуҳ хоҳем кард. Барои идоракунии ҳар як низом иҷрои шартҳои аввалия зарур мебошад.

Аввалан, мавҷудияти барномаи рафтори объекти идорашаванда ё сатҳи банақшагирифташудаи ҳолати онро тақозо менамояд.

Дуюм, ноустувории объект нисбат ба барнома ва нишондиҳандаҳои додашуда, яъне объект бояд аз параметрҳои нақшавӣ ба тарафи дигар майл кунад.

Сеюм, мавҷудияти усулҳо ва воситаҳо барои мушоҳида ва чен кардани майлкунии объект аз барномаи додашуда ё нишондодаҳо.

Чорум, мавҷудияти имконияти таъсир расонидан ба объекти идорашаванда бо мақсади муайян кардани майлкуниҳои пайдошаванда.

Самаранокии иқтисодии фаъолияти низоми авиатсионӣ (низоми нақлиёти ҳавоӣ) бо мақсади идоракунии ҳаҷми воридшавии даромад баҳогузорӣ карда мешавад, бинобар ин, параметри асосии ҳолати он ҳаҷми даромад ҳисоб меёбад[28]. Дар ҳар як муассисаи алоҳидаи соҳа ҳаҷми даромади эҳтимолӣ ба нақша гирифта мешавад. Азбаски ба натиҷаи фаъолияти низоми нақлиёти авиатсионӣ омилҳои сершумори ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ нисбат ба объекти идоракунӣ таъсир мерасонанд, бузургии он ҳамеша аз бузургии дар нақшабуда фарқ мекунад. Аз ин лиҳоз, шарти дуюм иҷро карда мешавад. Майлкунӣ, чун қоида аз рӯи мушоҳидаҳо ва ҷамъоварии маълумот ба қайд гирифта мешавад. Роҳбарият бузургии нақшавӣ ва воқеиро муқоиса намуда, тадбирҳо меандешад ва шарти сеюму чорум мушоҳида мегардад.

Ҳар як унсури сохтории авиатсияи гражданӣ низоми ташкилии худро дорад, ки зери он маҷмӯи вазифаҳое фаҳмида мешаванд, ки дар натиҷаи амалҳои дар бар гирандаи онҳо хизматрасониҳо истеҳсол мегарданд.[29]Дар натиҷаи тақсимкунии муассисаи ягонаи монополистии «Аэрофлот» (роҳи ҳавоии шӯравӣ) муассисаҳои авиатсионии сершумор ташкил карда шуданд, ки дорои сатҳи ниҳоят баланди мустақилияти хоҷагидорӣ мебошанд.

Коҳишёбии назарраси қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ, таназзули заминаи моддӣ-техникии нақлиёти ҳавоӣ, куҳнашавии босуръат ва

---

[28] Мурзоева П.М. Формирование логистической информационной системы транспортной инфраструктуры республики Дагестан [Текст] / П.М. Мусаева // Проблемы национальной безопасности России: Межвузовский научный сборник. Саратовский государственный технический университет. - Саратов, 2004. – С. 45.

[29] Иванов А.И. Разработка управленческих решений [Текст] / А.И. Иванов, А.В. Малявина. - М: Калита, 2010. – С.89.

ақибмонии киштиҳои ҳавоии ҷумҳурӣ аз талаботи муосир, боиси кам гардидани ҳамлу нақли авиатсионӣ ва афзоиши рақобат дар бозори хизматрасониҳои нақлиёти авиатсионӣ гардид. Дар шароити муосир, рақобатпазирии муассисаҳои авиатсионӣ дар сатҳи баланд аз қобилияти мутобиқшавии онҳо ба шароити иқтисодибозори вобаста мебошад. Ҳалли ин масъала ҷорӣ намудани механизми нави босифати хоҷагидориро тақозо менамояд, то ки самаранокии идоракунии субъект баланд бардошта шавад.

Дар рафти рушди ислоҳоти қатъии иқтисодӣ, баробарии ғайримонополизатсия ва ғайримарказӣ гардидани равандҳои идоракунӣ, коҳишёбӣ ва барҳамхӯрии марҳилавии низоми фармондиҳию амрдиҳӣ, афзоиши дараҷаи истифодаи фишангҳои иқтисодии мақомоти авиатсияи гражданӣ аз идоракунии марказонидашудаи фаъолияти хоҷагидории воҳидҳои сохтории худ ба методҳои муносибатҳои бозории байни иштирокчиёни хариду фурӯши маҳсулоти нақлиёти авиатсионӣ ва хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи онҳо гузашт. Дар айни замон кӯшишҳои ба низоми робитаҳои берунии иқтисодӣ, якҷояшавии муассисаҳои авиатсионии алоҳида бидуни нигоҳ кардан ба шарикон мушоҳида мешавад. Ҳар яки онҳо кӯшиш мекунад, ки зуд ва ба ҳадди аксар манфиатҳои зарурии худро дар соҳаи фаъолияти иқтисодии берунӣ амалӣ созад, ки ин аксар вақт бар зарари самаранокии иқтисодӣ нест.[30] Роҳҳои нави ғайрианъанавии ба муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ ворид гардидани асъори хориҷӣ ҷустуҷӯ карда мешавад. Бинобар ин, низоми нави иқтисодии ҳавасманд гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ таъсис дода мешаванд.

Аммо, бояд як нуктаро ба назар гирифт, ки якҷояшавии муассисаҳои авиатсионӣ ба низоми нақлиёти авиатсионии ҷаҳонӣ метавонад танҳо дар асоси қонунҳои бозор бо назардошти таъминоти захиравии мавҷуда ва имкониятҳои воқеии фаъолияти соҳибкорӣ ва рақобатпазирии онҳо ба

[30] Позамантир Э.И. О народнохозяйственной эффективности ресурсосбережения на транспорте [Текст] / Э.И. Позамантир, Т.И. Тищенко // Экономика и математические методы. - 2004. - Т.40. - Вып.1. - С. 75-89

амал хоҳад омад. Тавре, ки маълум аст, бо қабули қарор силсилаи раванди идоракунӣ хотима намеёбад.[31] Марҳилаи дигар ташкили иҷрои қарорҳо мебошад. Чихеле, ки таҷриба нишон медиҳад - ин тарафи нисбатан сусти фаъолияти идоракунӣ мебошад. Ташкили иҷроиши қарорҳои қабулшуда - ин маънои ба қисмҳо ҷудокунӣ ва вакилии иҷрои вазифаҳои умумӣ бо роҳи тақсими ваколатҳо ва масъулиятҳо, инчунин муайян кардани алоқаи байниҳамдигарии намудҳои гуногуни корҳоро дорад. Марҳилаҳои асосии иҷрои қарорҳо дар низоми нақлиёти ҳавоӣ аз инҳо иборат мебошанд:

– ба расмият даровардани қарорҳои идоракунӣ дар шакли амр, ки дар он барномаи мушаххаси амал барои иҷрои қарор бо мухлат ва иҷрокунанда нишон дода мешавад;

– то ба иҷрокунанда расонидани қарор;

– корҳои ташкилӣ оид ба иҷрои қарори қабулшуда: таъминоти моддӣ-техникӣ, омодагӣ ва аз нав омода кардани кадрҳо;

– назорати иҷрои қарор. Низоми назорат бояд на он қадар ба ошкорсозии ҷавобгарон дар иҷро накардани қарор, балки қадре бештар ба он равона шуда бошад, ки дар таҷриба иҷрои саривақтии он ба даст ояд.

Ҳамин тавр, қабул ва иҷрои қарорҳо дар худ раванди пайдарҳам иваз шудани давраҳо, марҳилаҳои бо ҳам алоқаманди амалро таҷассум мекунанд. Роҳҳои такмили ташкили иҷрои қарорҳо дар баланд бардоштани сатҳи имконпазири мақсаднокии иҷрокунандаҳо, агар қарор онро инъикос намояд ва манфиати онҳо ва ворид намудани ислоҳот дар қарори қабулшуда дида мешавад.

Дар низоми идоракунии муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ идоракунии самараноки истеҳсолоти нақлиёти ҳавоӣ ҷойи муҳимро ишғол менамояд, ки дар худ идоракунии истеҳсолотро тибқи меъёрҳои пурра қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ва хоҷагии халқ бо ҳамлу нақли ҳавоӣ ҳангоми масрафи ҳадди ақали захираҳо таҷассум мекунад. Низоми идоракунии самаранокии истеҳсолот ин низоми сифатан нави идоракунии

---

[31] Образцова Р.И. Инженерно-экономический анализ транспортных систем [Текст] / Р.И. Образцова, П.Г. Кузнецов, С.Б. Пшеничников. - М.: Наука, 1990. - С. 29-27.

таҷассумкунандаи маҷмуи чорабиниҳо, методҳо ва воситаҳое мебошад, ки амали марказонидашудаи мақомоти идоракуниро оид ба тезонидани ҷараёни илмӣ-техникӣ таъмин менамояд ва механизми хоҷагиро такмил дода, сифати корҳоро дар ҳамаи ҳалқаҳо ва участкаҳои истеҳсолот баланд мебардорад. Дар доираи ин, низом мақомоти авиатсияи граждани, иттиҳодияҳо ва муассисаҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот чорабиниҳо мегузаронанд, ки муҳимтарини онҳоро қайд кардан мумкин аст: тезонидани ҷараёни илмӣ-техникӣ; беҳтар кардани истифодаи фондҳои асосии истеҳсолӣ ва дар навбати аввал парки ҳавопаймо-чархболӣ аз рӯи рафтуомади соат ва маҳсулнокии парвозҳо; мунтазам баланд бардоштани хизматрасонии мусофирон; баланд бардоштани муназзамии парвозҳо ҳамчун омили муайянкунандаи муташаккилӣ, аниқӣ ва ботартиб дар фаъолияти кори муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ; таъмини бехатарии парвозҳо, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат; такмили идоракунӣ дар тамоми сатҳҳо; таъмини реҷаи қатъии сарфаи захираҳои моддӣ ва пулӣ, махсусан сӯзишвории авиатсионӣ; минбаъд такмил додани корҳои ташкилию эҷодӣ, омодакунӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо; таъмини рушди робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ.

Низоми идоракунии самараноки истеҳсолоти нақлиёти ҳавоӣ хусусияти умумӣ дорад. Он вазифаҳои асосии махсуси зеринро иҷро мекунад: дурнамо талабот ба хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ; пешгӯйӣ, банақшагирӣ ва ба меъёр даровардани нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот; ташкили чорабиниҳое, ки иҷрои нақшаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолотро таъмин мекунанд; назорати самаранокӣ дар тамоми давраҳои рушд ва амалкарди равандҳои истеҳсолӣ; ҳавасмандгардонии самаранокии истеҳсолот; таъмини иттилоотии низоми идоракунӣ; омодагии махсус ва таълимии кадрҳо оид ба масъалаҳои идоракунии самаранокии истеҳсолот. Ҳангоми ташкили низом муҳтаво ва методҳои иҷрои ин вазифаҳоро дар сатҳҳои марбутаи идоракунӣ ва давраҳои силсилаи ҳаётии равандҳои истеҳсолот мушаххас гардонида,

вазифаҳоро дар байни мақомоти идоракунандаи зертобеъ тибқи салоҳияти онҳо тақсим мекунанд, инчунин ҳуқуқ ва масъулияти ин мақомотро дар асоси принсипҳои илмии идоракунии истеҳсолот аниқ месозанд.

Низоми комплексии идоракунӣ алоқаи байниҳамдигарии ҳамаи чорабиниҳои бо мақсади пурра ва саривақт қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ва хоҷагии халқ гузаронидашавандароҷиҳати ҳамлу нақли нақлиёти ҳавоӣ ва намудҳои хизматрасонии авиатсионӣ ҳангоми хароҷоти камтарин таъмин менамояд. Иҷрои ин принсип ҳолатҳои зеринро таъмин мекунад: ҳамкории муассисаҳо дар асоси барномаҳо, нақшаҳо ва стандартҳои маҷмӯӣ; таъсири тамаркузёфта ба унсурҳои истеҳсолот (воситаҳои меҳнат, предмети меҳнат ва худи меҳнат) дар асоси банақшагирии комплексии чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот; вобастагии байниҳамдигарии нақша чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сифати маҳсулот бо нақшаҳои рушди иҷтимоии коллективҳои истеҳсолӣ инчунин истифодаи мақсадноки фаъолнокии эҷодии меҳнаткашон дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот.

Низоми комплексии идоракунии истеҳсолоти нақлиёти ҳавоӣ идоракунии самаранокро дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии истеҳсолот: соҳа, раёсат, иттиҳодия, муассиса таъмин менамояд. Низом дар ҳар як сатҳ мақсадҳо ва вазифаҳои худро дорад, ки онҳо ба низоми ягонаи мақсадҳо ва вазифаҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти нақлиёти ҳавоӣ алоқаманд мебошанд. Асосҳои ташкилӣ-техникии низоми комплексии идоракунии самаранокии истеҳсолоти нақлиёти ҳавоиро низоми банақшагирии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии соҳа ва низоми давлатии стандартизатсия ташкил медиҳад. Роҳҳои дарёфти мақсадҳо ва ҳаллу фасли вазифаҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот тавассути вазифаҳои нақшаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳа ва фаъолияти муассисаҳо пешбинӣ мегардад. Ташкили корҳо дар чаҳорчӯбаи ин низом

тавассути стандартҳо, методикаҳо, шартҳои техникии соҳа ва стандартҳои муассиса муайян карда мешаванд.[32]

Коркард ва ба кор андохтани низоми комплексии идоракунии самаранокии истеҳсолоти авиатсияи гражданӣ инҳоро пешбинӣ менамояд: пурзӯр намудани самти мақсадноки низоми банақшагирӣ ва ҳавасмандгардонии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва сифати корҳои муассиса; гузариш ба методи барномавӣ-мақсадноки банақшагирӣ ва ба меъёр даровардани баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот; таъсиси барномаҳои комплексии чорабиниҳо дар баланд гардидани самаранокии истеҳсолот ва сифати корҳои муассиса ва ғайраҳо равонагардида. Ташкили низоми комплексии идоракунии самаранокии истеҳсолот, ҳаллу фасл намудани як қатор масъалаҳоро тақозо менамояд, ки муҳимтаринаш инҳо мебошанд:[33]

Масъалаи якум – пешгӯии эҳтиёҷоти аҳолӣ ва хоҷагии халқ ба ҳамлу нақли ҳавоӣ. Мураккабии он ба сохторсозии суст ва номуайянии иттилооти аввалия вобаста мебошад. Низоми баҳисобгирии омории ҳамлу нақли авиатсионии дар нақлиёти ҳавоӣ амалкунанда на талабот ба ҳамлу нақлро ба қайд нагирифта, балки амалан ҳамлу нақли иҷрошударо ба қайд мегирад, ки танҳо талаботи қонеъшударо инъикос мекунад. Нопуррагии иттилооти аввалия имконияти гирифтани пешгӯии аниқ ва боэътимоди талаботро бо ёрии моделҳои таҳлили регрессионӣ намедиҳад. Бинобар ин, дар таҷрибаи пешгӯӣ лозим меояд, ки ба амалиёти ғайрирасмии ниҳоят мураккаби дарёфти иттилоот пайдо мегардад. Таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи моделҳои математикии пешгӯӣ бунёди низоми баҳисобгирии омории талаботи воқеиро ба ҳамлу нақли ҳавоӣ талаб мекунад. Ин вазифаро кӯшиш мекунанд, ки бо роҳи пурсиши аҳолӣ ва мусофирон ҳал намоянд, ки мақсади он ошкорсозии ҳайати мусофирони имкониятдошта мебошад. Ҳангоми гузаронидани пурсиш тамоми аҳолӣ ба гурӯҳҳои

---

[32] Самсонов Н.Ф. Расходы и доходы транспорта от перевозок [Текст] / Н.Ф. Самсонов. - М.: Московский институт управления им.С.Орджоникидзе, 1990. – С. 156

[33] Тироль Ж. Рынки и рыночная власть: теория организация промышленности: В 2 т. [Текст] / Ж. Тироль. - СПб: Экономическая школа, 2000. - Т.1. - 328 с.

монанд вобаста аз баромади ичтимоӣ, соҳаи фаъолият, даромади пулӣ, вазъи оилавӣ, синну сол, сатҳи таҳсилот ва ғайраҳо ҷудо карда мешаванд.[34] Барои ҳар як гурӯҳ серҳаракатии аҳолӣ (миқдори миёнаи ҳамлу нақл ба як нафар) баҳогузорӣ мешавад ва бар ин асос оид ба талаботи эҳтимолиро ба ҳамлу нақли ҳавоӣ пешгӯӣ мекунанд.

Вақтҳои охир методҳои коршиносии пешгӯии талабот ба ҳамлу нақли авиатсионии навъи «Делфи» қабул шудааст. Моҳияти ин методҳо аз он иборат аст, ки коршиносони ба як гурӯҳ шомилшаванда дар раванди пешгӯӣ ба якдигар чунон таъсир мерасонанд, ки иштибоҳи ҳамдигарро ҷуброн намоянд. Аммо, истифодаи методҳои коршиносӣ танҳо ҳамон вақт имконият дорад, ки агар гурӯҳи коршиносони баландихтисос оид ба масъалаи додашуда вуҷуд дошта бошанд.[35]

Комилан равшан аст, ки масъалаи пешгӯии талабот ба ҳамлу нақли ҳавоӣ ба масъалаи ташкили низоми аниқ ва боварибахши баҳисобгирии омории талабот оварда мерасонад. Бидуни ин ҳеҷ як методи математикӣ ва ғайриматематикӣ барои ҳалли ин масъала ёрӣ намерасонад ва зимнан, сохтани низоми аниқ ва боэътимоди идоракунии аз ҷиҳати иҷтимоӣ самараноки истеҳсолоти нақлиёти ҳавоӣ мумкин нест.

Масъалаи дуюм – пешгӯии имкониятҳои истеҳсолии муассисаҳои авиатсионӣ оид ба қонеъ гардонидани талабот ба ҳамлу нақли ҳавоӣ. Ба сифати ҳуҷҷати расмӣ ҳангоми пешгӯии имкониятҳои истеҳсолии муассисаҳои авиатсионӣ истифодашаванда шиносномаи он хизмат мекунад. Шиносномаи муассисаи авиатсионӣ маҷмӯи нишондиҳандаҳои бо ҳам алоқаманди инъикоскунандаи ҳолати меъёрӣ ва воқеии воҳидҳо, умуман муассисаро дар бар мегирад. Дар шиноснома маълумоти умумӣ оид ба муассиса (реквизитҳои суроғавӣ, ҳайат, ҷойи истиқрор, мансубият ва ғайраҳо), маълумоти умумӣ дар бораи фаъолияти истифодаи он бо

[34] Холматов М. М. Вопросы проектирования информационно-коммуникационных сетей в управления транспортным потоком [Текст] / М.М. Холматов // Материалы научно-практической конференции «Проблемы развития транспортной системы Республики Таджикистан». - Душанбе, 2012. - С. 317

[35] Шаститко А. Неполные контракты. Проблемы определения и моделирования [Текст] / А. Шаститко // Вопросы экономики. - 2001. - №6. - С.80-99.

номбар кардани нишондиҳандаҳои ҳисобии асосӣ ва умда, инчунин тавсифоти сатҳи рушди истеҳсолот ва сифати корҳо нишон дода мешаванд. Ба шумори чунин нишондиҳандаҳо инҳо дохил мебошанд:

– иқтидори истеҳсолии муассиса ва истифодаи он (қобилияти кашонандагии парки ҳавопаймоии авиатсияи нақлиётӣ ва авиатсия дар хоҷагии халқ истифодашаванда);

– иқтидори истеҳсолии хадамоти асосии рӯйизаминӣ ва объектҳои фурудгоҳ (хадамоти ҳаракат, базаи авиатсионӣ-техникӣ, хадамоти ташкили ҳамлу нақл, хадамоти нақлиёти махсус, хадамоти маводи сӯзишворӣ-молиданӣ, хадамоти аэродром, хадамоти равшанӣ- таъмини парвозҳо);

– истифодаи парки ҳавопаймоӣ-чархболӣ ва истеҳсоли маҳсулот дар парки худӣ;

– муназзамӣ ва мавсимӣ будани истеҳсолот (аз рӯи тонна, километри истифодашуда, тоннаи умумии фиристодашуда ва вақти рафтуомад);

– сифати кори муассисаҳои авиатсионӣ (бехатарӣ ва муттасилии парвозҳо, сифати хизматрасонии мусофирон ва мизоҷон);

– тавсифоти арзиш ва сохтордиҳанда ва нишондиҳандаҳои гардиши фондҳои асосӣ;

– ҳаҷм ва сохтори тавсифкунандаи маблағгузорӣ, ба кор андохтани фондҳои асосӣ тибқи объектҳои таъйиноти истеҳсолӣ, аз ҷумла, аз ҳисоби тавсеаи азнавсозӣ ва таҷҳизонидани техникӣ;

– самаранокии истифодаи фондҳои асосӣ, фонди истеҳлок оид ба маҳсулоти нақлиётӣ ва даромадҳо, фонди истеҳлок қисми фаъоли фондҳои асосӣ, мусаллаҳии фондҳо;

– тавсифоти ҳайати кормандон аз рӯи шумора ва гурӯҳи кормандон, инчунин истифода кардани фонди музди меҳнат, таносуби суръати афзоиши музди меҳнат ба ҳисоби миёна ва маҳсулнокии меҳнат;

– истифодаи захираҳои моддӣ, хароҷоти маводи сӯзишворӣ ва молиданӣ;

– тавсифоти сатҳи ҳосилнокии меҳнат ва талафот аз рӯи сохтори хароҷоти дар айни замон қабулшуда;

– микдори инъикоскунандаи фондҳои мукофотонии моддӣ, чорабиниҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сохтмони манзил, ба кор андохтани фонди манзил, таъминнокии кормандон бо манзил, хизматрасонии тиббӣ, муассисаҳои бачагонаи томактабӣ, лагерҳои пионерӣ, инчунин маълумот дар бораи аз кор рафтани кадрҳо, интизоми меҳнат, ихтисоси кормандон ва сатҳи таҳсилоти онҳо;

– тавсифоти чорабиниҳо оид ба ҳифзи муҳити атроф, сатҳи ташкилӣ-техникии истеҳсолоти муассисаҳои авиатсионӣ (сатҳи мусаллаҳии техникии меҳнат, афзоиши ҳосилнокии меҳнат аз ҳисоби чорабиниҳои баланд бардоштани сатҳи техникии истеҳсолот ва такмили ташкили меҳнат, инчунин идоракунии истеҳсолот, номгӯи чорабиниҳо оид ба ҷорӣ намудани техникаи нав, низоми идоракунии сифати маҳсулот);

– молиявӣ (нишондиҳандаҳои даромад, хароҷот, фоида, даромаднокӣ ва арзиши аслӣ).

Масъалаи сеюм – муайянкунии ифодакунандаи ҷамъбастии натиҷаи ниҳоии истеҳсолоти дар муассисаҳои авиатсионии истифодашаванда бо назардошти сифати маҳсулоти нақлиёти авиатсионӣ. Ҳалли ин масъала асоснокии илмии ченкунандаҳои маҳсулоти нақлиётӣ, ченкунандаҳои сифати он, инчунин коркарди модели математикии ташаккули ченкунандаи ҷамъбастшудаи маҳсулоти нақлиёти авиатсиониро бо назардошти сифат дар бар мегирад. Ҳарчанд, ки оид ба ин масъала дар ҷабҳаи васеъ таҳқиқоти назариявӣ ва корҳои амалӣ анҷом дода мешаванд, аммо наметавон онро пурра ҳалшуда ҳисоб кард.

Масъалаи чорум – коркарди моделҳои математикӣ, методҳои баҳисобгирӣ ва пешгӯии арзиши аслии маҳсулоти нақлиёти авиатсионӣ. Ба сифати дастурҳои методии нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ инҳо муқаррар шудаанд: арзиши аслии як тонна-километр дар парки худӣ (сомонӣ/т-км) ва арзиши аслии як тоннаи фиристодашуда (сомонӣ/т).

Масъалаи панҷум – коркарди таъминкунандаи низоми идоракунии самаранок, ки бевосита таъминоти иттилоотӣ, методӣ, техникӣ, ҳуқуқӣ ва идеологиро дар бар мегирад. Ба таъминоти иттилоотӣ маҷмӯи воситаҳо ва методҳои ба тартибоварандаи андӯхти иттилоот ва маҷмӯи иттилоот дохил мешаванд, ки ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, навсозӣ, аз нав коркард намудан ва интиқоли иттилоотро бо мақсади омода кардан ва қабули қарори идоракунӣ таъмин мекунанд. Таркиб ва сохтори таъминоти иттилоотии муассиса аз рӯи ташкили истеҳсолот, номгӯи вазифаҳои умумӣ ва махсус, сохтори ташкилии низоми идоракунии самаранокии истеҳсолот муайян карда мешавад. Таъминоти иттилоотӣ инҳоро дар бар мегирад: низоми гурӯҳбандӣ ва рамзикунонии иттилоот, асноди меъёрӣ-маълумотномавӣ, маводи методӣ ва дастурӣ, инчунин нуқоти иттилоотӣ ва барномаҳо барои коркарди он.

### 1.3 Рушди нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ

Таърихи авиатсияи гражданӣ дар қаламрави Тоҷикистон шурӯъ аз соли 1924 –ум ба таври аниқ назорат карда мешавад. Он вақт пас аз анҷумани «Добролет», ки дар он рафти «аэрофикатсиякунонии» мамлакати Шӯроҳо таҳли карда шуда буд, парвозҳо бо ҳавопаймои Ю-13 аз рӯи хати ҳавоии Бухоро-Душанбе оғоз гардиданд. Пас аз чанде ҳаракат аллакай се маротиба дар ҳафта ба роҳ монда шуд. Соли 1927 –ум дар хати Тошканд-Самарқанд-Тирмиз-Душанбе роҳи ҳавоии муттасил ифтитоҳ гардид. Ҳодисаи муҳим дар роҳи ба даст овардани мустақилияти нақлиёти ҳавоии маҳаллӣ дар солҳои 50-уми асри гузашта дар заминаи Раёсати ҳудудии Осиёи Миёна ташкил кардани гурӯҳи авиатсионии алоҳидаи тоҷик ҳисоб меёбад.

Соли 1991-ум аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишвари маҳдудияти коммуникатсионӣ ба кишвари дорои нақлиёти ҳавоии муосир табдил ёфт. Танзими нақлиёти ҳавоӣ ба салоҳияти идораи зерназорати Раёсати асосии авиатсияи гражданӣ (РААГ) ва Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи

нақлиёт мансуб дониста шуд. Тақсим ваколати онҳо хосияти муқаррарӣ дорад. Аз ҷумла, ба салоҳияти Раёсати асосии авиатсияи граждании (РААГ) амалисозии сиёсати авиатсионии давлатии барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва эҳтиёҷоти иқтисодиёт дар ҳамлу нақли ҳавоӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳо, инчунин таъсиси шароит барои таъмини бехатарии парвозҳо дохил мешаванд.

Рушди авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Барномаи давлатии мақсадноки «Рушди комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2025», ки соли 2009 аз тарафи Ҳукумати мамлакат қабул шудааст, амалӣ карда мешавад. Дар ҳуҷҷати 100 саҳифадошта ҳолат ва рушди комплекси нақлиётӣ – ин таҳлил гардида, роҳҳои рушди он дар ояндаи кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат шарҳ дода шудааст. Мақсади стратегияи нақлиётӣ рушди пешсафии комплекси нақлиётӣ-коммуникатсионӣ тибқи стратегияи ояндадори иқтисодии давлат мебошад. Дар натиҷаи амалисозии стратегияи нақлиётӣ гузариши низоми нақлиётӣ ба сатҳу сифатан нави амалкард анҷом дода мешавад ва шабакаи муносиби нақлиётӣ ташаккул меёбад. Гузариш ба маблағгузории инфрасохторҳо аз рӯи принсипи худмаблағгузории пурра имконият медиҳад, то ки барои рушди устувори минбаъдаи он ва дастгирӣ дар сатҳи баланди техникӣ ва технологӣ захираҳо ташаккул ёбанд. Комплекси нақлиётии ҷумҳурӣ ба низоми нақлиётии ҷаҳонӣ узван якҷоя хоҳад шуд. Заминаи меъёрӣ ва низоми назорат дар соҳаи экология ба стандартҳои ҷаҳонӣ муносиб гардонида мешавад.[36] Ҳамаи ин имконият фароҳам меорад, ки ҳиссаи ҳамлу нақли транзитӣ, ки воридшавии маблағи муҳимро ба буҷети давлат ва ширкатҳои нақлиётӣ таъмин мекунад, ба таври назаррас зиёд гардад.

Марҳилаи аввал дар роҳи таъсиси барномаи мустақили рушди нақлиёти ҳавоӣ ин қабули Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон

[36] Солеҳзода А.А. Нақши инфрасохтори бозор дар рушди иқтисодиёти минтақа [Матн] / А.А. Солеҳзода. М.Н. Ашуров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2021. - № 1. - С. 231-236.

гардид, ки муносибатҳои бо иҷрои фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд ва фаъолиятро дар соҳаи авиатсия танзим мекунанд ва асоси иҷрои сиёсати давлатро дар ин соҳа муайян менамояд. «Сиёсати давлатӣ дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ ва фаъолият дар соҳаи авиатсия маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳарбӣ ва ғайраҳо мебошад,ки инҳоро пешбинӣ менамояд: таъмини бехатарӣ ва истифодаи оқилонаи фазои ҳавоӣ; коркард ва амалисозии барномаҳои мақсадноки давлатӣ; такмили фаъолият дар соҳаи авиатсия; ҳамкории мутақобила муфид бо давлатҳои хориҷӣ оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ ва фаъолият дар соҳаи авиатсия».[37]

Низоми навигатсияи ҳавоӣ бояд ба дараҷаи ҳадди аксар аз ҳисоби ҷамъкуниҳои навигатсионии фурудгоҳҳо ва ҷамъкуниҳои масири навигатсионӣ худтаъминкунанда бошад. Терминалҳои авиатсионӣ дар соҳаи масъулияти фурудгоҳҳо қарор доранд ва аз ҳисоби ҷамъкуниҳои терминалӣ маблағгузорӣ мешаванд. Фурудгоҳҳои асосӣ ба бахши хусусӣ дохил мешаванд, ки барои хизматрасонии техникӣ ва навсозии инфрасохтор, ки аз ҳисоби ҷамъкуниҳои фурудгоҳ барои парвоз ва фуруд маблағгузорӣ мегарданд, масъул мебошанд.

Дарояндаи наздик ба дигаргунсозии иқтисодии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ ва баланд бардоштани натиҷанокии он афзалият дода мешавад, ки барои ин дар шароити ба амаломада тезонидани коркарди заминаи қонунгузорӣ-ҳуқуқӣ тибқи шароити нави хоҷагидорӣ ва такмили сохтори идоракунии низоми нақлиётӣ зарур мебошад.

Таҳлили самаранокии амалкард ва масъалаҳои асосӣ, ки дар натиҷаи онҳо баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори транзитии инфрасохтори нақлиёти авиатсионӣ, ки қисми ҷудонашавандаи низоми нақлиётӣ мебошад ва баланд бардоштани сатҳи мувофиқати сиёсати транзитӣ дар соҳаи аэронавигатсия бо давлатҳои ҳамсоя муайян карда шуд. Имкониятҳои транзитии ҳамлу нақли авиатсионӣ дар масири Осиё-

[37] Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, №720. - [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://mmk.tj/content., кушода, санаи муроҷиат: 12.06.2020

Аврупо-Осиё дар асоси истифодаи киштиҳои ҳавоии муосир ва ташкили пайвастшавии муносиби масирҳо дар мамлакатҳои аврупоӣ ва осиёӣ тавассути фурудгоҳҳои нуқтавии ҷумҳурӣ амалӣ карда мешавад.

Рушди оянда, ки бевосита бо нақшаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими бозори авиатсионӣ баҳо дода мешавад, ба ташаккули интиқолдиҳандагони рақобатпазири авиатсионӣ, ки тавонанд талаботи аҳолиро ба хизматрасониҳои сифатноки авиатсионӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат таъмин намоянд, равона хоҳад шуд. Дар шароити муосир, барои ташаккули пурра ва таъмини рушди низоми нақлиёти ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи сохтмон ва азнавсозии объектҳои афзалиятнок дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Хоруғ, инчунин марказҳои ноҳияҳои Исфара, Панҷикент, Рашт ва Мурғоб дар назар аст[38], ки онҳо истифодаи киштиҳои магистралии ҳавоии ояндадорро таъмин менамоянд. Инчунин, ба тавсеаи географияии парвозҳои онҳо, таҳияи аэродромҳо то талаботи меъёрҳои коршоямӣ, инкишофи шабакаи фурудгоҳҳои байналмилалӣ бо таъсиси шароити зарурӣ тибқи сатҳҳои ҷаҳонӣ барои хизматрасонии мусофирони авиатсияи байналмилалӣ ва борҳо, иҷрои комплекси васеи чорабиниҳо ҷиҳати ҳифзи табиат, тезонидани татбиқи комёбиҳои ҷараёни илмӣ-техникӣ, техника ва технологияи нав, низоми баланд бардоштани бехатарии парвозҳо мусоидат мекунанд.

Нақлиёт ба қатори соҳаи муҳими иқтисодиёти ҷаҳонӣ, низоми иҷтимоӣ-иқтисодии дилхоҳ сатҳ баромад мекунад. Он ба робитаҳои иқтисодии хоҷагии халқ дохил шуда, ба монанди соҳаи дигар ба таъсири рақобат дучор мегардад. Аз ин рӯ, зарур аст ки чунин ҳисоби маҳсулоти асосии нақлиёт амалисозии кашонидани мусофирон ё борҳо буда, инҳо дар худ хизматрасониро таҷассум мекунанд, ки албатта ба таври муҳим ба хусусиятҳои рақобат дар ин соҳа таъсир мерасонанд. Ғайр аз ин, вақтҳои

[38] Ашуров М.Н. Региональные интеграционные процессы как фактор развития инфраструктуры приграничных районов Республики Таджикистан [Текст] / М.Н. Ашуров, М.И. Садриддинов // Таджикистан и современный мир. - 2020. - № 4(72). - С. 173-185.

охир дар аксар ҳолатҳо ба ҳамдигардохилшавии муассисаҳои намудҳои гуногуни нақлиёт бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи мизоҷон, бо сифати баланд иҷро кардани ҳамлу нақл ва коҳиш додани арзиши ҷузъи таркибии нақлиёт дар ҳисоби ниҳоӣ нархи мол мушоҳида мешавад.

Муҳити рақобати нақлиёти ҳавоӣ тавассути навъҳои асосии муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ (минбаъд МНҲ) ташкил мешавад, ки мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд: ширкатҳои ҳавоӣ (ШҲ), фурудгоҳҳо (Ф), операторони фурудгоҳҳо оид ба хизматрасонии заминӣ (ОФХЗ) ва бизнес-системаҳои амуди якҷояшуда (хабҳо), ки дар заминаи онҳо ташаккул меёбанд. Рақобат ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди бозори ҳамлу нақли авиатсионӣ баромад мекунад, чунки боиси зарурати пешниҳоди маҳсулоти рақобатпазир ба навъҳои ташкилшавандаи муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ мегардад.

Навъҳои дигари муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ, ки масалан идоракунии ҳаракатҳои ҳавоиро амалӣ месозанд,дар сатҳи баланд субъекти монополияи табиӣ буда, мустакиман чун субъекти рақобат дар бозори нақлиёти авиатсионӣ баромад намекунанд. Истилоҳи «рақобатпазирӣ» мутобиқ ба муассисаҳои соҳаҳои нақлиёти ҳавоӣ метавонад ҳамчун қобилияти муассисаи соҳаи нақлиёти ҳавоӣ муайян карда шавад, ки чун субъекти рақобати бозорӣ барои дарёфти фоида дар бозори мақсаднок аз ҳисоби қонеъ гардонидани истеъмолкунандагон ба ҳамлу нақли авиатсионӣ ва хизматрасониҳо баромад мекунад. Барои дар бозор рақобатпазир будан, ба назар гирифтани хусусияти он, аз ҷумла силсиланокии рушд ва амалкарди он зарур аст, ки бевосита аз силсилаи рушди иқтисодии ҳамаи сатҳҳо вобаста аст. Таҳлили сарчашмаҳои барои муаллиф дастрасбуда, имконият доданд, ки тамоюли асосӣ дар марҳилаи ҷории рушди соҳаи нақлиёти ҳавоии ҷаҳонӣ, ба рушди он таъсиркунанда ҷудо карда шаванд.

Раванди ҷаҳонишавӣ тақозо намудааст, ки ташаккул ва дар бозори нақлиёти авиатсионии ҷаҳонӣ бартарӣ додан ба корпоратсияҳои фаромилалӣ – иттиҳодҳо, сохторҳои ҳарбӣ ва ғайраҳо сурат гирад. Рушди

сегментҳои нави бозори авиатсионӣ боиси дигаргуншавии сохтори соҳа ва технологияи амалисозии бизнес дар нақлиёти ҳавоӣ мегарданд. Тамоюлоти ёрирасони макроиқтисодии равандҳои ҷаҳонишавӣ алоқаманд инҳо мебошанд:

– муттаҳидшавии навъҳои асосии муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ, аз ҷумла дар шакли иттиҳодҳои байналмилалии ҳамаи навъҳои муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ, ки ба суръати рушди соҳаи ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд;

– рушди навъҳои нави бизнес-моделҳои муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ, ба монанди ширкатҳои авиатсионии буҷетӣ, операторони фурудгоҳҳо оид ба хизматрасонии заминӣ, бизнес-системаҳои интегралӣ, дар ба шакли сохтори ҳарбӣ ташкил карда мешаванд ва ғайраҳо;

– ҷорӣ намудани инноватсия, аз ҷумла дар натиҷаи рушди технологияи иттилоотӣ, инчунин муосиргадонӣ ва навсозии парки киштиҳои ҳавоӣ;

– ҳамасола зиёд кардани ҳаҷми ҳамлу нақли авиатсионӣ (ба ҳисоби миёна дар ҷаҳон 4-6%) тибқи пешгӯии IATA суръати он даҳсолаҳои наздик нигоҳ дошта мешавад;

– хосияти силсилавии тағйирёбӣ дар рушд бо миқёси тамоюлоти ҳаҷмҳо дар натиҷаи таъсири омилҳои макроиқтисодӣ;

– баланд бардоштани самаранокии ҳамлу нақл, аз ҷумла дар натиҷаи афзоиши мусофирғунҷоиш ва борбардории парки киштиҳои ҳавоӣ.

Ҷанбаҳои алоҳидаи тамоюлоти қайдшударо баррасӣ менамоем. Рушди соҳаи ҷаҳонии нақлиёти ҳавоӣ вобаста аз давраи рушди иқтисоди ҷаҳонӣ силсилавӣ ба амал меояд. Механизми ташаккули силсилаи такрористеҳсоли маҳсулоти нақлиёти авиатсионӣ, махсусан аз механизми рушди силсилавӣдар маҷмуъ, дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ фарқ намекунад. Аммо, дар рушди силсилавии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ якчанд хусусиятҳои муҳим вуҷуд доранд, ки маҳз инҳо мебошанд:

– дар давраҳои бухронҳо нишондиҳандаҳои ҳаҷми ҳамлу нақли авиатсионӣ одатан пасттар аз сатҳи давраи пештара поён намеравад;

– ҳангоми давомнокии начандон калони силсилаҳо бухронҳо хосияти тӯлониро дар бар мегиранд;

– омилҳои асосии пайдоиши буҳрон: якбора коҳиш ёфтани суръати афзоиши нишондиҳандаҳои миқдории ҳамлу нақл, кам шудани шумораи ҳаҷми портфели фармоишҳо ба техникаи авиатсионӣ, кам гардидани коэффитсиенти истифодаи сарбории тиҷоратии ҳавопаймоҳо, камшавии фоидаи ширкатҳои авиатсионӣ;

– коҳиш ёфтани талабот ба ҳамлу нақли ҳавоӣ боиси буҳрон дар бозори соҳавӣ мегардад. Ҳангоми ин фосилаи замонӣ дар байни буҳрони нақлиёти ҳавоӣ ва сохтори авиатсионӣ тақрибан ду солро ташкил мекунад;

– дар натиҷаи таъсири омилҳои ғайрисилсилавӣ, сабабҳои муваққатӣ ва ҳодисаҳои тасодуфии истеҳсолоти нақлиёти авиатсионӣ метавонад бо давраи силсилаи раванди умумии такрористеҳсол мувофиқат накунад;

– хусусияти силсилаи такрористеҳсол дар нақлиёти ҳавоӣ гузариши тадриҷӣ ба давраи навбатӣ мебошад – буҳронҳои нав дар ҳолатҳои алоҳида дар давраҳои ҳанӯз тамомнашуда ё пас аз таназзул оғоз меёбанд.

Бояд қайд кард, ки дар даҳсолаи охир силсилавӣ будани рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ сабаби ягонаи буҳронҳо дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ намебошанд. Буҳрони солҳои 2001-2003 дар бозори ҷаҳонии нақлиёти ҳавоӣ бузургтарин пастравӣ дар тамоми таърихи ҳамлу нақли ҳавоии байналмилалӣ гардид. Сабаби асосии он ҳуҷуми террористии 11 сентябри соли 2001-ум дар ИМА, тезутундшавии зиддиятҳо дар Шарқи Наздик, паҳншавии илтиҳоби шуш дар Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ ва коҳишёбии давомноки иқтисодиёти ҷаҳонӣ гардиданд. Соли якуми буҳрон ба фаъолияти бозори ҷаҳонии нақлиёти авиатсионӣ таъсири калони манфӣ расонид. Тибқи маълумоти IATA (International Air Trasport Association) маҷмӯи даромади ширкатҳои авиатсионӣ ба 6,8% кам шуда, дар натиҷа фоидаи тоза дар соли 2001 бештар аз 4 маротиба коҳиш ёфт ва зарари умумисоҳавӣ ба миқдори 13 миллиард доллар ба вуҷуд омад. Дар тамоми давраи пастравӣ аз соли 2001 то соли 2003 даромад ба мусофир-километр (яке аз нишондиҳандаҳои калидии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ) ҳангоми

коҳишёбии миқдори мусофирони кашонидашуда ба 5%,- 6% паст рафт. Шурӯъ аз соли 2004 давраи рушди баъдибуҳронӣ оғоз гардид. Ҳаҷми мусофиркашонии байналмилалӣ дар як сол то 15,6% (ҳадди ақал дар даҳ соли гузашта) зиёд шуд. Афзоиш дар тамоми минтақаҳо ба қайд гирифта шудва пешсафон Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ, Шарқи Наздик ва Аврупои Шарқӣ буданд. Соли 2004 зиёдшавии назарраси нишондиҳандаҳои калидии даромад ба вуқӯъ пайваст: даромад ба мусофир-километр нисбат ба сатҳи соли 2003 ба 15,3% зиёд гардид ва пастравӣ пурра барқарор карда шуда, аз сатҳи тобуҳронии соли 2000 ба 8,8% пеш гузашт.[39]

Дар давраи солҳои 2009-2014 аз рӯи пешгӯиҳои IATA суръати афзоиши миёнасолонаи ҳамлу нақли авиатсионии байналмилалӣ ба ҳисоби миёна 5,6%-ро ташкил кард, ки ин суръати афзоиш дар минтақаҳо аз ҳам фарқ мекунад.[40] Дар шароити муосир, дар рушди силсилавии соҳаи ҷаҳонии нақлиёти ҳавоӣ ивазшавии давраи барқароршавии тези баъдибуҳронӣ барои рушди устувор ба амал омада истодааст. Аз ин рӯ, омилҳои асосии болоравӣ инҳо мебошанд: рушди пешгӯишавандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, амалисозии сиёсати аксари ширкатҳои калонтарини авиатсионӣ оид ба кам кардани хароҷот, тавсеаи доираи хизматрасониҳо ва афзоиши миқдори рейсҳо, аз тарафи ширкатҳои авиатсионии буҷетӣ, пешниҳод шудани раванди ҷаҳонишавӣ иқтисодиёти ҷаҳонӣ, савдои берунӣ ва ғайраҳо.

Дар панҷ соли охир рушди самаранокии иқтисодии ҳамлу нақли авиатсионӣ мушоҳида мегардад. Мусофирғунҷонӣ ва борбардории ҳавопаймоҳо афзоиш ёфта, инчунин даромад аз ҳисоби як мусофир-ҷой зиёд шуда истодааст. Истифодаи киштиҳои ҳавоӣ (КҲ) бо ғунҷоиши калони мусофирон имконият медиҳад, ки иқтидори нақлиётии ширкатҳои авиатсионӣ васеъ карда шуда, миқдори кашонидани мусофирон дар ҳар як

---

[39] IATA Annual report 2004-2011. - [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.iata.org/contentassets/c81222d96c9a4e0bb4ff6ced0126f0bb/annual-report-2011.pdf., кушода, санаи муроҷиат: 12.06.2020

[40] IATA Corparate Air Travel Survey 200-2011 - [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.slideshare.net/Pengir1/airport-it-trends-survey-20111., кушода, санаи муроҷиат: 12.06.2020

рейс зиёд гардад. Тибқи пешгӯии IATA ҳаҷми мусофиркашонӣ дар давоми 20 соли наздик ба 2,8 маротиби афзоиш ёфта, парки киштиҳои ҳавоии мусофиркашон ва боркашон ду маротиба зиёд мешавад, яъне то 22000 адад мерасад, ки аз он 17300 адад ҳавопаймоҳои нав мебошанд. Суръати афзоиши миёнасолонаи ҳамлу нақли ҳавоӣ дар солҳои2010-2023 ба ҳисоби миёна 6% афзоиш ёфта, он дар даҳ соли минбаъда ба 4,6% (174) мерасад.

Тибқи муайянкуниҳои И.С. Голубев, зери мафҳуми бозори ҳамлу нақли авиатсионӣ бояд маҷмӯи қобилияти ҳамлу нақли нақлиёти ҳавоии пешниҳодкунандаи ширкатҳои авиатсионӣ (тонна-километр) ва талаботи қобилияти пардохтӣ ба маҳсулоти нақлиёти ҳавоӣ, ки ба маҳал ва вақт баробар карда шудааст, фаҳмида шавад.[41] Дар байни бозорҳои ҳамлу нақли ҳавоӣ бозорҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва маҳдудро ҷудо мекунанд. Маҷмӯи омилҳо ва шартҳои онҳоро алоқамандкунанда ҳолати бозорро дар ҳамин лаҳза ё вазъи он муайян мекунанд. Иктисодчиён 4 навъи рақобати бозорҳои мушаххасро ҷудо мекунанд: рақобати озод, рақобати монополистӣ, рақобати олигополистӣ ва монополияи озод.[42]Дар айни замон, барои нақлиёти ҳавоӣ бозорҳои рақобати монополистӣ ва олигополистӣ нисбатан хос мебошанд. Омилҳои асосии вазъ ташкилкунандаи дар бозорҳои мазкур амалкунандаро метавонанд аз рӯи натиҷаҳои таҳлили қисмҳои таркибии низоми бозорӣ ва муҳити берунӣ, ки дар муассисаи мушаххаси соҳа гузаронида мешаванд, муайян намоянд. Илова бар ин, таҳқиқи омилҳои асосие, ки ба ташаккули талабот ба ҳамлу нақли ҳавоӣ таъсир мерасонанд барои истифодаи онҳо бо мақсадҳои идоракунӣ зарур аст. Таҳқиқот дар соҳаи додашуда дар шакли зерин ҷамъбаст карда шудааст:

– фурӯши маҳсулот аз ҳисоби бартарият ба ҷустуҷӯи роҳҳои нисбатан самараноки иқтисодии пешниҳоди интихоб барои парвоз иваз карда шуд;

---

[41] Афанасьев В.Г. Коммерческая эксплутация международных воздушных линий [Текст] / В.Г. Афанасьев. - М: Траспорт, 1987. – С. 278

[42] Лифиц И.М. Конкурентоспособность товаров и услуг [Текст] / И.М. Лифиц. - М: Юрайт-издат, 2009. – С. 464

– низоми мураккаби тафриқаи маҳсулот, пена ва ҷаримаҳо ба сохтори содда ва шаффофи тарофаҳо, ки ба коммуникатсияи аниқи арзиши иловагӣ асос ёфтаанд, иваз карда шуданд;

– мантиқи «зарбаи ҷавобӣ» бо мақсади нигоҳдории бозорҳои монополӣ ва олигополӣ ба муносибати соҳибкорӣ барои таъсиси бозорҳо ва маҳсулоти нав, ки бинобар ҷаззобияти худ ва бо рақобати афзалиятнок ба фурӯш рафтанашон ҳифзшаванда мебошанд, ҷойи худро доданд;

– истифодаи инноватсия ва муносибати гуногун барои пешниҳоди маҳсулот ба ҷойи афзоиши ҳосилнокӣ, аксаран аз ҳисоби навсозии парки киштиҳои ҳавоӣ омад;

– афзоиши иқтидорҳо, ки муайянкунандаи ҳиссаи бозорҳо ва мантиқи бартарият мебошанд, дар шароити имрӯза бо он тавсиф мешаванд, ки иқтидорро зарур аст, ки ба таври мутавозин ба талабот дар бозорҳои мақсаднок (аз рӯи география ва сегментҳо) мувофиқат кунонад;

– боздории хароҷот дар сатҳи миёнасоҳавӣ аз ҳисоби мавқеи қатъӣ тибқи гуфтушунид бо ҳайати кормандон, таъминкунандаҳо ба муносибати мутавозин, тақсими ҳиссаи муҳими фоида бо коллектив ва таъмикунандаҳо (принсипи аввал арзишро ташкил намо ва баъд онро тақсим бикун) иваз карда шуданд.

Хусусияти идоракунии бизнес-системаҳо ба таври муҳим аз навъи бозор ва шиддатнокии муборизаи рақобатнокӣ дар он вобаста мебошад. Шиддатнокии рақобат дар бозори ҳамлу нақли ҳавоӣ вазифаи як қатор параметрҳое мебошад, ки муҳимтарини онҳо ба тариқи зайл ҳисоб меёбанд: миқдори муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ, ки ба бозори мақсад равонашуда, тақсими ҳиссаи бозорӣ дар байни онҳо, суръати рушди бозори мушаххас ва ғайраҳо. Амалисозии муносибати маҷмӯи илмӣ нисбат ба идоракунӣ барои муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ боиси зарурати ҳисобу китоб ва истифодаи қонунҳои иқтисодии амалкарди муносибатҳои иқтисодӣ мегардад: вобастагии байни талабот ва нарх, вобастагии байни пешниҳод ва нарх, вобастагии байни пешниҳод ва талабот, афзоиши хароҷоти иловагӣ, ки даромаднокиро коҳиш медиҳанд, алоқаи

байниҳамдигарии харочот дар соҳаи истеҳсол ва истеъмол, самараи миқёси истеҳсол ва қонуни рақобат, ки тибқи он дар ҷаҳон раванди воқеии ҳамеша баланд гардидани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо, коҳиши нархи онҳо ва аз бозор маҳдуд карда баровардани маҳсулоти бесифат ба амал омада истодаанд.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ дар даҳсолаҳои охир ба сохтори соҳаи авиатсияи граждании ҷаҳон тағйироти ҷиддӣ оварданд. Технологияи амалисозии бизнес дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ тағйир ёфтанд. Сегментҳои нави бозори авиатсионӣ пайдо шуданд, ки қаблан бо ҳамон шакле, ки имрӯз ҳастанд вуҷуд надоштанд. Инак, равандҳои ҷаҳонишавӣ дар нақлиёти ҳавоӣ нисбатан муфассал баррасӣ менамоем:

Солҳои охир, иттиҳодҳои байналмилалии ҳамаи намудҳои муассисаҳои соҳаи нақлиёти ҳавоӣ, пеш аз ҳама, ҳамлу нақли ҳавоӣ рушди калонро касб кардаанд. Раванди ба иттиҳодҳо муттаҳид шудан бо равандҳои глобализатсия ва пурзӯр гардидани рақобатнокӣ алоқаманд мебошад, ки дар бозори ҷаҳонии нақлиёти авиатсионӣ фаъолона амал карда истодааст. Ширкатҳои авиатсионӣ ба иттиҳод аллакай на аз рӯи принсипи миллӣ ё минтақавӣ, балки дар асоси фоиданокии давом додани бизнеси якҷоя ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар сохторҳои ҳарбӣ (бизнес системаи якҷояшуда) муттаҳид шуда истодаанд. Иттиҳодҳои муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ, пеш аз ҳама ба бизнес системаи байналмилалӣ мубаддал гардида, имрӯзҳо се иттиҳоди умумиҷаҳонии ширкатҳои авиатсионӣ – Star Alliance, Sky Team ва One world 60%-и ҳаҷми умумии бозори ҷаҳонии ҳамлу нақли ҳавоиро назорат мекунанд.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди консепсияи «фазои ҳавоии ягонаи умумии ҷаҳонӣ» мусоидат мекунанд. Шароити мусолиҳакоронаи амалисозии бизнеси нақлиёти авиатсионӣ давом дорад, ки боиси ташаккули соҳаи устувори молиявии умумиҷаҳонии ҳамлу нақли ҳавоӣ гардидааст.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ ба соҳаи сохтмони авиатсионии ҷаҳонӣ тағйироти калон ворид мекунанд. Раванди тамаркузи иқтидорҳо ва

сармояро метавон дар мисоли иттиҳодияи сохтмони авиатсионии Airbus Industries мушоҳида кард. Гурӯҳ соли 2001-ум дар натиҷаи якҷояшавии сохтмони авиатсионии испании Casa, фаронсавии Marta Aerospase ва олмонии DASA ба ширкати ягонаи EADS табдил ёфт. Баъдан, аллакай EADS ва ширкати британии BAE Sustems ба сифати холдинги Airbus Industries муттаҳид гардиданд. Дар бозори сохтмони авиатсионии Россия низ, пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар бораи муттаҳидсозии ҳамаи ширкатҳои сохтмонии авиатсионӣ дар ҳудуди Федератсияи Россия қарордошта ба Корпоратсияи муттаҳид гардонидашудаи сохтмони авиатсионӣ қарор қабул гардид. Раванди якҷояшавии сохтмони авиатсионӣ дар мисоли иҷрои лоиҳаи якҷояи Boeing ва ширкати ҳавопаймоҳои граждании «Сухой» ҳангоми таҳия ва сохтани лайнери RRJ ба таври равшан инъикос ёфтааст.

Дар Аврупо, дар натиҷаи рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ ташкили фазои ягонаи иқтисодии Иттиҳоди Аврупо ба амал омад, ки бозори нақлиёти авиатсионии аврупоиро ба таври қатъӣ тағйир дод ва минбаъд ба тарзи калидӣ умуман ба рушди ҳамлу нақли ҳавоии бозори ҷаҳонӣ таъсир расонд. Ҳамин тавр, бо мақсади таъмини равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва инчунин бартарафсозии маҳдудиятҳо дар озодии пешниҳоди хизматрасониҳо дар бозори хизматрасонии рӯизаминӣ дар доираи сиёсати ягонаи нақлиётии Иттиҳоди Аврупо Директиваи 96/67/ИА қабул гардид. Директиваи 96/67/ИА дар худ асоси меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи танзими фаъолияти бозори хизматрасониҳои рӯйизаминиро дар муассисаҳои авиатсионии мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо таҷассум менамояд. Директива миқдори рақибони мавҷуда, шаклҳои воридшавии онҳо ба бозори хизматрасониҳои рӯизаминиро ба тартиб оварда, онҳоро дар маҳдудкунӣ аз рақобатӣ бозорӣ муҳофизат мекунад. Директиваи 96/67/ИА дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо ва умуман дар бозори нақлиёти авиатсионии ҷаҳонӣ тағйироти калони зеринро ба амал овард:

1) Сегментҳои нави бозори нақлиёти авиатсионӣ пайдо шуданд:

– операторҳои соҳавии фурудгоҳии хизматрасониҳои рӯизаминӣ;

– бизнес-сохтори ба таври уфуқӣ якҷоянамудаи ИОХЗ (иттиҳоди операторони хизматрасонии рӯизаминӣ, операторони шабакавии хизматрасониҳои рӯизаминӣ);

– фурудгоҳ ҳамчун инфрасохтори таъмини ҳамлу нақли авиатсионӣ.

2) Шиддатнокии рақобат дар байни ИОХЗ (иттиҳоди операторони хизматрасонии рӯизаминӣ) баланд гардид;

3) Нишондиҳандаҳои сатҳи сифати хизматрасониҳои рӯизаминӣ баланд шуд;

4) Барои ширкатҳои авиатсионӣ ҳамзамон бо тағйирёбии сохтори шартномаҳо арзиши хизматрасониҳои рӯизаминӣ ба таври назаррас коҳиш ёфт;

5) Инфрасохтори соҳаи хизматрасониҳои рӯизаминӣ бениҳоят мукамал гардид;

6) Аутосорсинги хизматрасониҳои рӯизаминии ҳамлу нақли авиатсионӣ ба таври васеъ рушд кард. [43]

Тағйироти номбаршуда, ки дар натиҷаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ба амал омаданд, барои соҳаи нақлиёти ҳавоӣ аҳамияти калон дошта, барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои авиатсияи гражданӣ қобили қабул мебошанд. Умуман, дар ҷаҳон раванди ғайридавлатикунонӣ рафта истодааст: ба ҷойи моликияти давлатӣ шакли саҳомии моликият омада истодааст.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ дар рушди соҳаи нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба таври муҳим инъикос ёфтаанд. Марҳилаи якуми тағйирёбӣ, пеш аз ҳама бо ивазшавии соҳибони муассисаҳои авиатсияи гражданӣ (равандҳои хусусигардонӣ) ва тақсим кардани отрядҳои авиатсионии муттаҳидгардида ба ширкатҳои авиатсионӣ ва комплекси иттиҳодиявии фурудгоҳии хизматрасонии рӯизаминӣ алоқаманд мебошад. Марҳилаи дуюм, бо тақсими маҷмӯи иттиҳодиявии фурудгоҳӣ ба фурудгоҳ

[43] SH&E Study on the guality and efficiency of the implementation of Council Directive // Report to European Commission. - [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://transport.ec.europa.eu/system/files/2016-09/2009_02_ground_handling_annex.pdf., кушода, санаи муроҷиат: 11.07.2020

(албатта, табиист, ки дар ин ҳолат оператори монополии комплекси инфрасохтор ба вуҷуд меояд) ва операторони хизматрасониҳои рӯизаминӣ (намуди махсусгардонидашудаи хизматрасонӣ дар контури бахши мушаххас) алоқаманд мебошад.

Раванди дигаргуншавии инфрасохторӣ, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ пайдо шудааст, дар ҷумҳурӣ аз меъёрҳои умумиҷаҳонӣ хеле қафо мондаанд, ки ин умуман бо хусусиятҳои рушди иқтисодии мустақилонаи мамлакат дар марҳилаи муосир алоқаманд аст.

Дар даҳсолаи охир, дар натиҷаи рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ, дар соҳаи нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ парки авиатсионӣ амалан пурра аз техникаи авиатсионии шӯравиро ба хориҷӣ иваз намуд. Тибқи ин, дар ҷумҳурӣ барои хизматрасонии рӯизаминӣ таҷҳизоти техникии нав ворид шуданд.

Якҷоя бо таҷҳизоти нав равандҳои истеҳсолот низ тағйир ёфта, ба он технологияи IT фаъолона ворид мегардад. Соҳаи нақлиёти ҳавоӣ тадриҷан ба бозори авиатсионии ҷаҳонӣ ҳамроҳ шуда, иштирокчии комилҳуқуқи он мегардад.

Дар даҳсолаи охир, барои нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ аз тарафи муассисаҳои авиатсионӣ азхудкунии технологияи лизингии навсозии парки авиатсионӣ, инчунин таҷҳизоти техникии рӯизаминӣ аҳамияти калон ва муҳим пайдо карданд. Барои таъмини хариди техника ва таҷҳизоти авиатсионӣ давлат ширкатҳои лизингӣ ташкил кард, ки таъминкунандаи асосии техникаи авиатсионӣ ҳисоб мееёбанд.

Дар рафти амалисозии стратегияи нақлиётӣ бизнес-системаи якҷоякардашудаи рақобати умумӣ – сохтори ҳарбӣ ба ташаккул оғоз намуд, ки ташкили он барои дарёфти нишондиҳандаҳои баланди сифатии хизматрасонии мусофирон ва борҳои мизоҷон ҳангоми сарфаи захираҳои ширкатҳои авиатсионӣ ва фурудгоҳҳо имконият фароҳам меорад. Барои чандирият ва такмили танзими меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ равандҳои ҷаҳонишавӣ нисбатан равшантар инъикос ёфтанд.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, метавон чунин хулоса кард, ки равандҳои ҷаҳонишавии даҳсолаҳои охир, ки ба соҳаи нақлиёти ҳавоӣ дохил шуданд, ба инфрасохтори соҳавӣ дигаргунии куллӣ ворид намуданд.

**Хулоса аз боби якум:**

1. Ҳамлу нақли ҳавоиро авиатсияи граждании анҷом медиҳад, ки назар ба нақлиёт нисбатан васеъ истифода мешавад. Он ҳамчун соҳаи иқтисоди миллӣ на танҳо дар ҳаллу фасли масоили сирф нақлиётӣ, балки дар ҳалли баъзе вазифаҳои махсус низ иштирок менамояд. Онро дар соҳаи кишоварзӣ, барои хомӯш намудани сӯхтори бешазор ва соир сӯхторҳо, инчунин иктишофи геологӣ, яхӣ бо мақсадҳои варзишӣ ва ғайраҳо истифода мекунанд. Аммо, бешубҳа, таъйиноти асосии авиатсияи гражданин амалисозии ҳамлу нақли мусофирон, борҳо ва почта тариқи ҳаво, аслан дар масофаҳои тӯлонӣ ва аксар вақт дар масофаҳои байниминтақавӣ мебошад. Дар низоми нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти ҳавоӣ яке аз шаклҳои асосии нақлиёти мусофирбарӣ буда, аз рӯи ҳаҷми истифодаи ҳамлу нақли мусофирон ҷойи сеюмро ишғол менамояд. Истифодаи нақлиёти ҳавоӣ (аз ҳисоби суръати баланди ҳавопаймоҳо ва рост кардани роҳи парвоз) дар муқоиса бо намудҳои дигари нақлиёт дар масофаҳои миёна ва махсусан тӯлонӣ бурди калони вақтро фароҳам месозад, аз ин рӯ, самараи иқтисодии вақт рӯи кор меояд.

2. Нақлиёти ҳавоӣ ба соҳаи илмталаб ва баландтехнологияи иқтисодиёти миллӣ мансуб буда, яке аз қисматҳои ояндадор ва дархостшавандаи инфрасохтори тамаддуни муосир мебошад. Низоми идоракунии нақлиёти ҳавоӣ, низ ба системаи идоракунии мураккаб дохил шуда хусусиятҳои умумӣ ва принсипҳои низоми нақлиёт асос ёфтааст. Принсипҳои асосии идоракунии нақлиёти ҳавоӣ дар шароити муосир ҳолатҳои зеринро дар бар мегирад: нақлиёт яке аз соҳаҳои муҳимтарини инфрасохтори иқтисодӣ ҳисоб меёбад ва аз тарафи давлат ҳамчун соҳаи афзалиятнок баррасӣ мегардад, чунки фаъолияти он ба рушди иқтисодии мамлакат таъсири калон мерасонад; танзими иқтисодии давлатӣ дар

ташкили бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва назорати иҷозати воридшавии муассиса ба бозор, танзими қоидаҳои нархгузорӣ, танзими инвеститсия ва андозбандӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди соҳа; назорати умумии давлатӣ аз рӯи қоидаҳо ва технологияҳои кори нақлиёт оид ба таъмини бехатарии ҳамлу нақл ва дастрасии баробар барои истифодабарандагон. Хусусиятҳои идоракунии нақлиёти ҳавоӣ инҳо мебошанд: зарурати иҷрои аниқи вазифаҳои технологии бо бехатарии ҳамлу нақл алоқаманд; яккасардорӣ, интизомнокӣ ва диспетчеркунонӣ дар идоракунии раванди ҳамлу нақл; алоқаи ногусастанӣ ва вобастагии байниҳамдигарии ҳамаи ҳалқаҳои занҷири нақлиётӣ.Бо дарназардошти ин хусусиятҳо дар нақлиёт методҳои идоракунии маъмурӣ (ташкилӣ-амрӣ), иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ истифода мешаванд. Зимнан методи амрӣ бояд бо методҳои иқтисодӣ ва психологӣ, ки ҳавасмандии меҳнат, самаранокии кор, ҳамдилии иттиҳодиявӣ, ташаббускорӣ ва кордониро таъмин мекунанд, моҳирона мувофиқат намояд.

3.Рушди авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идоракунии он дар шароити ҷаҳонишавӣдар доираи Барномаи давлатии мақсадноки «Рушди комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2025», ки соли 2009 аз тарафи Ҳукумати мамлакат қабул шудааст, амалӣ карда шуда истодааст. Мақсади стратегияи нақлиётӣ рушди пешсафии комплекси нақлиётӣ-коммуникатсионӣ тибқи стратегияи ояндадори иқтисодии давлат мебошад. Дар натиҷаи амалисозии стратегияи нақлиётӣ гузариши низоми нақлиётӣ ба сатҳи сифатан нави амалкард анҷом дода шуда,шабакаи муносиби нақлиётӣ ташаккул ёфта истодааст. Гузариш ба маблағгузории инфрасохторҳо аз рӯи принсипи худмаблағгузории пурра имконият медиҳад, то ки барои рушди устувори минбаъдаи он ва дастгирӣ дар сатҳи баланди техникӣ ва технологӣ захираҳо ташаккул ёбанд. Комплекси нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ ба низоми нақлиётии ҷаҳонӣ узван пайваст шуда истодааст ва инфрасохтори нақлиётӣ мутобиқи стандартҳои ҷаҳонӣ таҷдид шуда истодааст. Заминаи меъёрӣ ва низоми назорат дар соҳаи экология ба стандартҳои ҷаҳонӣ

муносиб гардонида шуда истодааст, ки ин имконият фароҳам меорад, ки ҳиссаи ҳамлу нақли транзитӣ, ки воридшавии маблағи муҳимро ба буҷети давлат ва ширкатҳои нақлиётӣ таъмин мекунад, ба таври назаррас афзоиш дода шавад.

# БОБИ 2. АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ФУРУДГОҲҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ ОН

## 2.1. Таҳлили қиёсии ҳолати муосир ва дурнамои истифодабарии фазои ҳавоӣ бо мақсади рушди транзит

Хусусияти хоси бозори ҳамлу нақли ҳавоии дар минтақаи АвруОсиё ин вобастагии он аз сатҳи рушди иқтисодии давлатҳои минтақа, некуаҳволии шаҳрвандони он, кушода будани кишвар ба сайёҳати байналмилалӣ, ҳаҷм ва махсусгардонии савдои байналмилаӣ мебошанд.

Ибтидои асри XXI бо суръати устувори афзоиши ҳаҷми мусофирбарӣ ва бокашонӣ дар кишварҳои гуфташуда фарқ мекунанд. Ба ин рушди воқеии даромдҳои аҳолӣ, васеъшавии талабот ба боркашонии борҳо тавассути нақлиёти ҳавоӣ ҳам дар ин кишварҳо ҳам дар миёни бозорҳои калони ҷаҳонӣ (Аврупо ва Осиё) мебошанд.

Новобаста ба пастравии ҳаҷми ҳамлу нақл боиси ривоҷ ёфтари бӯҳрони кароновирус, бозори ҳамлу нақли ҳавоӣ ҳамавақт барқарор гардида ба мавқеи пеш аз бӯҳронӣ омада мерасад.

Таъсири манфӣ ба бозори ҳамлу нақли ҳавоӣ омили сӯзишворӣ мерасонад. Дар солҳои охир нархи сузишвлрӣ тамойили болоравӣ дорад. Хароҷоти интиқолдиҳандагони ҳавоӣ барои хариди сӯзишворӣ яке аз калонтарин моддаи хароҷот мебошад, ки бевосита ба сатҳи тарифи боркашонӣ ва мусофирбарӣ таъсир мерасонад. Афзоиши тарифи боркашонӣ ва мусофирарӣ, ки дар натиҷаи болоравии нархи бозори ҷаҳонии нефт ба вуҷуд меояд, дар наздиктарин лаҳза омили нигоҳдорандаи рушди авиатсияи гражданӣ дар кишварҳои АвруОсиё мегардад. Новобаста ба ин, ҳамлу нақл дар минтақа нисбатан бо суръати динамикӣ дар қиёс бо тамойили инкишофи миёнаи ҷаҳонӣ дорад.

Рушди авиатсияи граждании дар кишварҳои Иттиҳоди АвруОсиё вобаста бо тамойилии умумии авиатсияи граждании байналмилалӣ буда, омилҳои умумиҷаҳонии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигарон ба вуҷуд овардаанд.

Дар соли 2022 гардиши ҷаҳонии мусофирон дар хатсайрҳои мунтазами кишварҳои аъзои ИКАО аз 10,5 трлн пасс-км зиёд шуданд, ки наисбат ба соли 2020 7,3 % зиёд будааст, тоннокилометри овардашуда бошад ба 923, 3 млрд тонно-км расида ба надозаи 5,8% афзоиш ёфтааст.

Ба авиатсияи граждании кишварҳои аъзои созмони АвруОсиё дар соли 2020 3,6 аз ҳаҷми умумии гардиши борҳои авиатияи граждании ҷаҳонӣ ташкил намудаанд. Дар ин маврид вазни хоси авиатсияи граждании кишварҳои Иттиҳоди АвруОсиё дар панҷ соли охир қариб 1,5 баробар афзоиш ёфтаанд (ҷадвали 2.1.).

**Ҷадвали 2.1. - Тонна-километри овардашудаи авиатсияи граждании кишварҳои аъзои Иттиҳоияи АвруОсиё ва ИКАО (2016-2021)**

| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021/2016** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишварҳои аъзои ИКАО | 487,9 | 516,7 | 546,7 | 549,7 | 504,1 | 523,3 | 107,3 |
| Кишварҳои аъзои Иттиҳоди АвруОсиё | 11,2 | 12,0 | 14,2 | 15,6 | 14,6 | 19,0 | 169,6 |
| Вазни хоси кишварҳои Иттиҳодияи АвруОсиё | 2,3 | 2,3 | 2,6 | 2,8 | 2,9 | 3,6 | +1,5% |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Дар панҷ соли охир суръати афзоиши тонна-километри овардашуда дар давлатҳои аъзои Иттиҳодяи Авруосиё (ҳамчунин гардиши мусофирон ва гардиши борҳо) дар умум нисбат ба авиатсияи граждании байналмилалӣ, ки 189 давлати аъзои ИКАО-ро ташкил мекунанд,бештар будааст.

Дар шароити инкишофи динамикии иқтисодиёти кишварҳои аъзои Иттиҳоди АвруОсиё ва мутаҳаррикии аҳолии онҳо дар давоми солҳои 2016-2021 мусофиргардиши авиатсияи гражданӣ дар умум ҳам дар хатсайрҳои мунтазам ва ғайри мунтазам тахминан ба 2,8 баробар афзоиш ёфтааст, яъне аз 58,6 млрд.мусс-км дар соли 2016 то ба 156,6 млрд мус-км дар соли 2021 расидааст (ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2. - Гардиши мусоирон дар хатҳои сайри байналмилалӣ ва дохилӣ дар солҳои 2015-2021**

| Кишвар | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Белорус | 0,5 | 0,7 | 0,8 | 1 | 1,3 | 1,3 | 1,6 | 320 |
| Қазоқистон | 1,6 | 3 | 3,1 | 4,9 | 5,5 | 5,4 | 6,3 | 393,8 |
| Қирғизистон | 0,5 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,6 | 0,5 | 0,7 | 140 |
| Россия | 54 | 85,8 | 93,7 | 111 | 122,6 | 112,5 | 147,1 | 272,4 |
| Тоҷикистон | 2,0 | 2,3 | 2,3 | 2,4 | 1,9 | 0,8 | 0,9 | 45,0 |
| Ҳамагӣ ИАО | 58,6 | 92,2 | 100,3 | 119,5 | 131,9 | 120,5 | 156,6 | 267,2 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Рушди аз ҳама баланд дар Қазоқистон (393,8%),Россия (272,4%) ва Қирғизистон (140%) нисбати афзоиши ҳаҷми мусофирбарӣ ба даст омадааст. Тоқикистон бо ин нишондиҳанда дар сатҳи 45% соли 2015 ба даст овардааст.

Айнан ҳамин гуна вазъият нисбати ҳаҷми мусофирбарӣ ба вуҷуд омадааст (ҷадвали 2.3).

**Ҷадвали 2.3. - Ҳаҷми мусофирбарӣ дар хатҳои сайри байналмилалӣ ва дохилӣ дар солҳои 2015-2021**

| Кишвар | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Белорус | 0,3 | 0,5 | 0,5 | 0,6 | 0,8 | 0,8 | 1,0 | 333,3 |
| Қазоқистон | 0,8 | 1,6 | 1,9 | 2,7 | 2,5 | 2,7 | 2,9 | 362,5 |
| Қирғизистон | 0,3 | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 100 |
| Россия | 23 | 35,1 | 38 | 46,6 | 45,8 | 45,1 | 57 | 247,8 |
| Тоҷикистон | 0,8 | 0,8 | 0,9 | 0,8 | 0,7 | 0,3 | 0,4 | 50,0 |
| Ҳамагӣ ИАО | 25,2 | 38,2 | 41,5 | 51,0 | 50,0 | 49,2 | 61,6 | 244,4 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Ҳаҷми умумии мусфирбарӣ дар кишварҳои Иттиҳоди АвруОсиё ба 2,4 баробар нисбати соли 2015 афзоиш ёфтааст. Дар ҳамин муддат ҳаҷми мусофирбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба 50 %-и соли 2015 расидааст.

Дар умум бештар аз 92,5 % ҳаҷми мусофирбариро ширкатҳои ҳавопаймоии Россия ба иҷро расонидаанд. Дуюм ҷойро бо 4,7% ширкатҳои ҳавопаймоии Қазоқистон ташкил мекунанд.

Дар солҳои 2015-2021 суръати афзоиши ҳаҷми мусофирарӣ, гардиши мусофирон ва гардиши борҳо дар кишварҳои Иттиҳоди АвруОсиё хеле бештар дар қиёс бо суръати афзоиши ин нишондиҳандаҳо дар хатсайрҳои номунтазам будааст (ҷадвали 2.4).

**Ҷадвали 2.4. - Вазни хоси ҳаҷми мусофирбарӣ дар хатсайрҳои мунтазам ва номунтазами кишварҳои Иттиҳоди АвруОсиё дар соли 2021.**

| Кишварҳо | Вазни ҳоси мусофир-барии мунтазам,% | Вазни хоси мусофир-барии номунтазам,% |
|---|---|---|
| Белорус | 68 | 32 |
| Қазоқистон | 95,8 | 4,4 |
| Қирғизистон | 97,3 | 2,7 |
| Россия | 77 | 23 |
| Тоҷикистон | 95,1 | 4,9 |
| Ҳамагӣ | 78,2 | 21,8 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Тавассути хатсайрҳои мунтазам аз ҳама бештар дар Қирғизистон (97,3%), Қазоқистон (95,8%) ва Тоҷикистон (95,1%) мусофир кашонида шудаанд.

Дар хатсайрҳои байналмилаӣ қариб 49 % мусофирбарии минтақаи таҳлил рост меоянд. Дар давраи таҳлил ҳаҷми мусофирбарӣ дар хатсайрҳои байналмилалӣ нисбат хатсайрҳои дохилӣ бештар афзоиш ёфтаанд (ҷадвали 2.5).

**Ҷадвали 2.5. – Вазни хоси ҳаҷми мусофирбарӣ дар хатсайрҳои байналимлалӣ ва дохилии кишварҳои Иттиҳоди АвруОсиё, дар соли 2021**

| Кишварҳо | Вазни ҳоси мусофир-барии байналмилалӣ,% | Вазни хоси мусофир-барии дохилӣ,% |
|---|---|---|
| Белорус | 100 | 0 |
| Қазоқистон | 36,4 | 64,6 |
| Қирғизистон | 73,9 | 26,1 |
| Россия | 48,7 | 51,3 |
| Тоҷикистон | 83,8 | 16,2 |
| Ҳамагӣ | 49,1 | 50,9 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Дар Белорус дар дохили кишвар мусофирбарии авиатсионӣ қариб иҷро карда намешаванд. Ҳиссаи калони мусофирбарӣ дар хатсайрҳои байналмилалӣ дар Қирғизистон (75%) ва Тоҷикистон (84%) ба вуҷуд омадаанд.

Масофаи миёнаи мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ як мусофир дар соли 2021 2528 км (ҷадвали 2.6) ташкил намудаанд.

**Ҷадвали 2.6. – Масофаи миёнаи мусофирбарӣ дар кишварҳои Иттиҳод дар соли 2021**

| Кишварҳо | Масофаи миёнаи мусофирбарӣ, км |
|---|---|
| Белорус | 1584 |
| Қазоқистон | 1916 |
| Қирғизистон | 2132 |
| Россия | 2583 |
| Тоҷикистон | 2483 |
| Ҳамагӣ дар кишварҳои Иттиҳод | 2528 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Тавре аз ҷадвали 2.6 дида мешавад масофаи миёнаи калони мусофбарӣ дар Россия (2583 км) ба амал омадааст. Дар Тоҷикистон ин нишондиҳанда дар сатҳи 2483 км иҷро гардидааст, ки ҷойи дуюмро дар Иттиҳод ташкил мекунанд.

Новобаст ба иштироки ширкатҳои ҳавопаймоии кишварҳои хориҷӣ дар бозори байналмилалии мусофирбарӣ ва кӯшиши онҳо нисбати васеъ намудани шабакаи хатҳои сайр ва ҳаҷми мусофирбарӣ, боркашонӣ ва интиқоли почта, ба ширкатҳои ватанӣ дар умум 66% ҳамаи мусофирбарӣ дар самтҳои байналмилалӣ ба иҷро расонида мешаванд (ҷадвали 2.7).

**Ҷадвали 2.7. - Иштироки ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар мусофирбарӣ ба самтҳои байналмилалӣ аз аэропортҳои кишварҳои Иттиҳод, дар соли 2021**

| Кишварҳо | Иштироки ширкатҳои хориҷӣ, % | Иштироки ширкатҳои ватанӣ, % |
|---|---|---|
| Белорус | 37,1 | 62,9 |
| Қазоқистон | 30,1 | 69,9 |
| Қирғизистон | 60,7 | 39,3 |
| Россия | 33,3 | 66,7 |
| Тоҷикистон | 56,8 | 43,2 |
| Ҳамагӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Авруосиё | 34,3 | 65,7 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Маълумотҳои ҷадвали 2.7 шаҳодат медиҳанд, ки дар умум ҳиссаи ширкатҳои ватанӣ дар мусофирбарии байналмилалӣ бештар буда он ба ҳисоби миёна 65,7 %-ро ташкил медиҳанд. Дар Тоҷикистон ва Қирғизистон ин нишондиҳанда тмоийли баръакс дорад. Яъне, ҳачми мусофирбарии ширкатҳои

ватании ин кишварҳо мувофиқан 43, 2 (Тоҷикистон) ва 39,3 % (Қирғизистон) ташкил намудаанд, аз дараҷаи баланди дастрасии ширкатҳои хориҷи ба бозори мусофирбарии ин кишварҳо дар самти байналмилалӣ мебошад.

Дар соли 2021 авиатсияи гражданиии кишварҳои Иттиҳоди Авруосиё қариб 1 млн. тонн борҳо ва почта кашонида шудаанд. Дар давраи таҳлил ин нишониҳанда ба 69% афзоиш ёфт.

**Ҷадвали 2.8. - Ҳаҷми боркашонӣ ва почта дар хатҳои сайри байналмилалӣ ва дохилӣ дар солҳои 2015-2021, ҳазор тона**

| Кишвар | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Белорус | 4,4 | 14,5 | 25,7 | 20,8 | 17,8 | 22 | 17,48 | 397,3 |
| Қазоқистон | 13,8 | 20,7 | 16,5 | 25,7 | 17,8 | 15,8 | 17,2 | 124,8 |
| Қирғизистон | 2,9 | 1,4 | 0,7 | 0,6 | 0,9 | 0,8 | 1,0 | 34,5 |
| Россия | 546,6 | 628,9 | 640,3 | 732,2 | 779,4 | 712,2 | 928,4 | 169,5 |
| Тоҷикистон | 2 | 3,7 | 2,4 | 2,1 | 2,5 | 2,2 | 2,2 | 110,0 |
| Ҳамагӣ ИАО | 569,7 | 669,2 | 685,6 | 781,4 | 818,2 | 737,2 | 964,3 | 169,3 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Маълумотҳои ҷадвали 2.8 нишон медиҳанд, ки рушди бештари ҳаҷми боркашони ва почта дар Белорус (қариб 4 маротиба) ба вуҷуд омаданд, ҳамзамон пастравии ин нишондиҳанда дар Қирғизистон ба вуҷуд омдааст (қариб се баробар нисбат ба соли 2015). Бештар аз 96% -и ҳаҷми умумиро Россия ташкил намудааст.

Асоси кори иҷрокардаи авиатсияи гражданиии кишварҳоро боркашонии мунтазам ташкил мекунанд. Ҳаҷми боркашонии авиатсионии номунтазам нисбат ба ибтидои давраи таҳлил тамойили кмшавӣ пайдо намуданд.

Рушди афзалиятноки боркашонӣ дар самтҳои мунтазам аз як тараф ба сахтшудари талабот ба ҳамлу нақли чартерӣ баошад, аз дигар тараф васеъ шудани иштироки ширкатҳои ватанӣ дар иҷрои барномаҳои боркашонии мунтазам, хусусан, дар хатсайрҳои самти Аврупо-Осиё мебошанд.

Дар замони муосир 71,4% ҳаҷми боркашонӣ ва почта тавассути парвозҳои мунтазам ба амла бароварда мешаванд. Дар ин маврид ин нишондиҳанда дар кишварҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон бештар аз 90% ташки намудаанд. Фақат дар Белорус боркашонии чартерӣ афзалият дорад.

**Ҷадвали 2.9. – Вазни хоси боркашонӣ ва почта тавассути хатсайрҳои мунтазам ва ғайримунтазам дар соли 2021**

| Кишварҳо | Тавассути хатсайрҳои мунтазам, % | Тавассути хатсайрҳои номунтазам, % |
|---|---|---|
| Белорус | 8,6 | 91,4 |
| Қазоқистон | 93,8 | 6,2 |
| Қирғизистон | 95,8 | 4,2 |
| Россия | 72,0 | 28,0 |
| Тоҷикистон | 96,8 | 3,2 |
| Ҳамагӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Авруосиё | 71,4 | 28,6 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Дар самтҳои байналмилалӣ дар умум дар Иттиҳоди Авруосиё 71,9% ҳаҷми боркашонӣ ва почта кашонида шудаанд, дар самтҳои дохили кишварҳо 28,1% борҳо ва почта кашонида шудаанд (ҷадвали 2.10).

**Ҷадвали 2.10. – Вазни хоси боркашонӣ ва почта тавассути хатсайрҳои байналмилалӣ ва дохилӣ дар соли 2021**

| Кишварҳо | Тавассути хатсайрҳои байналмилалӣ, % | | Тавассути хатсайрҳои дохилӣ, % |
|---|---|---|---|
| Белорус | 100 | | 0 |
| Қазоқистон | 57,4 | | 42,6 |
| Қирғизистон | 91,6 | | 8,4 |
| Россия | 71,6 | | 28,4 |
| Тоҷикистон | 84,5 | | 15,5 |
| Ҳамагӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Авруосиё | 71,9 | | 28,1 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Дар хатсайрҳои байналмилалӣ кашонидани борҳо ва почта аз ҳама бештар дар Белорус (100%) ба вуҷуд омадааст. Боркашонӣ ва интиқоли почта дар хатсайрҳои дохилӣ бештар дар Россия (28,4%) ва Қазоқистон (42,6%) ба вуҷуд омадаанд.

Вазни хоси аз ҳама калон дар боркашонӣ ва почта аз фурудгоҳҳои байналмилаӣ дар умум дар кишварҳои номбарда 32,,7% ташкил намудаанд. Ҳиссаи камтар аз 25% боркашонӣ ва почта тавассути ширкатҳои хориҷӣ дар

Россия ба вуҷуд омадааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳанда мувофиқан 45,4% ва 54,6 % - ро ташкил намудаанд. Дар дигар кишварҳои Иттиҳод вахни хоси онҳо дар боркашонӣ ва почта хеле зиёд мебошанд (ҷадвали 2.11).

**Ҷадвали 2.11. - Иштироки ширкатҳои хориҷӣ ва ватанӣ дар боркашонӣ ва почта дар соли 2021**

| Кишварҳо | Тавассути ширкатҳои хориҷӣ, % | Тавассути ширкатҳои ватанӣ, % |
|---|---|---|
| Белорус | 63,6 | 36,4 |
| Қазоқистон | 68,7 | 31,3 |
| Қирғизистон | 61,5 | 38,5 |
| Россия | 24,2 | 75,8 |
| Тоҷикистон | 45,4 | 54,5 |
| Ҳамагӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Авруосиё | 32,7 | 67,3 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Аз соли 2015 сар карда гардиши бор дар авиатсияи граждании кишварҳои Иттиҳодия ба 76,1% афзоиш ёфтааст (ҷадвали 2.12).

**Ҷадвали 2.12. - Гардиши бор ва почта дар хатсайрҳои байналмилалӣ ва дохилӣ дар солҳои 2015-2021, млн.ткм**

| Кишвар | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Белорус | 18 | 58,8 | 91,5 | 66,3 | 53,8 | 48,0 | 59,4 | 330,0 |
| Қазоқистон | 117,5 | 81 | 77,9 | 42,3 | 46,5 | 30 | 56,3 | 47,9 |
| Қирғизистон | 8,8 | 4,5 | 1,4 | 1,3 | 2,5 | 1,8 | 3,4 | 38,6 |
| Россия | 2600 | 2830,3 | 2932,2 | 3414,3 | 3691,6 | 3557,7 | 4715,4 | 181,4 |
| Тоҷикистон | 4,3 | 7,6 | 9,4 | 4,8 | 5,2 | 5,1 | 5,4 | 125,6 |
| Ҳамагӣ ИАО | 2748,6 | 2982,2 | 3112,4 | 3539 | 3799,6 | 3642,6 | 4839,9 | 175,1 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 2.12 дида мешаванд, рушди аз ҳама бештари гардиши бор дар Беларус (3,3 баробар), Россия (1,8 баробар) ва Тоҷикистон (125,6%) ба даст оварда шудаанд. Дар Қазоқистон ва Қирғизистон ин нишондиҳандаҳо таомйили камшави доштанд.

Масофаи миёнаи боркашонӣ ва почта (ҷадвали 2.13) дар аксари кишварҳо тамойили зиёдшавӣ доштанд.

**Ҷадвали 2.13. – Динамикаи масофаи миёнаи ҳамлу нақли борҳо ва почта дар соли 2021 дар кишварҳои Иттиҳоди Авруосиё, километр**

| Кишварҳо | Дар соли 2015 | Дар соли 2021 | 2021/2015, % |
|---|---|---|---|
| Белорус | 4055 | 3398 | 83,8 |
| Қазоқистон | 3913 | 3273 | 83,6 |
| Қирғизистон | 3214 | 3400 | 105,8 |
| Россия | 4500 | 5090 | 113,1 |
| Тоҷикистон | 2054 | 2455 | 119,5 |
| Ҳамагӣ дар ИАО | 4456 | 5019 | 112,6 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Маълумотҳои ҷадвали 2.13 нишон медиҳанд, ки рушди бозорҳои ҷуғрофии ҳамлу нақли борҳо ва почта дар давраи таҳлил дар Тоҷикиатон (119,1%), Россия (113,1%) ва Қирғизистон (105,8 %) ба вуҷуд омадааст.

Истифодабарии воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ низ вобаста ба кишвар аз ҳам фарқ мекунанд. Махсусан, кишварҳо нисбати нишондиҳандаи коэффисиенти истифодаи иқтидори тиҷоратӣ ва коэффисиенти банд шудани ҷойҳои нишасти мусофирон аз ҳам фарқ мекунанд (ҷадвали 2.14).

**Ҷадвали 2.14. – Истифодаи судманди парки киштиҳои ҳавоӣ да соли 2021**

| Кишварҳо | Коэффисиенти истифода-барии пуркунии тиҷоратӣ, % | Коэффисиенти банд шудани ҷойҳои нишаст, % |
|---|---|---|
| Беларус | 58,0 | 65,4 |
| Қазоқистон | 56,2 | 67,9 |
| Қирғизистон | 78,9 | 84,3 |
| Россия | 66,4 | 78,2 |
| Тоҷикистон | 64,7 | 71,6 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Маълумотҳои ҷадвали 2.14 нишон медиҳанд, ки судмандии миёнаи истифодабарии киштиҳои ҳавоӣ дар кишварҳои овардагуда наисбат ба миёнаи истифодабарии ҷойҳои нишаст (77%) аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Дар ибтидои соли 2022 дар ин кишварҳо бештар аз 100 фурудгоҳи байналмилалӣ фаъият мекарданд, ки 49 % онҳо аэродроми тавассути ИКАО категория кунонида шудаанд (ҷадвали 2.15).

**Ҷадвали 2.15 - Миқдори фурудгоҳҳо ва категоришудаи аэродромҳои онҳо дар ибтидои соли 2022**

| Кишвар | Миқдори умумии фурдгоҳҳои байналмиалӣ | Категория шудаи аэродромҳо, ҳамагӣ | Категорияи 1 | Категирия 2 | Категорияи 3 а |
|---|---|---|---|---|---|
| Белорус | 7 | 1 | - | 1 | - |
| Қазоқистон | 16 | 7 | 4 | 1 | 2 |
| Қирғизистон | 2 | 1 | 1 | - | - |
| Россия | 72 | 39 | 28 | 10 | 3 |
| Тоҷикистон | 4 | 2 | 1 | 1 | - |
| Ҳамагӣ | 101 | 50 | 34 | 13 | 5 |

**Сарчашма:** ИКАО.Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 2.15 дида мешаванд  аз 101 фурудгоҳ фақат нисфи онҳо категория кунаонида шудаанд, аз ҷумла 34 аэродроми фурудгоҳ категорияи 1, 13 фурудгоҳ категирияи 2 ва 5 фурудгоҳ ба категория 3а дохил карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки сохтори мавҷудаи фазои ҳавоии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Авруосиё, ҳизматрасонии парвозҳоро дар самтҳои байналмилалӣ ва дохилии кишварҳо таъмин менамоянд. Маҷмӯи роҳҳои ҳаовии баналмилалӣ имеконият медиҳад хатсайрҳои транзитӣ тавассути фазои ҳавоии кишварҳо бештар истифода бурда шаванд.

Тавассути фази ҳавоии ин кишварҳо шаш гурӯҳи хатҳои сайри ҳавоӣ мегузаранд, ки барои транзити ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ диққатҷалб-кунанда мебошанд:

-осиёгӣ (Аврупо –минтақаи баҳри сиёҳ – Шарқи наздик/минтақаи Каспи/ Осиёи марказӣ – Хитой;

-транссибир (Аврупо-Осиёи Ҷанубу-Шарқӣ);

-трансполярӣ (Аврупо – Ҷопон/Корея);

-тарнсосиёгӣ (Аврупо-Хитой – Осиёи шарқӣ/ Ҳиндустон / Покистон);

-трансшарқӣ (ИМА/Канада –Осиёи Ҷанубу Шарқӣ);

-кроссполярӣ (ИМА/Канада- Осиёи Ҷанубу Шарқӣ).

Аз гурӯҳҳои оврадашудаи самти хатҳои сайри байналмилалӣ фақат дуто якбора фазои ҳавоии кишварҳоро мебуранд: транссибирӣ (Россия ва Белорус) ва тарсносиёгӣ (Россия, Қазоқистон ва кишварҳои Осиёи марказӣ) мебошанд. Боқимонда самтҳо фақат фазои ҳавоии Россияро мебуранд.

Ҷумҳурии Беларус аз лиҳози ҷуғрофӣ дар маркази Аврупо ҷойгир шудааст, ки он барои истифодаи фазои ҳавоии он барои парвозҳо миёни кишварҳои Аврупо ва кишварҳои Осиёи марказӣ мусоидат мекунанд. Имрӯз фазои ҳавоии Белорус имконият медиҳд, ки Ҷопон, Австралия, Сингапур бо кишварҳои Аврупо бо масофаи камтарин пайваст кара шаванд. Хизматрасонии парвозҳо тавассути Корхонаи воҳиди ҷумҳуриявии хизматрасонии аэронавигатсионой “Белаэронавигатсия” ба иҷро расонида мешаванд. Алҳол тавассути фазои ҳавоии Беларус 925 ширкати хориҷӣ аз 91 кишвар ҷаҳон истифода мебаранд, ки теъдодашон ҳамасолона зиёд мешаванд.

Дар асоси маълумотҳои Қазоқаэронавигатсия дарозии хатсайрҳои ин кишвар бештра аз70 ҳазор километрро ташкил мекунанд.Ин кишвар тавассути се даҳлез бо Озорбойҷон, бо Туркманистон -2 даҳлез,Узбакистон -27, Қирғизистон -6, Хитой -4, ва Россия -27 даҳлез пайват мекунанд. Вақтҳои охир тарнзит тавассути Қазоқистон ба андозаи 10-15% солона зиёд мешаванд.

Шиддатнокии парвозҳо дар фазои ҳавоии Қазоқистон солона бештар аз 250 киштиҳои ҳавоиро ташкил медиҳанд.

Ҷумҳурии Қирғизистон шароити мусоид барои парвозҳои байналмилалӣ дар фазои ҳавоии худаш таъмин менамояд. Ҳамчун аъзои ИКАО кишвар стратегия бехатарии парвозҳоро тавассути истифодаи стандартҳои ИКАО ва тавсияҳои таҷрибавиро амалӣ месозад.

Ҷазоқистон 12 хатсайри байналмилаии парвозҳо дорад, ки онро бо кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла: 6 – бо Қазоқисон, 4- бо Ӯзбекистон, 1-бо Тоҷикистон,1-бо Хитой пайваст менамояд.

Тибқи маълумотҳои “Қирғизаэронавигатия” авиатрассаи Ғарб-Шарқ, ки Хитой ва Ӯзбекистонро тавассут Қирғизистон пайваст мекунад дар соли 2021 54,2 % парвозҳои транзитии ин кишварро ташкил кардаанд. Вазни хоси сархатҳои байналмилалии Тоҷикистон бо Қазоқистон 28,2 %- ро ташкил мекунанд.

Ҳаҷми хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ дар Россия солона ба андозаи то 10% зиёд мешаванд.

Хизматрасонии парвозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи корхонаи вохиди “Тоҷикаэронавигатсия” ба амал баров요рда мешаванд. Дар соли 2021 дар фазои ҳавоии кишвар ба 40,2 ҳазор киштиҳои ҳавоӣ хизмати аэронавигатсионӣ расонида шудаанд, ки 42,5% онҳоро парвозҳои транзитӣ ташкил намудаанд.

Хулоса хатсайрҳои байналмилалии аз фазои ҳавоии кишварҳо гузаранда афзалиятҳои зерин доранд:

-сарфаи назарраси вақти парвози ширкатҳои ҳаопаймоии хориҷӣ;

- ихтисоршавии арзиши ҳамлу нақли ҳавоӣ, аз ин ҷо авиатариф, ки дар навбати худ, талаботи навро ба хизматрасонии ширкатҳои хориҷиро дар самтҳои Аврупо-Осиё ба вуҷуд меоранд;

-барои кишварҳо зиёт намудани зуддияти парвозҳо бо хатсайрҳои транзитӣ суди иловагӣ дар шакли аромад аз хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ, инчунин инвеститсия ба рушди инфрасохтори фурудгоҳҳо ва системаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ ба вуҷуд меоянд;

-барои ширкатҳои ҳавопаймоии кишварҳо рушди хатсайрҳои байналмилалӣ даромад ба бозорҳои мусофирбарӣ ва боркашонии осиёгӣ, аврупоӣ ва америкоиро таъмин менамоянд.

## 2.2. Таҳлили ҳолати муосири рушди нақлиёти ҳавоии мамлакат

Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030 дар соҳаҳои нақлиёт «истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, аз ҷумла аз ҳисоби сарчашмаҳои хориҷии ҷалбшуда, барои сохтмони иншооти нақлиётии нав ва барқарорсозии иншооти мавҷуда, ки на танҳо талаботи дохилиро ба хизматрасониҳои нақлиётӣ таъмин мекунанд, балки ба равандҳои ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба иқтисоди ҷаҳон суръат мебахшанд» яке аз афзалиятҳои рушди минбаъда пазируфта шудааст. Ҳамлу нақли авиатсионии мамлакат дар солҳои охир ба соҳаи ба таври динамикӣ рушдккардаистодаи нақлиётӣ табдил ёфта, ба густариши муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии дохиливу беруна мусоидат намуда истодааст. Дар ин соҳа на танҳо техникаи авиатсионӣ, балки методҳо, усулҳо ва моделҳои бизнеси авиатсионӣ дигаргун шуда истодааст. Сатҳи ҳамкории байниҳамдигарии муассисаҳои соҳаи нақлиёти ҳавоӣ низ ба тағйироти калон мувоҷеҳ гардидааст.

Ҳалқаи калидии низоми соҳаи нақлиёти ҳавоӣ фурудгоҳҳо мебошанд. Фурудгоҳҳо ҳамчун қисми низоми нақлиёти авиатсионӣ қисмати инфрасохтори умумии нақлиётии мамлакат ва минтақаҳо, инчунин унсури стратегии коммуникатсияи онҳо мебошанд.

Дар солҳои охир, талабот ба ҳамлу нақли ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Аз нав муҷаҳҳазкунии техникии соҳа бо техникаи нави авиатсионӣ ба амал омад. Ба соҳаи нақлиёти ҳавоӣ технологияи нави ташкили бизнес фаъолона шомил мегардад. Умуман, ҷаҳонигардии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ, ба соҳаи нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат мерасонад. Солҳои охир ҳарҷанд инфрасохтор ва сохтори таҷҳизоту техникӣ ва ҳавопаймоҳо сифатан нав шуда бошадҳам бо сабаби сатҳи рақобатпазирии хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоии мамлакат ва вазъи доминантии хизматрасониҳои ширкатҳои ҳавоии байналмилалӣ фаъолияти ширкатҳои ватанӣ тамоюли пастравиро гирифтаанд. Чуноне, ки рақамҳои ҷадвали

2.16 нишон медиҳанд дар давраи солҳои 2015-2021 ҳаҷми боркашонӣ дар мамлакат 14,8% зиёд шудааст, ки ин асосан аз ҳисоби боркашонии автомобилӣ суръат гирифтааст. Боркашонӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ бошад, дар ин давра 735 кам шудааст. Дар ин давраи шумораи мусофиркашонӣ низ аз ҳисоби нақлиёти автомобилӣ, ки беш аз 17% зиёд шудааст, сурат гирифтааст. Мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ 72,3% паст шудааст. Бинобар он масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирии ширкати нақлиёти ҳавоии мамлакат дар замони муосир мубрамият пайдо мекунад.

**Ҷадвали 2.16. - Гардиши бор ва мусофиркашонӣ аз рӯи намудҳои нақлиёт**

| Нишонди-ҳанда | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 ба 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Боркашонӣ - ҳамагӣ ҳаз. тонна - | 74411,2 | 74431,8 | 84066,6 | 84130,8 | 89607,2 | 85394,6 | 85381,9 | 114,8 |
| **Аз он ҷумла** | | | | | | | | |
| автомобилӣ, | 67600,9 | 68304,1 | 78610,5 | 79482,5 | 84257,6 | 79594,7 | 79075,9 | 116,8 |
| роҳи оҳан | 6807,7 | 6125,6 | 5454,2 | 4646,5 | 5348,1 | 5798,9 | 6305,3 | -7,3 |
| ҳавоӣӣ | 2,6 | 2,1 | 1,9 | 1,8 | 1,5 | 1,1 | 0,7 | - 73 |
| Мусофирка шонӣ – ҳамагӣ, млн.нафар | 554,9 | 564,5 | 572,9 | 594,7 | 614,5 | 658,1 | 653,7 | 117,8 |
| автомобилӣ, | 545,2 | 553,1 | 560,7 | 582,2 | 602,6 | 635,4 | 633,8 | 116,2 |
| роҳи оҳан | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,6 | 0,4 | - |
| ҳавоӣ | 1,1 | 0,8 | 0,8 | 0,9 | 0,8 | 0,7 | 0,3 | -72,7 |

**Сарчашма:** Таҳияи муалиф дар асосиомори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021, с.495-499.

Рушди нақлиёти ҳавоӣ аз сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он, ки ҳамчун заминаи ташаккул ва рушди талабот ба хизматрасониҳои нақлиёти авиатсионӣ, баромад мекунад, вобаста мебошад. Бинобар ин, ҳолати минтақавии тафриқаи сатҳи рушд ва ҳолати

чории иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоиёти минтақаҳои мамлакатро муфассал баррасӣ менамоем.

Рушди шабакаи фурудгоҳӣ (аэродромӣ) шарти зарурии фаъолияти самараноки нақлиёти ҳавоӣ, устувории ҳамаи низоми нақлиёти авиатсионӣ, инчунин дастрас будани нақлиёти ҳавоӣ барои аҳолии мамлакат мебошад. Нишондиҳандаи хоси дастрасии нақлиёти ҳавоӣ коэффисиенти серҳаракатии авиатсионӣ мебошад, ки аз рӯи ҳисоби миёнаи парвозҳо дар сол, ки як нафар сокини мамлакат анҷом медиҳад тавсиф карда мешавад. Коэффитсиенти серҳаракатӣ баробар ба воҳид ($К_ф$ =1), ба сатҳи стандартӣ дар мамлакатҳои Аврупо ба дастомада мутобиқат мекунад.[44]

Таҷрибаи ҷаҳонии инкишофи нақлиёти ҳавоӣ нишон медиҳад, ки рушди устувори он бо рушди устувор ва густаниши сатҳу сифати иқтисодӣ миллӣ, алоқаҳои иқтисодиву тиҷоратии беруна ва тамоюли рушди содирот алоқамандӣ дорад. Бинобар он, зарур аст, ки сатҳи рушди иқтисодии мамлактро мавриди таҳлил қарор диҳем.

Пеш аз ҳама, яке аз хусусиятҳои нисбатан хоси рушди иҷтимоӣ-иқтисодии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон тафриқаи амиқи минтақавии сатҳи рушд ва ҳолати ҷории иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоиёт мебошад. Фарқияти якбора ба амаломада дар байни минтақаҳо оид ба сатҳи иқтидорҳои иқтисодии ҷамъшуда, миқёс ва шиддатнокии фаъолияти хоҷагидорӣ, инчунин дараҷаи некуаҳволии воқеии аҳолӣ боиси равандҳои прогрессивии поляризатсияи ҳудудии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд.

Аз як тараф, аз рӯи ҷойи муайянкунадаи ҷумҳурӣ дар тақсимоти байналмилалии меҳнат ва дараҷаи калони ташаккулёбии даромад ба буҷети давлат як гурӯҳ минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ нисбатан рушдкарда қайд шуданд. Ба ин минтақаҳо пеш аз ҳама шаҳрҳои Душанбе

---

44 Андреев А.В. Межфункциональное управление процессами бизнес систем предприятий отрасли воздушного транспорта [Текст] / А.В. Андреев // Научный вестник. – Москва. – 2003. - №55. – С.357

ва Хуҷанд бо сохтори соҳавии нисбатан диверсификатсияшуда ва таносуби баланди соҳаи хизматрасонӣ ва якчанд ноҳия ба монанди Турсунзода ва Исфара бо иқтидори кофии саноатӣ мансуб мебошанд. Аз тарафи дигар, дар қутби муқобили фаъолнокии иқтисодӣ ҳудудҳое пешниҳод шудаанд, ки солҳои 90-уми асри гузашта аз оқибатҳои ғайричашмдоштӣ ҷанги шаҳрвандӣ азият кашидаанд. Ба ин гурӯҳ ноҳияҳои водиҳои Вахш ва Қаротегин дохил мешаванд.

Тафриқаи сатҳи рушд ва ҳолати кунунии иҷтимоӣ-иқтисодии ба амаломадаи минтақаҳо ба дараҷаи калон оқибати фарқияти яку якбораи байни ноҳияҳо дар динамикаи тағйирёбии ҳаҷмҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, инвеститсияи сармояташкилкунанда ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар солҳои рушди мустақилонаи ҷумҳурӣ мебошад. Дар давраи солҳои 2000-2020 фосилаи максималӣ ва минималии байни нишондиҳандаҳои минтақавӣ калон буда, динамикаи даромадҳои воқеии пулӣ 11 маротиба, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 8 маротиба, миқдори инвеститсия ба сармояи асосӣ бештар аз 14 маротиба зиёд шудааст. Афзоиши амалии даромадҳои воқеии пулӣ ба ҳар як сари аҳолӣ дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд ба қайд гирифта шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом нарасидани ҳамаи комплекси ислоҳоти институтсионалӣ, мавҷуд набудани рушди устувори ниҳодҳои молиявии ба вазифаҳои муосир мувофиқ ва умуман нисбатан паст будани ҷаззобияти инвеститсионии иқтисодиёти минтақавӣ имконият намедиҳанд, ки мутлақо дар қисми зиёди ноҳияҳо устувории равандҳои такрористеҳсоли васеъ дар доираи таъсири механизмҳои бозории худтанзимкунӣ таъмин карда шавад. Зимнан, торафт амиқ гардидани тафриқаи рушди минтақаҳо аҳолиро маҷбур месозад, ки барои ҷустуҷӯи кор ва даромади иловагӣ ба мамлакатҳои дигар, ки музди меҳнати баланд дорад ба муҳоҷирати меҳнатӣ раванд.

Дар вазъияти ба амаломада, бо назардошти рушд накардани механизмҳои бозорӣ ва самаранокии нокифоя сиёсати иқтисодии минтақавии гузаронидашаванда ҳанӯз наметавонад дар гардиши иқтисодии заминаҳои мусоид ва омилҳои рушди минтақавии аксари ноҳияҳо пурра мавриди корбарӣ қарор гирад.

Умуман, дар зарфи 3-4 соли охир нигоҳ доштани тамоюлоти манфӣ ва тезутунд гардидани як қатор масъалаҳои рушди ҳудудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ноустувории умумии иқтисодиёти минтақавиро пурзӯр намуда, ҳассосияти онро нисбат ба таъсири омилҳои берунӣ, афзоиши мутобиқшавӣ ва самаранокӣ маҳдуд мегардонад. Ҳамин тавр, хусусиятҳои асосии рушди минтақавии муосири иқтисодӣ ва соҳаи иҷтимоиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

– сатҳи фавқулода баланди тафриқаи ноҳияҳо оид ба нишондиҳандаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки ба таври назаррас (чандин маротиба) аз сатҳи мамлакатҳои ҳамсоя боло мебошанд;

– пурзӯр гардидани номутаносибии ҳудудӣ ва афзуншавии дараҷаи тафриқаи байниминтақавии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар давраи аз саршавии ислоҳоти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Бо назардошти шиддатнокии калони равандҳои баррасишаванда ва таъсири муҳими омилҳои иқтисодии берунӣ ба онҳо, дигаргуншавии қатъии тамоюлоти ба амаломада дарояндаи пешгӯшаванда (40-50 соли наздик) имконнопазир мебошад.

Барои тасдиқи ин гуфтаҳо таҳлили муқоисавии сатҳи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мамлакатҳои ҳамсоя мегузаронем, то ки сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ ваояндаи рушди он муайян карда шавад. Бояд қайд кард, ки умуман нишондиҳандаи эътирофшудаи тавсифкунандаи сатҳи рушди иқтисодӣ маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба як ҳар сари аҳолӣ мебошад. Дар ҷадвал маълумот дар бораи

тағирёбии динамикаи ММД нисбат ба соли пештара бо ифодаи % оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.17. - Динамикаи ММД-и баъзе мамлакатҳои ҳамсоя, бо нархҳои доимӣ (бо фоиз нисбат ба соли гузашта)**

| **Мамлакат** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон | 107,8 | 107,9 | 103,9 | 106,5 | 107,4 | 107,5 | 107,4 |
| Қазоқистон | 108,9 | 103,3 | 101,2 | 107,3 | 107,5 | 105,0 | 106,0 |
| Қирғизистон | 108,5 | 107,6 | 102,3 | 99,5 | 106,0 | 99,9 | 110,5 |
| Россия | 108,1 | 105,6 | 92,1 | 104,5 | 104,3 | 103,4 | 101,3 |
| Ӯзбекистон | 107,9 | 102,1 | 108,1 | 108,5 | 108,3 | 108,2 | 108,0 |

**Сарчашма:** Таҳияи муалиф дар асоси маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2015-2021.

Дар асоси маълумоти ҷадвали 2.17. модели математикии суръати динамикаи афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар мамлакатҳо (ҷадвали 2.18.) таҳия карда шудааст, ки имконият дод, ки баробаркунии регрессии вобастагии ММД аз вақт ба даст ояд. Баробаркунии регрессии ба даст омада дорои коэффисиенти коррелятсияи ниҳоят баланд аз рӯи вақт мебошад. Тафтиш тибқи t- меъёри Стюдент нишон дод, ки бузургии баҳисобгирии он назар ба бузургии ҷадвалӣ баландтар аст ва ин мувофиқии моделҳои дарёфтшудаи динамикаи ММД нишон медиҳад.

**Ҷадвали 2.18. - Баробаркунии регрессияи динамикаи рушди иқтисодии мамлакатҳо**

| Мамлакат | Баробаркунии регрессия |
|---|---|
| Тоҷикистон | $V_{тоҷ} = 0{,}0532 + 0{,}4643\ t$ |
| Қазоқистон | $V_{қаз} = 0{,}0581 + 0{,}4633t$ |
| Қирғизистон | $V_{қир} = 0{,}0422 + 0{,}3085\ t$ |
| Россия | $V_{рос.} = 0{,}0493 + 0{,}3246t$ |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси модели (Авторегресия)

Ҳамин тавр, баробарии ҳаракати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дигар мамлакатҳо баробар карда, вақти баробаршавии сатҳҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳангоми суръати рушди иқтисодиёти мамлакатҳои ҳамсоя муайян менамоем:

1. Тоҷикистон – Қазоқистон: $V_{тоҷ.} = V_{қаз..}$

0,0532 +0,4643 t=0,0581+ 0,4633 t

(0,4643 – 0,4633) t=0,0581-0,0532

t=(0,0581-0,0532) / (0,4643-0,4633) =0,0049 / 0,0010 =4,9 сол

2. Тоҷикистон – Қирғизистон: $V_{тоҷ.} = V_{қир.}$

0,0532 +0,4643 t=0,0422 + 0,3085 t

(0,4643-0,3086) t = 0,0493-0,0532

t = (0,0493-0,0532) / ().4643-0,3086) = -0,011/0,1558 = -0,071 сол

3. Тоҷикистон – Россия: $V_{тоҷ.} = V_{рос.}$

0,0532+0,4643 t = 0,0493 + 0,3246 t

(0,4643-0,3246) t = 0,0493 -0,0532

t = (0,0443-0,3246) / (0,4643-0,3246) = -0,0039/0,1397 =-0,028 сол

4. Тоҷикистон – Ӯзбекистон: $V_{тоҷ.} = V_{ӯзб.}$

0,0532+0,4643 t = 0,0429+0,4174t

(0,4643-0,4171) t = 0,0429-0,0532

t =(0,0429-0,0532) / (0,4643-0,4171) = -0,0103/0,0469 =-0,23 сол

Ҳисобкуниҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон нисбат ба ҳамаи мамлакатҳои ҳамсоя, ғайр аз Қазоқистон динамикаи мусбат дорад.

Аз рӯи сатҳи динамикаи афзоиши ба амаломада Тоҷикистон наметавонад бо Қазоқистон баробар шавад. Мо аз онҳо қариб 5 сол қафо ҳастем. Аммо, назар ба дигар мамлакатҳои дар ҷадвали 2.1.2 ММД-и мо пешсаф мебошад: аз Қирғизистон ба 0,071 сол 1 ба 0,85 моҳ, Россия – ба 0,028 сол ё ба 0,34 моҳ, Ӯзбекистон – ба 0,23 сол ё ба 2,8 моҳ пеш гузаштаем. Вале, бояд қайд кард, ки новобаста аз афзоиши пешгузаштаи динамикаи ММД, сатҳи ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар дигар мамлакатҳо аз нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ мекунад.

Бо дарназардошти он, ки сатҳи рушди минтақа категорияи нисбӣ мебошад, барои баҳогузорӣ ва муайянсозии ҳудудҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ сусттараққикарда истифода кардани нишондиҳандаҳои (шохисҳои) нисбӣ мантиқан дуруст мебошад. Аз ин рӯ, ба ҳайси замина барои муқоисаи

нишондиҳандаҳои минтақавӣ дар таҷрибаи таҳлили илмӣ ба таври анъана асосан нишондиҳандаҳои ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ, яъне сатҳи миёнаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ ва суръати миёнаи афзоиши ММД ба ҳар сари аҳолӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Муҳлати баробаркунии сатҳҳои рушди мамлакатҳо аз рӯи формулаи зерин: $T=(\ln a_2 - \ln a_1) : \{\ln(1+B_1) - \ln(1+B_2)\}$, сол (1) ҳисоб карда мешавад, ки $a_1$ $a_2$ – сатҳи миёнаи зиндагӣ, $B_1$ $B_2$ – суръати афзоиши иқтисодӣ мутаносибан дар мамлакати 1 ва 2 мебошад.

Ҳисобкунӣ аз рӯи формулаи (1) дар асоси маълумоти ҷадвалҳои дар боло нишондодашуда гузаронида шуда, дар ҷадвали 2.19. ҷамъбаст карда шудааст.

**Ҷадвали 2.19. - Муҳлати ҳисоби баробаркунии сатҳи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҳамсоя**

| **Мамлакат** | **Ina** | **$Ina_2$-$Ina_1$** | **In (1+ B)** | **In $(1+B_1)$ - In $(1+B_2)$** | **T** |
|---|---|---|---|---|---|
| Қирғизистон | 0,765 | 0,108 | 0,048 | 0,018 | 6,0 |
| Тоҷикистон | 0,675 | – | 0,066 | – | – |
| Хитой | 2,028 | 1,371 | 0,079 | - 0,013 | -105,5 |
| Қазоқистон | 2,538 | 1,881 | 0,054 | 0,012 | 156,8 |
| Россия | 2,785 | 2,128 | 0,028 | 0,038 | 56,0 |
| Ӯзбекистон | 1,015 | 0,358 | 0,086 | - 0,020 | - 17,9 |

**Сарчашма:** Таҳияи муалиф дар асоси маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021.

Маълумоти ҷадвали 2.19. нишон медиҳанд, ки ҳангоми суръати ба амаломада ва таносуби афзоиш Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо гузашти 6 сол бо сатҳи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Қирғизистон, пас аз 56 сол бо сатҳи рушди Россия ва баъди 57 сол бо Қазоқистон баробар шавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин суръату таносуби рушди иқтисодӣ имконияти бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон баробар шуданро надорад.

Аз ҳамаи ин таҳлилҳо бояд чунин хулоса кард, ки танзимнашаванда будани тафриқаи рушди иҷтимоӣ иқтисодии минтақаҳои мамлакат ва умуман ҷумҳурӣ ва дар муқоиса бо дигар мамлакатҳо онҳо танзим нахоҳанд шуд. Бинобар ин, муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ аз Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба мамлакатҳои дигари ҳамсоя далели воқеӣ буда, он зарур ва тӯлонӣ хоҳад буд.

Тамоюли пастравии ҳамлу нақли ҳавоӣ дар солҳои охир мушоҳида мешавад, ки он тақозо менамояд, ки сиёсати марбута ва чораҳои институтсионалии зерин ба дараҷаи калон тезонида шавад:

- чораҳо оид ба тақсимкуниҳо дар бахш, аз ҷумла тақсимкунии вазифаҳои танзимкунанда ва фаврӣ ва идоракунии фурудгоҳ аз корҳои хатти ҳавоӣ;
- майлкунии нисбатан босуръат ба тиҷоратикунонӣ ва ниҳоят ба хусусигардонӣ;
- баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бахш ва таваҷҷуҳи зиёд додан ба чораҳо оид ба бехатарӣ ва нигоҳдории киштиҳои ҳавоӣ.

Барои таҳлил ва муайян кардани омилҳои ба ҳаҷми ҳамлу нақл таъсиркунанда яккатор аломатҳое интихоб шуданд, ки бо афзоиши аҳолӣ, зиёдшавии гардиши мол ва ММД алоқаманд мебошанд. Муқаррар карда шуд, ки нишондиҳандаи ММД аз байни онҳо нисбатан мувофиқтар мебошад.  Барои шарҳи динамикаи ҳаҷми ҳамлу нақли мо ММД воқеӣ, ММД ба ҳар як сари аҳолӣ ва афзуншавӣ дар савдои байналмилалиро мавриди истифода қарор додем.

**Ҷадвали 2.20. - Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои период 2015-2021**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2015/ 2021 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аҳолӣ, ҳазор нафар | 8352,0 | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9506,3 | 113,8 |
| ММД, миллион сомонӣ | 45606,6 | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 82543,1 | 180,9 |
| ММД ба ҳар сари аҳоли, сомонӣ | 5523,7 | 6031,7 | 6336,3 | 7291,4 | 7870,2 | 8580,1 | 8788,9 | 159,1 |
| Савдои хориҷӣ (млн.долл) ИМА | 5274,7 | 4326,2 | 3929,9 | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | 4557,8 | -13,6 |

**Идомаи ҷадвали 2.20.**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2015/ 2021 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Содирот (млн.долл) ИМА | 977,3 | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 1406,9 | 143,9 |
| Воридот (млн.долл) ИМА | 4297,4 | 3435,6 | 3031,2 | 2774,9 | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | -26,6 |

**Сарчашма:** Таҳияи муалиф дар асоси омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021, с..11-19.

Чи тавре, ки маълумотҳои ҷадвали 2.20 нишон медиҳад дар давраи солҳои 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 80,9% афзудааст. Ин нишондиҳанда ба ҳар як нафар аҳолӣ бошад, 59,1% зиёд шудааст. Дар ин давра,ҳаҷми савдои хориҷӣ 13,6% поён рафтааст, ки он аз ҳисоби паст шудани ҳаҷми воридот сурат гиифтааст. Тамоюли болоравии ҳаҷми содирот мушоҳида мешавад, дар давраи таҳлилӣ 43,9% зиёд шудааст.

Барои муайян намудани алоқаҳои миёни нақлиёт ва сатҳи рушди иқтисодиёт маълумот дар бораи шохисҳо барои нақлиёти боркаш ва мусофирбар дар давоми як давра бо тақсимкунии байни нақлиёти роҳӣ, роҳи оҳан ва авиатсионӣ бо тонна (мусофир) ва ҳам бо тонна-километр (ё мусофир-километр) ба назар гирифта шудаанд. Тибқи онҳо нишондиҳандаҳои чандирият барои афзоиши ин категорияи ҳаракат нисбат ба афзоиши ММД (1,72) ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ (1,53) ва аҳолӣ (1,13) ҳисоб карда шудаанд.

Шарҳи маълумоти чандирияти барои ҳамлу нақли авиатсионӣ дарёфтшуда чунин мебошад:

- чандирияти байни рейсҳои ҳамлу нақли авиатсионии мусофирон ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 1,6 мувофиқ мебошад, ки аз ин коэффитсиенти баланди коррелятсияи онҳо 0,94 нишон медиҳад;
- чандирияти байни мусофир-километр ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 2,7 ниҳоят баланд мебошад;
- ҳаҷми ҳамлу нақли ҳавоии борҳо он қадар калон нест, аз ин рӯ тибқи онҳо ҷудо кардани чандирият ғайриимкон буд;

**Ҷадвали 2.21. - Суръати пешгӯйишавандаи афзоиши ҳаҷми ҳамлу нақли ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳанда | 2015 | 2020 | 2021-2025 | 2026—2030 |
|---|---|---|---|---|
| Мусофирони ҳамлу нақли ҳавоӣ | 5,6% | 6,0% | 6,4% | 7,1% |

**Сарчашма:** Таҳияи муалиф

Агар, тахмин намоем, ки чандирият ва пешгӯиҳои макроиқтисодии дар боло овардашуда натиҷаи пешгӯӣ бошанд, он гоҳ суръати афзоиши миёнаи ҳарсолаи ҳаракат ба бузургии дар ҷадвали 2.21. нишондадашуда баробар хоҳад шуд.

**Ҷадвали 2.22. - Ҳисобкунии чандирият тибқи намудҳои нақлиёт**

| Намуди кашонидан | Индекс 2020/2014 | Чандирият ба суръати афзоиш асос ёфтааст: | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ММД (172) | ММД/ба одам (152) | Аҳолӣ (113) |
| Кашонидан бо нақлиёти автомобилӣ, тонна | 162 | 0,9 | 1,1 | 1,4 |
| Кашонидан бо роҳи оҳан, тонна | 104 | 0,6 | 0,7 | 0,9 |
| Ҳамагӣ, тонна | 138 | 0,8 | 0,9 | 1,2 |
| Кашонидан бо нақлиёти автомобилӣ, тонна-километр | 235 | 1,4 | 1,5 | 2,1 |
| Кашонидан бо роҳи оҳан, тонна-километр | 83 | 0,5 | 0,5 | 0,7 |
| Ҳамагӣ, т/км | 125 | 0,7 | 0,8 | 1,1 |
| Кашонидани мусофи-рон бо автомобил, тонна/мусофир | 213 | 1,2 | 1,4 | 1,9 |
| Кашонидани мусофи-рон бо роҳи оҳан, мусофир | 58 | 0,3 | 0,4 | 0,5 |
| Кашондани мусофи-рон бо нақлиёти ҳавоӣ, мусофир | 250 | 1,5 | 1,6 | 2,2 |
| Ҳамагӣ аҳолӣ, мусофир | 212 | 1,2 | 1,4 | 1,9 |
| Кашонидани мусофи-рон бо автомобил, километр | 333 | 1,9 | 2,2 | 2,9 |
| Кашонидани мусофи-рон бо роҳи оҳан, километр | 76 | 0,4 | 0,5 | 0,7 |
| Кашонидани мусофи-рон бо нақлиёти ҳавоӣ, километр | 407 | 2,4 | 2,7 | 3,6 |
| Ҳамагӣ, километр | 334 | 1,9 | 2,2 | 3,0 |

**Сарчашма:** Таҳияи муалиф дар асоси маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳаҷми ҳаракати ҳавоӣ** тибқи ҳисобкуниҳо қариб чунин аст:

- 3300 ҳаракати маҳаллии киштиҳои ҳавоӣ дар сол, ки қариб 144000 мусофир ва 1200 тонна борро мекашонанд.
- 3700 ҳаракати байналмилалии киштиҳои ҳавоӣ дар сол, ки қариб 450000 мусофиронро мекашонанд.

Рафтуомади маҳаллӣ аз рӯи масири Душанбе-Хуҷанд 89%-и ҳамаи ҳамлу нақли дохилии мусофирон ва аз рӯйи масири Душанбе-Хоруғ ва дигарҳо 5%-и ҳамлу нақли дохилиро ташкил мекунад. Боқимонда, 6%-и ҳамлу нақли дохилии мусофирон аз рӯи масирҳои хизматрасонии ғайридоимӣ амалӣ карда мешавад. Муассисаи воҳиди давлатии авиатсионии «Тоҷик Эйр» ҳамаи ҳамлу нақли дохилии мусофирон ва борҳоро анҷом медиҳад.

Рафтуомади байналмилалӣ асосан ба Россия ва аз Россия буда, 87% ҳамаи ҳамлу нақли байналмилалии мусофирон аз Россия ва дар он ҷо хотима меёбанд. Боқимонда 4,7% ва 4,1% бо Туркия, Эрон ва Хитой нуқтаи рафтуомад доранд. Муассисаи воҳиди давлатии авиатсионии «Тоҷик Эйр» тақрибан36%-и ҳамлу нақли байналмилалии мусофиронро амалӣ месозад. тақрибан 70%-и ҳаракатҳои байналмилалӣ ба Душанбе меоянд ё аз Душанбе сар мешаванд. Инчунин 28%-и парвозҳо ба Хуҷанд ё аз Хуҷанд анҷом меёбанд. Тақрибан 2%-и парвозҳои боқимонда аз Бохтар ва Кӯлоб оғоз мегарданд. Аз ҳаматваҷҷӯҳ зоҳиркунанда ба таври оммавӣ рафтани ҳамасолаи мусофирон, яъне муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Модели нобаробарии эҳтиёҷот ба ҳамлу нақли ҳавоӣ тавсифоти зеринро дорост:

Дар роҳҳои байналмилалӣ:

- рафтан: авҷи рафтан ба чоряки дуюм сол рост меояд, чунки коргарони мавсимӣ фасли тобистон ба Россия мераванд;
- омадан: доимо дар давоми сол зиёд мешавад ва асосан ба чоряки чорум, вақте ки коргарон дар фасли зимистон аз Россия бармегарданд рост меояд.

Дар роҳҳои маҳаллӣ ҳаҷми аз ҳама калони ҳамлу нақл ба фасли зимистон рост меояд, чунки дар ин давра бисёр роҳҳо, аз ҷумла ба шимоли мамлакат Хуҷанд ва Хоруғ бинобар барфрезӣ маҳдуд мешаванд.

Умуман, дар давоми сол ҳамлу нақл мунтазам зиёд шуда, авҷи он ба чоряки чорум рост меояд, ки он аз бузургии миёнасолона қариб 35% зиёдтар мебошад.

Дар ҷумҳурӣ аз соли 1994-ум сар карда хусусигардонии аэродромҳо манъ карда шудааст. Ибтидои солҳои 90- ум ҳукумати ҷумҳурӣ барои навсозӣ ва рушди онҳо маблағ надошта, аэродромҳоро ба идоракунии фурудгоҳҳо дода шуд, аммо шартномаи иҷораи онҳо ба таври лозимӣ ба расмиёт даровара нашуда буд. Дар натиҷа, ин боиси фарсудашавии зиёди фондҳо ва аз гардиши граждани баромадани як қисми аэродромҳо гардида буд. Ҳолати объектҳои инфрасохтори нақлиёти авиатсионии рӯизамини фурудгоҳҳои ҷумҳурӣ ғайриқаноатбахш буда, хеле фарсуда мебошанд. Ҳолатҳои ба эҳтиёҷоти мусофирон ва ширкатҳои авиатсионӣ мутобиқат накардани фурудгоҳҳо низ ба назар мерасанд.

Гурӯҳҳои асосии маҳдудиятҳои ба рушди ҳамлу нақли ҳавоӣ дар фурудгоҳҳои ҷумҳурӣ монеъшаванда инҳо мебошанд:

– миқдори нокифояи хатти парвозу нишасти мустақил, маҳдудии қобилияти гузарониши хатти парвозу нишаст, маҳдудии қобилияти гузарониши идоракунии ҳаракатҳои ҳавоӣ, ҳолати ғайриқаноатбахши пайроҳаи ҳавопайморонӣ, миқдори нокифояи техникаи муосири рӯизаминӣ ва ғайраҳо.

Маълумотҳои омори нишон медиҳанд, ки тақрибан 70%-и инфрасохтори аэродромҳои мамлакат зиёда аз 50 сол қабл сохта шуда буданд, ки онҳо ҳоло дар ҳолати баланди фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавӣ қарор доранд. Умуман фарсудашавии фондҳои асосии шабакаи аэродромӣ ба 80% наздик аст. Дар чунин сатҳи фарсудашавӣ системаи техникӣ дар як муддати муайян устувории худро гум карда буд. Ба рушди аэродромҳо азнавтақсимкунии маҷмӯии мусофирон таъсири калон мерасонад. Бозори нақлиёти авиатсионии ватанӣ аз соли 1992 инҷониб

ташаккул меёбад ва дар давраҳои аввал бо коҳишёбии бесобиқаи ҳамлу нақли авиатсионӣ, аз рӯи хусусияти шаклдигаркунии шабакаи масирҳои маҳаллӣ ва пӯшида шудани фурудгоҳҳои маҳаллӣ фарқ мекард.

Дар айни замон сатҳи бо таҷҳизот муҷаҳҳаз будани фурудгоҳҳо ҳоло ҳам нокифоя аст, ки рушди бозори нақлиёти авиатсионӣ ва амалисозии имкониятҳои транзитии мамлакатро ба қафо мекашанд. Фарсудагии ҷисмонии фондҳои асосии дар сатҳи баланд боиси таҳдид ба бехатарии парвозҳо гардида, хатари гум кардани устувории молиявӣ ва хориҷшавӣ аз бозори ҳамлу нақли байналмилалӣ дида мешаванд.

Дар солҳои охир ҳаҷми ҳамлу нақл тавассути фурудгоҳҳои мамлакат тамоюли афзуншавиро дорад ва тадриҷан барқарор шуда истодааст. Ин, дар навбати худ, ба муҳимияти ҳалли вазифаҳо оид ба таъмини сохтори рақобатпазирии шабакаи аэродромии такягоҳи миллӣ, дастгирии коршоямии истифодаи он ва навсозии инфрасохтори аэродромҳо аз тарафи давлат мусоида мекунад. Ҳалли ин масъала, дар радифи такмили низоми ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ ба самтҳои асосии рушди соҳаи авиатионии ҷумҳурӣ дарояндаи наздик мансуб мебошад. Барои ин мақсадҳо аз буҷети давлатӣдарояндаи кӯтоҳмуҳлат ҷудо кардани маблағи баланди инвеститсионӣ ба нақша гирифта шудааст.

То соли 2020-ум дар комплексҳои авиатсионӣ, аз ҷумла фурудгоҳи Душанбе ва шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб паваста объектҳои нав сохта ё азнавсозӣ карда шудаанд. То соли 2030 боз дар назар гирифта шудааст, ки объектҳои инфрасохтори авиатсионии рӯизаминӣ навсозӣ карда шаванд.

Кам шудани миқдори фурудгоҳҳо мустақиман бо мушкилоти инвеститсиякунонии нокифоя ва нигоҳдории онҳо аз тарафи давлат алоқаманд мебошад. Ҳангоми эҳтиёҷоти ҳарсола ба инвеститсия дар сатҳи 6-7 миллион сомонӣ маблағи аз ҳама зиёди ҷудокардашудаи он ниҳоят кам буд. Ин далел барои зиёд гардидани ҳаҷмҳои ҳамлу нақли авиатсионӣ мусоидат мекунад, вале сатҳи сифатнокии тақозошавандаи хизматрасониҳои фурудгоҳиро, ки бинобар кам будани инвеститсия қафо мондааст кафолат намедиҳад. Дурнамои асосии ҳаллу фасли масъалаи

мазкур бо амалисозии барномаи мақсадноки навсозии низоми нақлиётии ҷумҳурӣ, аниқтараш зербарномаҳои авиатсияи граждании алоқаманд мебошад, ки манбаи асосии маблағгузории рушди инфрасохтори фурудгоҳҳо ҳисоб меёбад.

Масъалаи муҳим ва асосии баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ зарурати навсозии фурудгоҳҳо бо мақсади мувофиқ кардани имкониятҳои онҳо бо стандартҳои ҷаҳонӣ мебошад. Набудани рақобат боиси пешравии номусоид ва пешбининашудаи афзоиши хизматрасониҳои пешниҳодшаванда бидуни беҳтар намудани сифати онҳо ва ё ҳамзамон коҳиш ёфтани сифати хизматрасониҳо мегардад.

Миқдори ҷамъкуниҳо ва тарофаҳои фурудгоҳӣ дар ҷумҳурӣ ба сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда мувофиқат намекунанд. Монополияи таъминкунандагони керосин барои фурудгоҳҳои мамлакат, ба дараҷаи ниҳоят манфӣ ба муттасилӣ ва дар вақташ омада расидани кори ширкатҳои авиатсионӣ таъсир расонида, боиси мавқуф ё бекор намудани рейсҳо ва баъзан, қатъ гардидани иҷрои рейсҳо аз тарафи ширкатҳои авиатсионии алоҳида ё фурудгоҳи дигар мегардад.

Ба масъалаҳои дигари рушди натиҷанокии низоми танзими давлатии фаъолияти фурудгоҳӣ рушд наёфтани низоми шарикии давлатӣ-хусусӣ дар соҳаи соҳибият ё идоракунии объектҳои инфрасохтори рӯизаминӣ, мавҷуд набудани дастгирии зарурии давлатии рушди ҳамлу нақли аҳамиятноки маҳаллӣ ва ғайраҳо мансуб мебошанд.

Тибқи нишондодҳои Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои асосӣ истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии фурудгоҳҳои авиатсияи гражданӣ ҳисоб меёбад. Аз ин рӯ, ба ҳайси модели нисбатан самараноки барои рушди фурудгоҳҳои ҷумҳурӣ пешниҳодшуда, модели Аврупои Ғарбӣ оид ба идоракунии фурудгоҳҳо оварда мешавад, ки моҳияти он дар муносиб гардонидани ҷойивазкунии тақозошавандаи захираҳои инсонӣ, манбаҳои истеҳсолот ва маҳсулоти истеҳсолот дар ҷойҳои буриши самтҳои магистралии ҳамлу нақли онҳо ва зарурати

ташкил кардани нуқтаҳои махсусгардонидашудаи борфарорӣ ва боркунии транзитӣ ифода меёбад.

Қисми зиёди давлатҳои иқтисодиёташон мутараққи баланду рушдкардадошта ба сохтмони фурудгоҳҳо – «хабҳо», ки нуқтаҳои ниҳоят калони нақлиёти ҳавоӣ мебошанд, диққат медиҳанд. Сохтмони чунин фурудгоҳҳо бо мақсади хизматрасонии мусофирони транзитӣ ва трансферии афзуншаванда ва маҷмӯи борҳо амалӣ карда мешаванд. Иҷрои нақшаҳои рушди шабакаи аэродромии ҷумҳурӣ имконият фароҳам месозад, ки иқтидорҳои транзитӣ ба анҷом расонида шуда, барои рақобати муваффақонаи фурудгоҳҳо бо фурудгоҳҳои мамлакатҳои ИДМ шароити мусоид ташкил карда шавад. Бо дарназардошти ин, методи асосӣ барои ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масоили номбаршуда таҳлили тамоюлоти ҷаҳонӣ ва аврупоӣ дар соҳаи бизнеси фурудгоҳӣ ва коркарди тавсияҳо оид ба натиҷаҳои гузаронидани онҳо мебошад.

Ҷаҳонишавӣ тамоюли аз тарафи умум эътирофшудаи бизнеси нақлиёти авиатсионӣ мебошад[45]. Яке аз қисматҳои муҳими ташаккули иттиҳодҳои ширкатҳои авиатсионӣ дарёфти самараи «сарфаи миқёс» бо мақсади кам кардани хароҷот мебошад. Масъалаи он, ки барои ояндаи ширкатҳои авиатсионӣ кам кардани хароҷот зарур аст ин масъалаи нав нест. Бо вуҷуди ин, ҷанбаи нави иштироки фурудгоҳҳоро дар фаъолияти ширкатҳои авиатсионӣ эътироф кардан зарур аст, яъне ба фурудгоҳҳо ёрӣ расонидан ба он ширкатҳои авиатсионӣ, пеш аз ҳама ширкатҳои авиатсионии базавӣ, ҳамзамон ҷалби кашонандагони нав муфид аст, ки барои онҳо даромади начандон калон меоранд.

Тамоюли ҷаҳонишавӣ соҳаи нақлиёти ҳавоӣ, яъне ташкили шабакаи масирҳо аз рӯи «присипи ҳарбӣ» ҷавобгӯи талабот нисбат ба навъҳои киштиҳои ҳавоии истеҳсолкунандаҳои калонтарин – Boeing ба барориши силсилавии модели «787» оғоз кард, ки қудрати аз 200 то 300 мусофирро ба

[45] Трудовая миграция в ЕЭП: анализ экономического эффекта и институционально – правовых последствий ратификации соглашений в области трудовой миграции // Доклад. – 2012. - № 4. – С. 60

масофаи 16 ҳазор километр кашониданро дорад, «Airbus» бошад фавқулиқтидори A380-ро истеҳсол мекунад, ки то 550 мусофирро мекашонад. Бинобар ин, истеҳсолкунандаҳои аврупоӣ талабот ба ҳавопаймоҳои дурпарвозро аз мадди назар дур накарда, дар асоси Boeing-787 ҳавопаймои рақобаткунандаи A 350-ро сохта истодаанд.

Бо дарназардошти маҷмӯи зиёди мусофирон парвози киштиҳои ҳавоии ғунҷоишашон миёнаро (тибқи модели амрикоӣ) дар ҳар як фурудгоҳ интизор шудан мумкин нест. Чунин киштиҳои ҳавоӣ метавонанд асосан мусофиронро дар фазои минтақавии ҷаҳон, вобаста аз масофа интиқол дода, дар хатҳои ҳавоӣ аз як фурудгоҳ то фурудгоҳи ниҳоӣ парвоз кунанд (дар шароити ҷумҳурии мо, ҳангоми мавҷуд будани роҳи ҳавоӣ). Ҳамин тавр, дар ҳарду самти рушд эҳтиёҷот ба фурудгоҳҳои марказӣ нигоҳ дошта шуда, ғунҷоиш ва тавсифоти онҳо аз маҷмӯи мусофирон ва навъи техникаи истифодашаванда вобаста мебошад.

Дар шароити муосир рақобат дар байни фурудгоҳҳо, ҳангоми мавқеи стратегии гуногун доштан авҷ гирифта истодааст. Шӯрои байналмилалии фурудгоҳҳо (ACI) шаклҳои монанди рақобати байни фурудгоҳҳоро ҷудо мекунад, ки дар ҷадвали 2.23. оварда шудаанд, аммо шаклҳои рақобати хоси соҳаи ҷаҳониро бо сабаби рушд накарда будани нақлиёти ҳавоӣ наметавон пурра нисбат ба фурудгоҳҳои ҷумҳурии мо қабул кард. Ба шакли нисбатан муҳими рақобат барои фурудгоҳҳои ҷумҳурӣ метавон рақобати байни фурудгоҳҳоро барои ҷалби ширкатҳои авиатсионии нав дохил кард.

**Ҷадвали 2.23. - Шаклҳои монанди рақобат дар байни фурудгоҳҳо ва бозорҳои рақобаткунанда дар соҳаи бизнеси фурудгоҳӣ**

| Намудҳо (шаклҳои) рақобат дар байни фурудгоҳҳо | Бозорҳои рақобатии монанд барои фурудгоҳҳо |
|---|---|
| – рақобат барои ҷалби ширкатҳои авиатсионии нав, маҷмӯи мусофирон ва борҳо;<br>– рақобати байни фурудгоҳҳо бо минтақаҳои буриши фарогирии мусофирон ва борҳо (мустақим ва трансферӣ); | – бозори фурудгоҳ-хизматрасонӣ дар сегменти бозории географӣ (ҳиссаи фурудгоҳ-бозор);<br>– бозори маҷмӯи мусофирони трансферӣ ва масирҳои трансферии ширкатҳои авиатсионӣ; |

**Идомаи ҷадвали 2.23.**

| Намудҳо (шаклҳои) рақобат дар байни фурудгоҳҳо | Бозорҳои рақобатии монанд барои фурудгоҳҳо |
|---|---|
| – рақобат барои нақши хаба дар байни фурудгоҳҳо ва барои маҷмӯи трансферӣ дар байни хабаҳои ширкатҳои авиатсионӣ;<br>– рақобат (барои нақши асосӣ) дар байни фурудгоҳҳои дар як мегаполис қарордошта;<br>– рақобат барои пешниҳоди намудҳои хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳо (як минтақа);<br>– рақобат дар байни терминалҳои фурудгоҳ. | – бозори кашонидани авиатсионии борҳо;<br>– бозори соҳибият ба шабакаи максималии масирҳо (ширкатҳои авиатсионӣ ва фурудгоҳҳо);<br>– бозори хизматрасониҳои ғайриавиатсионии фурудгоҳҳо (шабакаи ғизо, таваққуфгоҳҳо, мағозаҳо) чун қоида дар як мегаполис;<br>– бозори рақобати мултимодалӣ (бо намудҳои дигари нақлиёт). |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Қисми зиёди кишварҳои ИДМ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи рушди стратегии хизматрасониҳои фурудгоҳӣ ва самтҳои афзалиятноки амалисозии онро таҳия намуданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии зерини рушди минбаъдаи он муайян карда шуданд: инфрасохтори рӯизаминии аэрдромӣ, ташкили ҳаракати ҳавоӣ, инфрасохтори берунии нақлиётӣ, бехатарии нақлиётӣ, такмили корҳои мақомоти назораткунандаи давлатӣ. Зарурати амалисозии афзалиятҳои мазкур дар асоси таҳлили масъалаҳои асосии фаъолияти фурудгоҳҳои ҷумҳурӣ, инчунин тамоюли рушди комплекси фурудгоҳӣ дар соҳаи ҷаҳонии нақлиёти ҳавоӣ имконият фароҳам сохтанд, ки оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии фурудгоҳҳо хулосаҳо ва тавсияҳои зерин ташаккул ёбанд:

Шабакаи фурудгоҳҳои ҷумҳурӣ бояд дар ояндаи кӯтоҳмуҳлат дар асоси таъсиси намудҳои фурудгоҳҳои базавӣ, ташкили инфрасохтори зарурии фурудгоҳҳо, ки барои ширкатҳои авиатсионии ҷаҳонӣ ҷолиб мебошанд, имконияти истифодаи иқтидори транзитӣ ва авлавиятҳои вазъи географии ҷумҳурӣ аз нав сохта шаванд.

Ба ҳайси ҳадафҳои асосии чорабиниҳо дар соҳаи рушди инфрасохтор бояд инҳо баромад намоянд:

– барҳам додани маҳдудиятҳои мавҷуда дар соҳаи хизматрасонии рӯизаминии киштиҳои ҳавоӣ, пеш аз ҳама бо роҳи иҷрои Барномаҳои мақсадноки азнавсозии инфрасохтори рӯизаминӣ;

– гузаронидани чорабиниҳои ташкилӣ оид ба навсозии таъмини техникии инфрасохтори рӯизаминии комплексҳои фурудгоҳҳо;

– муносиб гардонидани миқдори фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва марказӣ, гузариш ба низоми ягонаи такягоҳҳои фурудгоҳҳо, амалисозии навсозии объектҳои истеҳсолӣ дар фурудгоҳҳои авлавиятдошта;

– рушди фурудгоҳҳои калони байналмилалӣ ва марказӣ чун нуқтаҳои муосири интермодалии нақлиётӣ ва инфрасохтори берунии нақлиётӣ;

– маблағгузории мақсадноки буҷетии барқарорсозӣ ва истифодаи фурудгоҳҳои аҳамияти иқтисодидошта дар минтақаҳо, ки дар онҳо намудҳои алтернативии нақлиёт вуҷуд надоранд;

– баланд бардоштани қобилияти гузарониши фурудгоҳҳо аз ҳисоби такмили низоми ташкили идоракунии ҳаракати ҳавоӣ. Қобилияти гузарониши аэродромҳо имрӯзҳо назар ба аз ҷиҳати тарҳ монанди инфрасохтори рӯизаминии аэродромҳои хориҷӣ дар сатҳи ниҳоят паст қарор дорад;

– такмили низоми таъминоти бехатарии нақлиётӣ барои фурудгоҳҳо. Дар айни замон фурудгоҳҳои ҷумҳурӣ дар ҳаҷми кофӣ бо воситаҳои назорати дастрасӣ ба объект (чорчӯба, интроскоп, металҷӯяндаҳои дастӣ) муҷаҳҳаз мебошанд, марказҳои вазъиятӣ ташкил карда шудааст, чорабиниҳо оид ба муқовимат бо асноди дахолати ғайриқонуниро воҳидҳои бехатарии фурудгоҳ дар ҳамкорӣ бо воҳидҳои Вазорати корҳои дохилӣ мегузаронанд. Дар шароити муосир, на танҳо ба масъалаҳои зиддитерроризм, балки таъмини фаъолияти комплексҳои фурудгоҳӣ дар ҳолатҳои мувофиқ, ки бо ҳолатҳои ғайриоддии обу ҳаво алоқаманд мебошанд, диққат намудан зарур аст;

– рушди минбаъдаи авлавиятдори тиҷоратии (маркетингии) бизнес моделҳо дар идоракунии фурудгоҳҳо, муҳити рақобат дар бозори хизматрасониҳои фурудгоҳӣ, интиқоли як қатор вазифаҳои ғайрисоҳавӣ ба

аутсорсинг ва афзоиши даромадҳо аз фаъолияти ғайриавиатсионии фурудгоҳҳо;

– такмили корҳои мақомоти ҳокимияти давлатии назоратӣ, алоқаманд ва мутобиқаткунонидани барномаҳои фаъолияти мақомоти назоратӣ (гумрук, ҳадамоти сарҳадбонон, мақомоти ВКД) бо барномаҳои рушди фурудгоҳҳо.

## 2.3. Муаммоҳои фурӯши хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ ва омилҳои ба нархи он таъсиррасонада

Дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ, яъне то оғози мустақилият муносибатҳои бозорӣ дар нақлиёти ҳавои набуд ва аз ҳисоби дотатсияи шаклҳои бевосита ва бавосита ба истеҳсолкунандагони техникаи авиатсияи гражданӣ, арзонтар харидани он аз ҳисоби чунин дотатсияҳо бо нархи давлатӣ (Вазорати авиатсияи гражданӣ), ки чун ширкати ягонаи лизингии давлатӣ баромад мекард ва барои истифода таҳвил додани он ба ширкати ягонаи давлатии «Аэрофлот», ки фаъолияти он низ мустақиман ва ё ғайримустақим дотатсия карда мешуд, ҷудокуниҳо барои фарсудашавӣ бошанд ба давлат ворид мешуданд ба таври суни таъмин мегардиданд. Дар натиҷа, солҳои 80-уми асри гузашта нархи чипта барои рейси намунавии фаъолияти 1,5-2 ҳазор километр 15-20%-и музди меҳнати миёнамоҳонаро ташкил дода, шумораи парвозҳои солона ба ҳар сари аҳолӣ, тавсифкунандаи дастрасии омории нақлиёти ҳавоӣ барои аҳолӣ ба 0,6 расида буд, яъне нақлиёти ҳавоӣ дар як сол як маротиба бошад ҳам, амалан барои ҳамаи хоҳишмандон дастрас буд. Дар мамлакатҳои тараққикардаи Аврупо ин нишондиҳанда тақрибан 0,8-1,5, дар ИМА ва Канада то 2,5-3,0 мебошад, ҳол он ки дар мамлакатҳои тараққинакардаи қашшоқ, чун қоида он 0,1-0,2 ва аз он камтарро ташкил мекунад.

Соли 1991, дар натиҷаи эълон гардидани мустақилияти кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли дилхоҳи дотатсия ҳам ба муассисаҳои авиатсионӣ (бинобар либерализатсияи нархҳо ба ашёи хом, мавод, энергия) ва ҳам ба интиқолдиҳандагони авиатсионӣ (озод кардани нарх ба сӯзишворӣ, хизматрасониҳои фурудгоҳӣ ва аэронавигатсионӣ ва ғайраҳо)

дотатсияҳо қатъ гардиданд, инчунин солҳои 1992-1993 бинобар пош хӯрдани собиқ «Аэрофлот» ҳам хариди давлатии техникаи авиатсионӣ қатъ шуда, баробарвазнии ба таври сунъӣ ташаккулёфта вайрон гардид. Даромади воқеии кормандон якбора коҳиш ёфта, нархи ҳисоби миёнаи чиптаҳои ҳавопаймо якчанд маротиба (тибқи нишондиҳандаҳои муқоисашаванда) баланд шуд. Охири соли 2007 нархи чипта барои рейсҳои монанди авиатсионӣ ҳатто ба музди меҳнати миёна баробар шуда, дар охири соли 2010 аз он 1,2-1,5 маротиба зиёдтар гардид. Дар натиҷаи ин зуд-зуд будани парвозҳои солона ба ҳар сари аҳолӣ дар охири соли 2010 то 0,2 расида, ба сатҳи мамлакатҳои қашшоқ баробар шуд.

Баландгардии нархи чиптаҳои ҳавопаймо имконият фароҳам сохт, ки дар рейсҳои мунтазам даромаднокӣ таъмин карда шавад, пур набудани рейсҳо аз 60-70% зиёдтар гардид. Бо вуҷуди ин, то соли 2007 буҳрони бозори техникаи авиатсияи гражданӣ ба пешгӯиҳои некбинона нигоҳ накарда бартараф карда нашуд.

Дурудароз шудани буҳрони бозори киштиҳои ҳавоии гражданӣ аз рӯи гуфтаи бисёр мутахассисон, пеш аз ҳама бо дар мамлакат мавҷуд набудани лизинги ватанӣ алоқаманд мебошад, то ки ба ширкатҳои авиатсионӣ имконият диҳад, ки киштиҳои ҳавоиро ворид сохта, минбаъд маблағи онҳоро аз ҳисоби маблағи дар натиҷаи истифодаи онҳо ба дастмеомада пардохт намоянд ва барои пеш бурдани ин кор ҷалби сармояи ибтидоии калон дар муҳлати дароз бо фоизи паст тақозо мешавад, ки бидуни кафолат ва имтиёзҳои давлатӣ дар шароити Тоҷикистон амалан имконнопазир мебошад.

**Ҷадвали 2.24. - Парки киштиҳои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 01.01.2015/2021**

| Навъи киштиҳои ҳавоӣ | Ҳамагӣ киштии ҳавоӣ, воҳид | | Аз ҷумла: | | | | | | Истифодабаранда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Киштиҳои ҳавоии коршоям, воҳид | | Киштиҳои ҳавоии корношоям, воҳид | | Киштии ҳавоии дар нигоҳдорибуда, воҳид | | |
| | 2015 | 2021 | 2015 | 2021 | 2015 | 2021 | 2015 | 2021 | |
| Ту-154 м | 4 | 4 | 3 | 2 | - | - | 1 | 2 | «Тоҷик Эйр» |
| ЯК-40 | 7 | 7 | 1 | - | - | - | 7 | 7 | «Тоҷик Эйр» |

**Идомаи ҷадвали 2.24.**

| Навъи киштиҳои ҳавоӣ | Ҳамагӣ киштии ҳавоӣ, воҳид | | Аз ҷумла: | | | | | | Истифодабаранда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Киштиҳои ҳавоии коршоям, воҳид | | Киштиҳои ҳавоии корношоям, воҳид | | Киштии ҳавоии дар нигоҳдорибуда, воҳид | | |
| | 2015 | 2021 | 2015 | 2021 | 2015 | 2021 | 2015 | 2021 | |
| АН-28 | 8 | 8 | - | 2 | - | - | 8 | 6 | «Тоҷик Эйр» |
| МИ-8Т | 1 | 1 | - | - | - | - | 1 | 1 | «Тоҷик Эйр» |
| МИ-8МТВ | 3 | 3 | 3 | 2 | - | 1(ОЗГА) | 2 кор тибқи шартнома | - | «Тоҷик Эйр» |
| МИ-172 | - | 1 | - | 1 | - | - | - | - | «Тоҷик Эйр» |
| АН-24 | 4 | 4 | 2 | - | - | 1(ХТ) | 2 | 3 | «Тоҷик Эйр» |
| АН-26 | 2 | 2 | 1 | - | 1ОТЗП | 1(ХТ) | - | 1 | «Тоҷик Эйр» |
| ТУ-134 | 3 | 2 | - | - | 1(ХТ) | - | 2 | 2 | «Тоҷик Эйр» |
| МА 60 | - | 1 | - | 1 | - | - | Лизинг | Лизинг | «Тоҷик Эйр» |
| Б-757/200 | 1 | 1 | 1 | - | - | 1(ХТ) | Лизинг | Лизинг | «Тоҷик Эйр» |
| Б-737-500 | 2 | 2 | 2 | 1 | - | 1(ХТ) | Лизинг | Лизинг | «Тоҷик Эйр» |
| Б-737-300 | - | 1 | - | 1 | - | - | Лизинг | Лизинг | «Тоҷик Эйр» |
| Б-737-800 | 2 | 2 | 2 | 2 | - | - | 1Лизинг | 1 Лизинг | «Сомон Эйр» |
| Б-737-300 | - | 2 | - | 1 | - | 1(ХТ дар Истамбул) | Лизинг | Лизинг | «Сомон Эйр» |
| Б-737-900 | - | 2 | - | 2 | - | - | Лизинг | Лизинг | «Сомон Эйр» |
| Б-737-200 | 3 | 3 | 3 | 3 | - | - | 3 берун аз ҶТ | 3 берун аз ҶТ | «Ист Эйр» |
| Б-737-300 | - | 1 | - | 1 | - | 1(ХТ дар Истамбул) | - | - | «Ист Эйр» |
| Б-737-400 | 1 | 1 | 1 | - | - | - | - | - | «Ист Эйр» |
| Ҳамагӣ | 41 | 48 | 19 | 19 | 2 | 7 | 20 | 22 | |

**Итмоми ҷадвали 2.24.**

| Навъи киштиҳои ҳавоӣ | Ҳамагӣ киштии ҳавоӣ, воҳид | | Аз ҷумла: Киштиҳои ҳавоии коршоям, воҳид | | Аз ҷумла: Киштиҳои ҳавоии корношоям, воҳид | | Аз ҷумла: Киштии ҳавоии дар нигоҳдорибуда, воҳид | | Истифодабаранда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2021 | 2015 | 2021 | 2015 | 2021 | 2015 | 2021 | |
| Киштиҳои ҳавоии боркаш | | | | | | | | | |
| Ил-76 | - | 1 | - | 1 | - | - | - | 1 берун аз ҶТ | «Азия Эйрвейз» |
| АН-12 | - | 3 | - | 3 | - | - | - | 2 берун аз ҶТ | «Азия Эйрвейз» |
| АН-26 | - | 1 | - | 1 | - | - | - | - | «Азия Эйрвейз» |
| Ҳамагӣ | 41 | 53 | 19 | 24 | 2 | 7 | 20 | 22 | |

**Сарчашма:** Маълумоти ширактҳои ватанӣ

Маълумоти ҷадвали 2.24. ба таври возеҳ ҳолат ва тағйироти мавқеи калидии техникаи авиатсиониро дар низоми авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки шурӯъ аз соли 2007-ум чаҳор адад киштии ҳавоии навъи «Боинг» дар шароити лизинг кор карданд. Аз 7 адад киштии ҳавоии навъи Ту-154М – Ту-134 танҳо 3 адади онҳо дар ҳолати коршоям қарор доранд, яъне коэффисиенти истифодаи парки ин навъи киштиҳои ҳавоӣ 0,43-ро ташкил мекунад.




Расми 2.1. - Динамикаи кории парки киштиҳои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма: Маълумоти ширактҳои ватанӣ

Аз 14 адад ҳавопаймои тамғаи «АН» 7 адади онҳо дар ҳолати коршоямӣ, қарор доранд, яъне нисфи парк корношоям буда, парвоз анҷом дода наметавонанд. Аз 5 вертолетҳо танҳо 2 адад коршоям мебошанд. Умуман, аз 53 воҳид аппаратҳои парвозкунанда 24 воҳид дар ҳолати коршоямӣ буда, 22 адад нигоҳдорӣ мешаванд ва 7 адад киштии ҳавоӣ дар ҳолати корношоямӣ қарор доранд.

Солҳои охир,навсозии парки киштиҳои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби лизинги киштиҳои ҳавоӣ, ки бо серҳаракатии зиёд дар масирҳои байналмилалӣ ва масири Душанбе-Хуҷанд кор мекунанд ба амал омадааст.

Тавре, ки расми 2.1. нишон медиҳад дар нимсолаи аввали соли 2015-ум якбора коҳиш ёфтани коршоямии техникии киштиҳои ҳавоӣ ба назар мерасад. Аз 19 воҳид киштиҳои ҳавоии қобилияти коридоштаи мавҷудбуда дар давоми ду-се соли охир тамоми парки киштиҳои ҳавоӣ метавонад корношоям шуда, аз ҳисоб хориҷ карда шаванд.

Дар шароити муосир тақрибан 12 номгӯи киштиҳои ҳавоии куҳнаи ширкати авиатсионии «Тоҷикэйр» ба фурӯш гузошта шудаанд (эълон дар рӯзномаи «Садои мардум», №114 (3415) аз 26 августи соли 2015 Бастани созишномаи агентӣ бо ширкати авиатсионӣ ва кор бо чиптаҳо ба кормандони хадамоти муҳоҷират талаботи кор карда тавонистан бо чиптаҳои ҳавопаймо – амалиёти ба расмиёт даровардани онҳо, донистани рамзҳо ва муҳтавои буклети чиптаи ҳавопайморо вогузор менамояд.

Пайваста бо рушди муносибатҳои бозои тадриҷан нерӯи молиявии ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ афзуда истодааст. Дар маҷмаи муносибати бозорӣ институти чипта нақши гиреҳи дорад. Зеро, ҳар як сафар аз харидани чипта сар мешавад. Имрӯзҳо харидани чипта вақти зиёдро намегирад. Тавре, ки маълум аст чиптаи ҳавопаймо ин ҳуҷҷати сафар буда, ба мусофир тибқи масири (масирҳои) дар купон (купонҳо) нишондодашуда ва класси хизматрасонии дар чипта ишорашуда ва дар муҳлати дар чипта қайдшуда ҳуқуқи парвозро медиҳад.

Ҳамзамон чиптаи ҳавопаймо шартномаи байни ширкати авиатсионӣ – интиқолдиҳанда ва мусофир ҳисоб меёбад. Шартҳои шартнома одатан дар яке аз саҳифаҳои аввали чиптаи мусофирии ҳавопаймо баён карда мешаванд.

Нархи чиптаҳои ҳавопаймо аз якчанд омилҳои зерин вобаста мебошанд:

– бо кадом ширкати авиатсионӣ парвоз кардани муҳоҷир.Нархҳо дар ҳар як ширкати авиатсионӣ фарқ мекунанд;

– бо рейсҳои як ё якчанд ширкатҳои авиатсионӣ ба нақша гирифта шудани парвоз;

– аз класси ширкатҳои авиатсионӣ. Класси ширкатҳои авиатсионӣҳар кадар, ки баланд бошад, чиптаи ҳавопаймо ҳамон қадар қимат бошад, гарчанде тарофаҳои махсус дар ин ҷо низ имконияти сарфаи зиёдро фароҳам меоранд;

– аз пешакӣ харидани чиптаи ҳавопаймо. Бисёр тарофаҳои имтиёзнокмуҳлати охирини харид доранд. Бинобар ин, муҳоҷир харидани чиптаро ба рӯзи охирин монда, дарёфт накардани тарофаи арзонтаринро таваккал мекунад;

– аз мамлакат ва муҳлати дар он ҷо будан. Ин ба тарофаҳои махсусе мансуб мебошанд, ки чиптаҳои ҳавопайморо бо нархҳои нисбатан арзон пешниҳод намуда, муҳлати будубошро дар он мамлакат ҳадди аксар ё ҳадди ақал маҳдуд мекунад.

– аз шартҳои бронкунӣ ва баргардонидани чипта. Шартҳои бронкунӣ ва баргардонидани чипта ҳар қадар, ки қатъӣ бошанд, нархи чиптаи ҳавопаймо ҳамон қадар паст аст.

– аз синну соли муҳоҷир. Тахфифҳои кӯдакона, барои ҷавонон, инчунин барои синну соли сеюм (миёна) вуҷуд доранд;

– масир ҳар кадар, ки мустақим ва осон бошад, нархи кашонидани авиатсионӣ ҳамон қадар паст аст;

– мавҷуд будани қатъшавиҳо дар масир. Қариб ҳамаи тарофаҳои махсус, бо истиснои нодир, дар масирҳо ба қатъшавиҳои байналмилалӣ иҷозат намедиҳанд.

– мавҷуд будани таваққуфҳо дар масир. Масири мураккабро ба нақша гирифта, дар нуқтаҳои фосилавӣ таваққуф кардан зарур аст, аз рӯйи имконият давомнокии на бештар аз як шабонарӯзропешбинӣ кардан лозим аст.

– ба нарх, инчунин класси салон, ки дар он муҳоҷир мехоҳад парвоз намояд, таъсир мекунад.

Ширкати авиатсионӣ ба мусофирон се класси заминавии хизматрасониро (дар қавсайн ишораҳои рамзии тарофаҳои заминавӣ дода шудаанд) пешниҳод менамояд.

–класси якум(F) – аз ҳама роҳаттарин ва мутаносибан бо арзиши баланд;

–бизнес-класс (C) – аз олӣ каме пасттар, аммо хеле озода ва қимат (аз класси якум каме арзонтар), вале дар баъзе ширкатҳокласси якум вуҷуд надорад вабизнес-класс олӣ ва мутаносибан аз ҳама қимат ҳисобида мешавад;

– эконом-класс (Y) –класси арзонтарини хизматрасонӣ (дар салонҳои ин класс аз рӯи як қатор параметрҳо хизматрасонии нисбатан хоксорона ба роҳ монда шудааст).

Дар ташкили ҳамлу нақли ҳавоӣ намудҳои зерини сафар ва рейсҳои ҳавопаймо истифода мегардад. Вобаста аз ташкили парвоз се навъи асосии рейсҳои ҳавопайморо аз ҳамдигар ҷудо мекунанд:

–бидуни таваққуф, яънепарвози бидуни таваққуфи байни ду нуқта;

– пайвастшавӣ, яънепарвози байни ду нуқта бо як ё якчанд нишаст, вале бидуни иваз кардани ҳавопаймо;

– мустақим ё чандтарафа, яъне парвози байни ду нуқта бо як ё якчанд нишаст, вале бидуни иваз кардани ҳавопаймо.

Вобаста аз ташкили масири сафар чаҳор намуди асосии сафари нақлиёти ҳавоиро ҷудо мекунанд:

– ба як тараф, яъне парвози байни ду нуқта бо нишаст ё бидуни нишаст дар доираи як ё якчанд рейс;

– ба ҳар ду тараф, яъне парвозе, ки аз ҳамон як шаҳр оғоз шуда, дар ҳамон шаҳр бо истифодаи рейсҳои рафтуомад дар ҳавопаймои ҳамон як ширкат ва аз рӯи ҳамон як масир анҷом меёбад;

– давродавр ё силсилавӣ, ки ба парвози ҳар ду тараф монанд буда, ин сафар ҳам аз ҳамон як шаҳр сар шуда, дар ҳамон шаҳр хотима меёбад. Фарқият дар он аст, ки ҳангоми ин сафар баргаштан тавассути масири дигар ва ё рейси ширкати дигар иҷро мегардад;

– сафар «бо пешонии кушод», ба сафари рафтуомад монанд буда, дар рафти он мусофир на аз шаҳри таъйиншуда, балки аз шаҳри дигар бармегардад.

Сиёсати тарофавӣ қисми муҳими фаъолияти тиҷоратии ширкатҳои авиатсионӣ буда, бевосита ба ҳолати онҳо дар бозори ҳамлу нақли ҳавоӣ ва натиҷаҳои молиявӣ таъсир мерасонад.

Ҳанӯз то вақтҳои наздик дар бисёр мамлакатҳо тарофаҳои ҳамлу нақли ҳавоиро давлат танзим мекард, ки дар натиҷаи он тарофаҳо нисбатан доимӣ буда, дар ширкатҳои авиатсионии гуногун кам фарқ мекарданд. Дар чунин шароит, қисми зиёди ширкатҳои авиатсионӣ ҳамасола маҷмӯаи тарофаҳои худро нашр мекарданд, ки барои мусофирон чун сарчашмаи маълумот дар бораи нархҳо хизмат менамуданд. Дар шароити имрӯза маълумотномаҳои тарофавӣ аҳамияти худро гум кардааст. Бар ивази онҳо маълумоти тарофавии пурра компютерикунонидашуда дар реҷаи муайяни вақт мавриди истифода қарор гирифтааст.

Бо дарназардошти рақобат ҳар як ширкати авиатсионӣ низоми тарофаҳо ва тахфифҳои махсусро коркард мекунад, ки сафар кардан бо ҳавопаймои онҳо барои мусофирон ҷолиб мебошад. Зимнан, ин низоми тарофаҳо ниҳоят гуногунранг буда, онҳо мавзун ва серҳаракат мебошанд ва ба тағйироти бозор зуд мутобиқ мегарданд. Дар айни замон, дар доираи ҳар яке аз се класси асосии хизматрасонӣ – экономкласс, бизнес-класс ва

класси якум метавонанд миқдори зиёди тарофаҳои фардии имтиёзнок вуҷуд дошта бошанд, ки бо шартҳои харидани чипта, маҳдудиятҳои мавҷуда ва омилҳои дигар муайян карда мешаванд.

Тарофа – нархи чиптаи ҳавопаймо буда, бо дарназардошти қоидаҳои муқарраршуда, меъёрҳои муайяни вобастабуда ва маҳдудиятҳо оид ба шартҳои бронкунӣ ва кашонидан (ҳамлу нақл) ҳисоб карда шудааст.

Тарофа ин маблағи бо тартиби муқарраргардида тасдиқшудае мебошад, ки интиқолдиҳанда барои кашонидани як мусофир ё кашонидани воҳиди вазн ё ҳаҷми бағоҷ ё бор аз нуқтаи фиристонанда то нуқтаи таъйиншуда тибқи масири муайян ситонида мешавад.

Тарофаҳои махсус барои кашонидани муҳоҷирони меҳнатӣ. Тарофаҳои махсус ин категорияи паҳншудатарини тарофаҳо мебошанд, ки қисми зиёди мусофирон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ аз онҳо истифода мекунанд.

Табиист, ки сатҳи тарофа ҳар қадар паст бошад, барои мусофир маҳдудиятҳои муҳлати амали чипта, имконияти иваз намудани рӯзи парвоз, баргардонидани чипта ва ғайраҳо ҳамон қадар зиёдтар мебошанд. Дар мавриди сатҳи хизматрасонӣ бошад метавон гуфт, ки тарофаҳои махсус чун қоида, ба он таъсир намекунанд, яъне тибқи ҳар яке аз онҳо мусофир дар салони классҳо соҳиби ҷой гардида, аз хизматрасонии дахлдор бархӯрдор мешавад.

Боз яке аз маҳдудиятҳои тарофаҳои махсус - ин имконнопазир будани стоповерҳо (таваққуфҳо дар масир) мебошанд. Тавре, ки дар боло қайд кардем таваққуфи зиёда аз як шабонарӯз стоповер ҳисобида мешавад. Тақрибан ҳамаи тарофаҳои махсус чунин таваққуфро иҷозат намедиҳанд ё барои чунин амал маблағи иловагиро талаб мекунанд.

Бинобар гуногунранг будани тарофаҳои махсус ҳамаи охоро баррасӣ намудан ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, тарофаҳои махсуси нисбатан паҳншударо, ки онҳо метавонанд ҳангоми ҳамлу нақли муҳоҷирон истифода шаванд баррасӣ менамоем.

**Тарофаҳо барои ҷавонон.** Ин намуди тарофаи махсус барои мусофирони ҷавонтар аз синни 24, 25 ё 26 (вобаста аз самти парвоз) ҳангоми тибқи ҳуҷҷатҳо тасдиқ шудани синну соли онҳо роҳандозӣ мегардад ва онҳо ду намуд мешаванд.

Аввалан, тарофаи муътадил бояд бо тахфиф барои ҷавонон, ки одамони ҷавон камтар пардохт мекунандмувофиқ бошад.

Баъдан, тарофаҳои махсус барои ҷавонон вуҷуд доранд. Ин чипта бидуни рӯзи парвоз буда, бидуни ҳуқуқи баргардонидан дар давоми сол эътибор дорад. Онро метавон на пештар аз 3-7 рӯз то парвоз (вобаста аз самти парвоз) харидорӣ намуд. Маҳдудиятҳои синну солӣ мисли пештара мебошанд. Ба ҳеҷ вақт маблағи чипта баргардонида намешавад. На танҳо аз шаҳри дигар, балки фақат аз шаҳри дар чипта нишондодашуда парвоз кардан мумкин аст. Ин маҳдудиятҳо ҳамчунин шарти харидани чиптаҳои нисбатан арзон барои ҷавонон ҷорӣ карда мешавад ва нархи онҳовобаста аз самти парвоз метавонад аз тарофаи заминавӣ 25-70% камтар бошанд.

**Тарофа барои одамони калонсол.** Дар баъзе самтҳо, инчунин тарофаҳои махсус барои «шаҳрвандони калонсол» вуҷуд доранд. Дар онҳо низ маҳдудияти муҳлати будубоши ҳадди ақал ва ҳадди аксар нишон дода шудааст. Ғайр аз ин, синну соли мусофир бояд аз 60 боло бошад. Аммо, бисёр вақт ин тахфиф барои мусофири ба синни 60 расида мавриди истифода қарор мегирад.

**Тарофаҳои гурӯҳӣ.** Тарофаҳои гурӯҳӣ ниҳоят оммавӣ гардидаанд. Маҳдудиятҳо дар ин ҳолат на танҳо дар муҳлати будубош (ҳадди ақал ё ҳадди аксар), балки дар шумораи одамон дар гурӯҳ барои муҳоҷирони меҳнатӣ ташкилшуда (аз 4 то 20 нафар вобаста аз самти парвоз) муайян карда мешаванд.

**Тарофаи заношӯӣ.** Ҳангоми барои муҳоҷират якҷоя парвоз кардани ҳамсарон истифода мешавад. Ба яке аз ҳамсарон тахфифи 50%-и тарофа пешниҳод мегардад. Муҳлати амали чипта 1 моҳ аст. Дар ин тарофа тахфифҳои иловагӣ вуҷуд надоранд. Шартҳои истифода ва

баргардонидани чипта тибқи ин тарофа низ бо қоидаҳои махсуси ширкати авиатсионӣ ба тартиб оварда мешаванд.

**Тарофаи оилавӣ.** Тахфиф ба тарофаи экономкласс барои бо ҳамсарон ҳамроҳӣ кардани кудакони аз 2 то 5-сола пешниҳод мегардад. Муҳлати амали чипта бо як моҳ маҳдуд карда мешавад. Тахфифҳои иловагӣ нисбат ба тарофаи оилавӣ қабул карда намешаванд.

**Ҷадвали 2.25. Вобастагии нархи чипта аз хосияти муҳоҷирати меҳнатӣ**

| Хосияти муҳоҷират | Ҳисса, % | Намуди тарофа | Тахфиф, % |
|---|---|---|---|
| Муҳоҷирати ҷавонони аз 16 то 26-сола | 42,0 | Тарофа барои ҷавонон | 25-70 |
| Муҳоҷирати одамони калонсоли синну соли 51 ва зиёда аз он | 5,0 | Тарофаи имтиёзнок | Тибқи салоҳ-диди ширкати авиатсионӣ |
| Муҳоҷирати гурӯҳӣ (аз 4 то 20 нафар) | то 76,0 | Вобаста аз муҳлати будубош ва шумораи гурӯҳ | Тибқи салоҳ-диди ширкати авиатсионӣ |
| Муҳоҷирати заношӯйӣ | 2,0% | Чиптаи имтиёзнок ба яке аз ҳамсарон | 50% |
| Муҳоҷирати оилавӣ (бо фарзандон) | 64,0 | Кашонидани имтиёзноки бачагон | Синну соли аз 2 то 5-сола –ройгон; аз 6 то 12-сола – тахфиф - 50% |

**Сарчашма:** Таҳияи муалиф

**Барномаҳои ширкатҳои авиатсионӣ оид ба ҷалби мусофирон.** Аҳамияти амалҳои маркетингӣ ва барномаҳои мақсадноки ҷалби мизоҷони навро кайҳост, ки ширкатҳои авиатсионии пешрафтаи ҷаҳон баҳогузорӣ кардаанд. Дар ҳошияи маркетинг, тавре ки мегӯянд барномаи дурусткории харидорон, ки барои мукофотонидани мусофирони зуд-зуд парвозкунанда пешбинӣ гардида, ниҳоят хуб кор мекунад. Иштирок дар чунин барномаҳо ба мусофирони зуд-зуд истифодакунандаи нақлиёти ҳавоӣ имконияти фоидаи зиёдро – аз баланд бардоштани класси хизматрасонӣ дар фурудгоҳ ва дохили ҳавопаймо то дарёфти чиптаҳои ройгони (мукофотии) ҳавопаймо фароҳам меоварад.

Бо мақсади ҷалби мусофирони ҳавопаймо, алалхусус муҳоҷирони зуд-зуд парвозкунанда бояд барномаҳои махсуси мақсаднок дар амал ҷорӣ карда шаванд. Дар заминаи онҳо пешниҳоди тахфифҳо, имтиёзҳо ва

туҳфаҳо ба мизоҷони доимии тавассути рейсҳои ширкатҳои авиатсионӣ бисёр ва зуд-зуд парвозкунанда қарор доранд. Ҳисоби холҳо аз рӯи миқдори километрҳое, ки муҳоҷир парвоз кардааст, гузаронида мешавад. Масалан, «Аэрофлот» – хатти ҳавоии Россия ба мусофирони доимии худ имконияти дарёфти чиптаи ройгони экономклассро ҳангоми парвозҳои зерини муҳоҷир пешниҳод менамояд:

20 000 км – дар рейсҳои ширкатҳои авиатсионӣ дар қаламрави Федератсияи Россия;

30 000 км – дар рейсҳои байни Федератсияи Россия ва Аврупо;

50 000 км – дар рейсҳо ба Амрикои Шимолӣ.

Баъзе ширкатҳои авиатсионӣ интенсив-нақшаро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки ҳангоми он мусофирон дар вақти сафар баллҳоеро ҷамъ мекунанд, ки ба онҳо ҳуқуқи тахфифро медиҳанд. Баъдан ин тахфифҳо ҳангоми сафар барои истироҳат дар вақти пардохти нархи сафар, будубош дар меҳмонхона, иҷораи автомобил ва ғайраҳо истифода мешаванд. Бисёр вақт мусофирон чунин ҳисоб мекунанд, ки барномаҳои мазкур назар ба қулай будани ҷадвал омили нисбатан муҳимтар мебошанд.

Аз тарафи ширкатҳои калони авиатсионии ҷаҳонӣ истифода шудани нақшаҳои гуногуни ҳавасмандкунандаи ташаккулдиҳандаи маҷмӯи доимии мусофирон имконият медиҳанд, ки принсипи Парето ба таври пурра амалӣ гардад, яъне30%-и мусофирони ширкати ҳавоӣ 70%-и даромадро таъмин мекунанд.

Бешубҳа, ҳангоми дар мизоҷони доимӣ мавҷуд будани талаботи устувор ба хизматрасонии ширкати авиатсионии мушаххас мақоми он дар бозориҳамлу нақли ҳавоӣ назар ба рақибоне, ки дар таҷрибаи амалии худ методҳои муосири корҳои тиҷоратиро истифода накардаанд, хеле пурзӯртар мебошад.

Қоидаҳо ва шартҳои иштирок дар барномаи мақсаднок ба таври зайл мебошанд:

1. Ҳар як мусофири ба синни 18-солагӣ расида, метавонад иштирокчии барнома гардад. Ҳар як мусофир бояд дар барнома ба таври алоҳида иштирок намояд.

2. Таърихи пур кардани ариза рӯзи саршавии иштирок дар барнома ҳисоб меёбад.

3. Дар ҳолати вайрон кардани қоидаҳо ва шартҳои барнома ширкат ҳуқуқ дорад, ки дилхоҳ иштирокчиро аз барнома хориҷ намояд, картаи муваққатӣ ё доимии ӯро бозпас гирифта, баллҳои ҷамънамудаи ӯро бекор кунад.

4. Ба ҳар як иштирокчии барнома зарур аст, ки миқдори холҳои дар ҳисоби барномабуда, инчунин тағйирёбии шартҳои барномаро назорат кунад.

5. Ҳар як иштирокчӣ муваззаф аст, кисари вақт оид ба тағйироти суроға, рақами телефон ва дигар маълумот ширкатро огоҳ намояд.

6. Холҳо танҳо ба ҳисоби ҳамон иштирокчии барномадохил карда мешаванд, ки парвоз кардааст. Иштирокчиён холҳои барои парвозлозимаро дар нуқтаи таъйиншудаи дар чипта ишорашуда ба даст меоранд. Агар парвоз бо нишастани фосилавӣ иҷро шавад, холҳо барои ҳар як қисмати масир ҳисоб карда мешаванд.

7. Агар чипта бо ҳолатҳои зерин ба қайд гирифта шуда бошад, холҳо ҳисоб карда намешаванд:

–дар рейси чартерӣ;

– аз рӯи тарофаи гурӯҳӣ;

– аз рӯи тарофаи кӯдакона;

– аз рӯи тарофа барои ҷавонон;

– бо тахфифҳои ID, AD, BP.

Номгӯйи тарофаҳое, ки тибқи онҳо холҳо ҳисоб карда намешаванд, метавонанд тағйир ёбанд.

8. Холҳо танҳо барои парвозҳои аз рӯзи саршавии иштирок дар барнома анҷом додашуда ҳисоб карда мешаванд. Ҳар як иштирокчии

барнома метавонад танҳо як суратҳисоб дошта бошад. Суратҳисобидуюм метавонад бидуни огоҳии пешакӣ бекор карда шавад.

9. Холҳо аз яксуратҳисоб бо холҳои суратҳисоби дигар мавҷудабуда якҷоя карда намешаванд.

10. Дар ҳолате, ки агар дар давоми 6 моҳи авали аз рӯзи кушодани суратҳисоб ба он холҳо ворид нашаванд ё аз рӯзи кушодашавии суратҳисоб дар давоми 12 моҳ, аз рӯзи охирини ҳисобкунии холҳо 1000 хол бадаст наояд он гоҳ суратҳисоб бидуни огоҳии пешакӣ бекор карда мешавад. Суратҳисоби ботилшуда ва маълумоти он барқарор карда намешаванд. Дар ҳолате, ки агар иштирокчии барнома огоҳ мешавад, ки ягон маълумот ба суратҳисоб дохил карда нашудааст, ӯ дар ин бора хабар медиҳад ва пас аз тафтиш ва тасдиқ маълумот барқарор карда мешавад.

11. Маҷмӯи холҳо барои дарёфти мукофот дар давоми ду сол эътибор доранд. Ҳамин тавр, барои дарёфти мукофот танҳо ҳамон холҳое эътибор доранд, ки иштирокчӣонҳоро дар давоми ду соли тақвимӣ аз рӯзи ҳисобкунии охирин, новобаста аз миқдори умумии холҳои дар давраи дар барнома иштирок кардан гирифтааст.

12. Ҳар як иштирокчӣ метавонад танҳо як картаи муваққатиро истифода намояд. Дар ҳолати ошкор шудани он далел, ки холҳо дар зиёда аз як суратҳисоб гузаронида шудаанд, танҳо ҳамон холҳое эътибор пайдо мекунанд, ки дар суратҳисоби аз ҳама пештар бозшуда ҳисоб карда шудаанд. Ҳамаи суратҳисобҳои боқимонда ё холҳои онҳо метавонанд бидуни огоҳии пешакӣ бекор карда шаванд.

13. Картаи муваққатӣ ё доимиро танҳо ҳамон шахсе истифода карда метавонад, ки дар он номи ӯ зикр шудааст.

14. Картаи муваққатӣ метавонад танҳо барои дар барнома ба қайд гирифтан ва дарёфти холҳо истифода шавад, он барои гирифтани имтиёзи барнома ҳуқуқ намедиҳад.

15. Вақте , ки дар давраи на бештар аз 12 моҳ, азлаҳзаи иштирок дар барномаба суратҳисоб 1000 хол дохил мегардад, картаи муваққатӣ ба картаи доимӣ иваз карда мешавад. Картаи доимӣ ба иштирокчӣ ҳуқуқи

истифода намудани имтиёзҳои барномаро медиҳад. Картаи муваққатӣ ё доимӣ моликияти ширкат мебошанд ва иштирокчӣ онҳоро бояд бо талаби аввалини ширкат баргардонад.

16. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи иштирокчии барнома барои дарёфти чиптаи ройгон сертификати ширкати авиатсионӣ мебошад.

17. Сертификат танҳо ҳангоми аз тарафи иштирокчӣ дарёфт намудани 500 холи пурраи навбатӣ дода мешавад. Сертификат ва чиптаи ба иштирокчӣдодашуда, дар ҳолате, ки агар бо вайронкунии қоидаҳо ва шартҳои барнома истифода шаванд бозпас гирифта мешаванд. Дар сурати гум шудани сертификат ё чиптаиба иштирокчӣ додашуда дубликати онҳо дода намешавад. Муҳлати эътиборисертификат аз рӯзи бақайдгирии он 2 буда, барои гирифтани чипта танҳо сертификати эътибордошта метавонад мавриди истифода қарор гирад. Сертификате, кимуҳлати эътибори он ба итмом расидааст, бозпас гирифта мешаванд. Барои сертификати истифоданашуда ҷуброни пулӣ ва ё ба он монанд дода намешавад. Пас аз ба қайд гирифтан ва ба иштирокчӣ додани сертификат он ба ширкат баргардонида намешавад.

18. Ширкат ҳуқуқ дорад, ки миқдори ҷойҳои рейсро дар самтҳои алоҳида ва ё дар ҳамаи самтҳо, ки тибқи сертификат (чиптаи ройгон) парвоз пешбинӣ шудааст, маҳдуд намояд. Бо ҳамин сабаб ширкат метавонад бронкунро бо истифодаи сертификат дар рӯз ва рейси мушаххас рад намояд.

Таҳлили мутобиқати аэродромҳо бо параметрҳои дар ҷадвали 11 овардашуда нишон медиҳад, ки дар шароити муосир танҳо нисфи аэродромҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ тибқи меъёрҳои Созмони байналмилалии авиатсияи гражданӣ (ИКАО) ба категорияҳо ҷудо карда шудаанд ва танҳо панҷ аэродром категорияи IIIA дошта, ягон аэродром категорияи IIIB надорад.

**Ҷадвали 2.26. - Ба категорияҳо ҷудо намудани хатти парвозу нишаст тибқи стандартҳо ва таҷрибаи тавсиядиҳандаи ИКАО***

| Категорияи хатти парвозу нишаст | Дидашавандагӣ, метр | | Реҷаи идоракунии киштиҳои ҳавоӣ дар аэродром | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Амудӣ (баландӣ, пастӣ, нӯги абр) | Категорияи хатти парвозу нишаст аз нуқтаи ба замин нишастан | Ҳаракат тибқи хатти парвозу нишаст пас аз расидан | Аз хатти парвозу нишаст ба РД фаромадан | Ҳавопаймогар донӣ тибқи РД нисбат ба терминал |
| I | на камтар аз 60 | на камтар аз 800 | экипаж | экипаж | экипаж |
| II | на камтар аз 30 | на камтар аз 400 | экипаж | экипаж | экипаж |
| III A | на камтар аз 15 | на камтар аз 200 | экипаж | экипаж | экипаж |
| III B | 0 | не менее 75 | автомат | экипаж | экипаж |
| III C | 0 | 0 | автоматӣ | автоматӣ | Автоматӣ |

**Манбаъ:** *Сарчашма: дар асоси маълумотҳои Бонки рушди Аврупо таҳия шудааст.

Ҳолати ҷории аэродромҳои ҷумҳурӣ чунин мебошанд:

- муҷаҳҳазии нокифояиаэродромҳо босистемаҳои аниқи воридшавӣ барои нишаст вавоситаҳои визуалии таъминкунандаи истифода дар шароити мураккабиметеорологӣ;
- ба охир расидани муҳлати муқарраршудаи хизмати хатти парвозу нишаст ва зимнан зарурати гузаронидани чорабиниҳо оид ба таъмири асосӣ ё азнавсозӣ;
- фарсудашавии маънавӣ ва ҷисмонии таҷҳизоти рӯшноӣ ва огоҳ-кунандаи таъминоти электрикӣ;
- фарсудашавии маънавӣ ва ҷисмонии қисми зиёди воситаҳоирадиотехникии таъмини парвозҳо;
- истифодаиаэродромҳо бо истифодаи шумораи зиёди чорабиниҳои таъминкунандаисатҳи баробари бехатарии парвозҳо дар мавридҳои зерин:

– андозаи геометрии унсурҳоиаэродром ва нишонагузории рӯзона;

– таҷҳизоти рӯшноӣ ва огоҳкунанда ва таъминоти электрикӣ;

– мустаҳкамии пӯшиш (фарш);

– воситаҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ;

–воситаҳои радиотехникӣ;

–таъминоти метеорологӣ ватаҷҳизоти метеорологӣ.

Бозориҳамлунақлиҳавоиимунтазамродарминтақаметавонҳамчун рушднакарда (ё дар марҳилаи аввали рушд қарордошта) тавсиф кард. Набудани киштиҳои ҳавоии муосири боркаши каммасрафи (ИЛ-96-400, Боинг-747 ва МД-11), ки стандартҳои байналмилалиро оид ба овози паст, эмиссияи муҳаррик ва аниқиинавигатсия қонеъ мегардонанд, омили асосии рақобатнопазирии ширкатҳои авиатсионии Осиёи Марказӣ мебошанд. Барои рушдиборкашонӣ тавассути ин навъи киштиҳои ҳавоӣ, аз ҷумла дар дохили минтақаи Осиёи Марказӣ кам будани шумораи аэродромҳои қобилиятдоштаиқабули ин намудикиштиҳои ҳавоӣ мебошад. Рушд накардани бозори робитаҳои авиатсионии борҳо ва набудани рақобат боиси гум шудани ҷаззобияти кашонидани авиатсионӣ барои фиристонандагони имконпазири борҳо мегарданд. Ва ин доираро пайваст карда, ҷолибияти рушди бизнеси авиатсионии борҳоро кам менамояд. Ҳамин тавр, масъала аз нав ба нокифоя будaниинвеститсия дар рушди шабакаиаэродромӣ вобаста мебошад.

Дар авиатсия мушкилоти асосӣ инҳо мебошанд: таъмини баробарҳуқуқи иштироки бахши хусусӣ ва давлатӣ, либерализатсияи зербахш, таъмини самаранокии иқтисодӣ бидуни халалдор кардани бехатарии мусофирон, таъсиси флоти ҳавоӣ ва инфрасохтори фурудгоҳҳои кифояткунанда барои қонеъ гардонидани талаботи афзуншаванда.

Бо эҳтимолияти калон барои рушди ҳамкории минтақавӣ дар бахши авиатсионӣ, на аз тарафи форумҳои гуногунҷанба, ки ҳангоми он аз ҳисоби иҷрои шартномаҳо ва созишномаҳои дуҷониба тағйирот ба амал меоянд, балкишояд аз тарафи сохторҳои молиявӣ ва бизнес, инчунин аз ҳисоби имкониятҳои бозшавандаи бозор таъсир расонида шавад.

**Ҷадвали 2.27. - Мушкилот ва имкониятҳои рушди ҳамлу нақли ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Мушкилот | Имкониятҳо |
|---|---|
| Ислоҳоти институционалӣ дигаргунсозии идоракунӣ коҳиш ёфтани нақши давлат | ширкатҳои авиатсионӣ ва фурудгоҳҳо касбан идорашаванда ва барои фоида нигаронида шудаанд роҳбарии салоҳиятдори авиатсионӣ низоми мувозина дар авиатсияи гражданӣ қоидаҳои аниқи «бозӣ» |
| Масъалаҳои бехатарӣ, рӯйхати сиёҳ мутобиқат бо стандартҳои ИКАО | нав, барои бехатарӣ равонашуда, тарзи тафаккур барои ҳамаи иштирокчиёни соҳа беҳтар кардани стандартҳо ва амалияи хизматрасонии техникӣ назорати масъулиятдор барои бехатарии парвозҳо аз тарафи авиатсияи гражданӣ |
| Мавзунии заминаи қонунгузории ҳуқуқии авиатсионӣ | маҳдудиятҳои оқилона ва ба бехатарӣ равонагардидаи стандартҳо, қоидаҳо ва талаботи байналмилалӣ якҷояшавӣ бо низоми ҷаҳонии ҳуқуқи авиатсионӣ |
| Ислоҳоти механизмҳои субсидиякунонии давлатӣ | маблағи давлатӣ танҳо дар ҳамон ҷое сарф мешавад, ки мутлақо зарур аст субсидияи ҳаматарафа ба ёрии суроғавии давлатӣ иваз карда мешавад барои беҳтар кардани парки киштиҳои ҳавоӣ ва тавсеаи ғографияи парвозҳо маблағи бештар боқӣ мемонад. |
| Рақобати иштирокчиёни байналмилалии бозор ва ҳамсояҳо | фаъолияти нисбатан дуруст ва бехатар истифодаи парки беҳтаршудаи киштиҳои ҳавоӣ ва хизматрасониҳои рӯйизаминӣ нархномаи беҳтарин барои мизоҷон идоракунии ба бизнес равонашуда |
| Инфрасохтори куҳнашудаи ба таҷдид ниёздошта | сохтмони нави асосӣ тибқи стандартҳои ICAOмаблағгузории лоиҳаҳои калони фонди байналмилалӣ ё бахши хусусӣ қобилияти беҳтаршудаи гузарониши аэродромҳои таҷдидшуда |
| Масъалаҳои молиявӣ | хусусигардонии объектҳои зиёновар нақшаи кооператисияи хусусӣ-давлатӣ (шарикӣ) ҷустуҷӯйи шартҳои беҳтарини лизинг дар тамоми ҷаҳон маркетинги хизматрасонии нисбатан мавзун ва оқилона |
| Парки авиатсионии куҳнашуда | парки мавзуни киштиҳои ҳавоӣ, ки ба хоҳиши мизоҷон дар бозорҳои алоҳида нигаронида шудааст стандартикунонии парк барои кам кардани хароҷоти хизматрасониҳо техникаи нисбатан нав бо бекористии камтар барои хизматрасонӣ ва дорои самаранокии баланди иқтисодӣ киштиҳои ҳавоии нави эътирофкунандаи мизоҷон |

Идомаи ҷадвали 2.27.

| Мушкилот | Имкониятҳо |
|---|---|
| Хароҷоти зиёд барои хизматрасонӣ | -аутсорсинги хизматрасонӣ тибқи хизматрасонии техникӣ;<br>- сарфаи, бо роҳи якҷояшавии чандин муассисаҳои хизматрасон дарёфтшуда;<br>интиқоли базаи истифодабарӣ-техникӣ аз моддаҳои хароҷотӣ ба моддаҳои даромад<br>хизматрасонии махсусгардонидашуда ва навкардашудаи барои баҳисобгирии хоҳиши мизоҷон равонашуда |
| Камбуди ҳайати кормандони ихтисосманд | - таъсиси марказҳои минтақии таълим дар асоси принсипҳои худтаъминшавӣ;<br>- кирояи мутахассисони хориҷӣ;<br>- интихоби марказҳои таълим ва азнавомодакунӣ дар тамоми ҷаҳон |

**Сарчашма:** Таҳияи муалиф дар асоси таҳқиқот.

Набудани муҳити рақобат боиси ғайрисамаранок шудани хизматрасонии нақлиётӣ, сустии идоракунии раванд ваинвеститсияи ночизи инфрасохтори соҳа гардид.

Ғайр аз гуфтаҳои боло (дар ҷадвали 2.27.) боз масъалаҳо ва мушкилоти дигари инфрасохтор вуҷуд доранд, ки бояд ба онҳо диққати махсус дода шавад. Ба инҳо таҷҳизот ва воситаҳои минтақаи сарҳадӣ, терминали контейнерӣ-трейлерӣ ва воситаҳои кашонидан дохил мешаванд, ки барои қонеъ гардонидани талабот ва мусоидат кардан ба корҳои барои бехтарсозии амалкарди коридорҳо равонашуда зарур мебошанд.

Барои амалкарди муътадили коридорҳо инфрасохтори марбута тақозо карда мешавад ва шояд ин сабаби асосии пурра истифода нашудани коридорҳо набошад. Ҳаллу фасл нагардидани масъалаҳои идоракунӣ ва мавҷуд набудани технологияи нав метавонад ба пастшавии сатҳи корҳо таъсири калон расонад. Рақобат дар байни коридорҳо вуҷуд дорад ва он ҳамеша рушд мекунад. Вале дар «охири рӯзи корӣ» танҳо фиристонандаи бор салоҳияти интихоб кардани коридорро дорад, аз ин рӯ сатҳи эътимоднокӣбаробари хароҷот ҳангоми интихоби коридор аҳамияти

муҳим дорад.

Дар баробари коркарди низоми мураккаби созишномаҳои нақлиётӣ, ҳамзамон низоми додани иҷозатнома ва низоми пардохт мушкил гардиданд. Низоми иҷозатнома ҳуқуқи озодона ворид шудан ба ҳамон мамлакатеро медиҳад, ки ин низоми қобили қабул аст, аммо ба шарти пешниҳоди иҷозатнома. Созишномаи дуҷониба оид ба низоми бидуни иҷозатномавӣ амалан вуруди озодонаро ба ҳудуди давлат пешбинӣ менамояд.

Пардохт барои додани иҷозатнома ва ҷамъкуниҳо барои истифодаи инфрасохтор бояд аниқ фарқ карда шаванд. Дар ҳақиқат, низоми пардохт аксар вақт пардохт барои дарёфти ҳуқуқ нест, он дар варианти соддакардашуда мавҷуд набуданимуносибати интихобӣ «аз пардохтҳо ва ҷамъкуниҳо озод карда шавад» фаҳмида мешавад.

Истифодаи ин қоида оид ба озод кардан аз андозҳо ҳангоми вуруд ба ҳудуди давлат ё анҷом додани кашонидани транзитӣ васеъ паҳн шудааст. Ин ҳуқуқҳо дар шартҳои созишнома, ки дар доираи он иҷозатнома дода мешавад, пешбинӣ мегарданд. Он асосноккуние оварда мешавад, ки ин ҷамъкуниҳои аз истифодабарандагони роҳ ситонидашаванда барои нигоҳдории инфрасохтор аст ё онҳо чун ҷамъкуниҳои маъмурӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Низоми иҷозатномавии байни ду давлат барои он лозим аст, ки бозори нақлиётӣ дар байни интиқолдиҳандагони ватанӣ одилона тақсим карда шавад. Масъалаи ҷамъкунӣ аз нақлиёти автомобилӣ, агар ҳиссаи номувофиқатии иштирокибахши нақлиётиро дар гуфтушунидҳои байниҳукуматӣ ба назар гирем, метавонад баҳснок бошад.

Самаранокии низоми иҷозатномавӣ ва низоми пардохтие, кинисбат ба интиқолдиҳандагони ҳамлу нақли тариқи сарҳад амаликунанда, фармоишгарони онҳо ва савдои минтақавӣистифода мешаванд, бо сабаби мавҷуд будани сохтори бетартиби хароҷот вайронмегарданд. Низоми имрӯзҳо амалкунанда ба ҷойи хоҳиши дар самти муттаҳидшавӣ кор кардан, дар минтақа ҳолатҳои зиёди ихтилофнокро ба вуҷуд овард. Барои дар вақтҳои наздик бартараф кардани ихтилофоти мушаххас дар равандҳои

дучониба ва бисёрчониба ҳисси эътимоднокӣ дида намешавад.

Умуман, дар тамоми ҷаҳон қоидаҳои дастрасӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ нисбат ба бозор масъалаи баҳсталаб буданд. Ғайр аз ин интиқолдиҳандагони давлатӣ – монополистҳо ҳуқуқҳои ғайриодии худро бо тезӣ нигоҳ доштанд.

Дар қисми зиёди мамлакатҳои коридор чандин хатҳои ҳавоӣ бо ҳиссаи калон ё пурраи моликияти бахши хусусӣ вуҷуд доранд. Дар бозори байналмилалӣ, тақрибан ҳама чӣ тавре, ки мегӯянд хатҳои ҳавоии «меросӣ» ё «интиқолдиҳандагони асосии» давлатӣба шартҳои рақобати шиддатнок тоб наоварда, ҷойи худро ба интиқолдиҳандагони хусусии нисбатан самаранок дода аз майдон берун шуданд. Кори хатҳои ҳавоии давлатӣ одатан зиёновар буда, аз ҳисоби додани субсидияҳои калон ё даромадҳо аз ҳисоби фаъолияти ғайриавиатсионӣ (масалан, иҷораи майдони фурудгоҳҳо ва ҷамъкуниҳои парвоз аз фазои ҳавоӣ), ки бо дарназардошти захираҳои молиявӣсамти худро дигар мекунанд, пӯшонида мешавад. Дар минтақа асосан кашонидани каботажӣ манъ карда шудааст. Шояд ин боиси афсӯс хӯрдан бошад, аммо ин масъала дар ҳама ҷо вуҷуд дорад. Манъкуниҳои кашонидани каботажӣ дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо дар давоми солҳои тӯлонӣ масъалаи баҳсталаб буд, вале исбот карда нашуд, ки онҳо боиси ғайритавозунии нақлиётӣ мегарданд.

Амалкарди қисми зиёди фурудгоҳҳо бо масъалаҳои калидии зерин алоқаманд мебошад:

- муҳлати калони истифодаи фурудгоҳҳо (нисбати фурудгоҳҳои амалкунанда метавон гуфт, ки муҳлати ҳисоби миёнаи истифодаи онҳо қариб 50 солро ташкил мекунад);
- нокифоя будани муҷаҳҳазии техникии фурудгоҳҳо;
- номутобиқатии базаи истеҳсолии рӯизаминӣ ба ҳаҷми иҷрошаванда ва дурнамои ҳамлу нақли авиатсионӣ, инчунин ба навъҳои ояндадори киштиҳои ҳавоӣ;

- сатҳи ғайриқаноатбахши хизматрасонии мусофирон ва коркарди борҳо (нишондиҳандаҳои пасти мунтазамии парвозҳо, роҳатнокӣ ва ғайраҳо);
- набудани аэродромҳои тибқи аломатҳои метеорологии ИКАО ба категорияҳо ҷудокардашуда.

## Хулоса аз боби дуюм:

1. Дар солҳои охир, талабот ба ҳамлу нақли ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Аз нав муҷаҳҳазкунии техникии соҳа бо техникаи нави авиатсионӣ ба амал омада, технологияи нави ташкили бизнес фаъолона суръат гирифта истодааст. Умуман, ҷаҳонишавии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ, ба соҳаи нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат расонида истодааст. Солҳои охир ҳарҷанд инфрасохтор ва сохтори таҷҳизоту техника ва ҳавопаймоҳо сифатан нав шуданд, аммо бо сабаби сатҳи рақобатпазии хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоии мамлакат ва вазъи доминантии хизматрасниҳои ширкатҳои ҳавоии байналмилалӣ фаъолияти ширкатҳои ватанӣ тамоюли пастравиро гирифтаанд. Тамоюли борокашонӣ ва мусофиркашонии тавассути ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ мамлакат дар давраи солҳои 2014-2020 паст шудааст.Бинобар он, масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирии ширкати нақлиёти ҳавоии мамлакат дар замони муосир мубрамият пайдо мекунад. Таҷрибаи ҷаҳонии инкишофи нақлиёти ҳавоӣ нишон медиҳад, ки рушди устувори он бо рушди устувор ва густариши сатҳу сифати иқтисодӣ миллӣ ва иқтисоди минтақавии он, алоқаҳои иқтисодиву тиҷоратии беруна ва тамоюли рушди содирот алоқамандӣ дорад.

2.Иншооти калидии нақлиёти ҳавоиро фурудгоҳ ташкил медиҳад, ки он объекти муҳими идоракунии нақлиёти ҳавои маҳсуб мешавад. Тибқи муайянкуниҳои техникӣ зери истилоҳи «фурудгоҳ» комплекси иншооте фаҳмида мешавад, ки аэродром, аэровокзал, биноҳои дигари рӯизаминии барои қабул ва гусели ҳавопаймоҳо, хизматрасонии ҳамлу нақли ҳавоӣ ва таҷҳизоти барои ин мақсадҳо зарур таъиншударо дар бар мегирад. Комплекси хизматрасониҳое, ки фурудгоҳҳо пешниҳод менамоянд, боиси

мавҷуд будани гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагони онҳо мегардад. Барои ҳар як гурӯҳи истеъмолкунандагон – ширкатҳои ҳавопаймоӣ, мусофирон ва операторони фурудгоҳҳо нишондиҳандаҳои гуногуни интихоби фурудгоҳ вуҷуд доранд, ки бояд таҳлил карда шаванд ва дар мавриди қарорҳои идоракунӣ истифода шаванд. Дар заминаи чорабиниҳои дар ин марҳила амалишаванда методҳои маркетингии муайянсозии талабот ва интизориҳои истеъмолкунандагон ва сатҳи қонеъ будани онҳо қарор доранд. Аниқ дарк кардани эҳтиёҷоти ҳар як гурӯҳи мақсаднок имконият медиҳад, ки майдони иқтидори фаъолият оид ба такмили талаботи дар назарбудаи онҳо муайян карда шавад, ки қонеъ намудани онҳо асоси рақобатпазирии фурудгоҳ мебошад.

3. Пайваста бо рушди муносибатҳои бозорӣ тадриҷан нерӯи молиявии ширкатҳои нақлиёти ҳавоии мамлакат афзуда истодааст. Дар маҷмӯаи муносибатҳои бозорӣ институти шартнома (контракт) ва чипта нақши гиреҳи дорад. Зеро, ҳар як сафар аз харидани чипта сар мешавад. Имрӯзҳо харидани чипта вақти зиёдро намегирад. Тавре, ки маълум аст, чиптаи ҳавопаймо ин ҳуҷҷати сафар буда, ба мусофир тибқи класси хизматрасонии дар чипта ишорашуда ва дар муҳлати дар чипта қайдшуда ҳуқуқи парвозро медиҳад. Ҳамзамон чиптаи ҳавопаймо шартномаи байни ширкати авиатсионӣ – интиқолдиҳанда ва мусофир ҳисоб меёбад. Шартҳои шартнома одатан дар яке аз саҳифаҳои аввали чиптаи мусофирии ҳавопаймо баён карда мешаванд. Ин ду институти номбаршуда ба механизми муҳими идоракунии молиявию рақобатпазирии ширкатҳо маҳсуб мешавад. Бо дарназардошти рақобат ҳар як ширкати авиатсионӣ сиёсат ва низоми тарофаҳо ва тахфифҳои махсусро коркард мекунад, ки сафар кардан бо ҳавопаймои онҳо барои мусофирон ҷолиб мебошад. Низоми тарофаҳо ниҳоят гуногунранг буда, онҳо мавзун ва серҳаракат мебошанд ва ба тағйироти бозор зуд мутобиқ мегарданд.

# БОБИ 3.
# САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ИНСТРУМЕНТҲОИ СИСТЕМАИ ИТТИЛООТИВУ ТАҲЛИЛИИ ИДОРАКУНИИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1.Татбиқи инструментҳои муосири таҳлили стратегӣ ва пешгӯии талабот ба ҳамлу нақл дар нақлиёти ҳавоӣ

Бо дарназардошти муҳимияти рушди низоми нақлиёти мамлакат, аз он ҷумла, нақлиёти ҳавоӣ дар партави татбиқи стратегияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон  ба самтҳои инноватсионии рушд, зарураст, ки ба муносибати маҷмӯӣ ба ташаккули системаи стратегии идоракунии нақлиёт диққати махсус дода шавад. Таъмини рушди инноватсионӣ ва гузариш ба идоркунии стратегии ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ коркарди принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои таҳлили стратегиро тақозо менамояд. Барои ташкили идоракунии стратегии нақлиёти ҳавоӣ, пеш аз ҳама зарур аст, ки сатҳҳои онро тасниф намуд. Ба назари мо, дар шароити муосир, чунин сатҳҳои стратегиро ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст:

Якум, идеологияи корпоративӣ, ки маҷмӯи ғояҳо ва назарҳо, манфиатҳо, муносибатҳои тиҷоративу соҳибкорӣ, нисбат ба худи ширкат, ҷомеа ва гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ иборат мебошад. Идеологияи ширкати нақлиёти ҳавоӣ чунин унсурҳоро дар бар мегиранд: мувозинатии манфиатҳои гурӯҳҳои таъсиррасон, миссия, биниш, фалсафа, арзишҳо, принсипҳо, кодекси ахлоқӣ ва стандартҳои корпоративӣ;

Дуюм, стратегияи портфели ба нигоҳдоштани маҷмӯи оқилонаи (оптималии) номгӯи воҳидҳои стратегии хоҷагидорӣ нигаронида шудааст. Ин ҷо ҳадафҳои асосии зеринро ҷудо кардан мумкин аст: тақсимоти оқилонаи  захираҳои маҳдуд; портфели мутавозуни воҳидҳо, сохтори ширкат.

Сеюм, стратегияи рақобатӣ - ин амал, фаъолияти самаранок  барои ноил шудан ва нигоҳ доштани мавқеи судманди воҳидҳо, сохторҳои хоҷагидор дар сохтори муттаҳидшудаи ширкат;

Чорум, стратегияи функсионалӣ ва ё вазифавии фаъолияти сохтор ва ё хадамоти мушаххаси функсионалӣ, ки дар доираи стратегияи умумии ширкат нигаронида шудааст ва ё амалӣ карда мешавад. Ҳар як стратегияи функсионалӣ дорои объекти мушаххасе мебошад, ки ба он равона карда шудааст: маркетинг; инноватсияи молиявӣ ва истеҳсолӣ; дигаргуниҳои ташкилӣ вағайра.

Панҷум, стратегияи амалиётӣ, ки ба ташаббусҳо ва равишҳои мушаххаси стратегӣ дар роҳнамоии воҳидҳои асосии амалиётӣ дар ҳалли вазифаҳои ҳаррӯза дахл дорад. Онҳо харитаи умумии стратегии ширкатро пурра мекунанд.

Чи тавре, ки дар параграфи қаблӣ қайд намуда будем, дар шароити бозорӣ нақши рақобатии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва доираи васеи маҳсулоти сохторҳои муттаҳидшудаи нақлиёт дар сатҳи дуюм ва сеюми стратегияи ширкат, яъне портфел ва стратегияи рақобатӣ аҳамияти хоса доранд.

Дар мавриди таҳияи стратегияи рақобатӣ чунин матритсаҳоро метавон истифода бурд:

A) Матритсаи Boston (Consulting Group (BCG - мавқегирии бозории як намуди муайяни тиҷорат дар фазои стратегӣ мебошад, ки бо ду меҳвари координатӣ муайян карда мешавад: яке барои чен кардани суръати афзоиши бозори маҳсулоти (хизматрасонии) мувофиқ ва дигаре,чен кардани хиссаи нисбии маҳсулоти ширкат дар бозори маҳсулоти (хизматрасониҳои) мавриди назар;

B) Матритсаи "General Electric" (McKinsey). Баръакси ин матритса ҳаряк меҳвари координатҳо ҳамчун меҳвари андозагирии бисёр соҳавӣ ва бисёрченака баррасӣ мешавад. Матритса ба он асосёфтааст, ки даромаднокии дарозмуддати як самти стратегӣ аз нерӯи рақобатпазирии он ва қобилияти мустаҳкам кардани мавқеи худ дар бозор вобаста аст;

В) Матритсаи MACS (стратегияи корпоративии дар бозор фаъолшуда). Мисли матритсаи BCG, MACS, имкон медиҳад, ки арзиши

нисбии воҳиди тиҷоратӣ дар дохили холдинг муайян шавад, аммо андозаи нав илова мекунад ва ченки нави имконпазирии фурӯшро муайян менамояд.

Ҳангоми таҳияи стратегияи рақобатӣ барои ҳар як воҳиди тиҷоратӣ дар портфели сохтори ҳамгирошудаи нақлиёти ҳавоӣ метавон аз инструментҳои зеринистифодабурд:

Модели М.Портер стратегияҳои асосии рақобатӣ, вариантҳои зеринро дар бар мегирад: роҳбарии хароҷот; роҳбарии хароҷоти мутамарказ; фарқият; тафовути мутамарказ;

Модели «Соати стратегии»-и К.Боумен, ки хашт намуди стратегияи стандартиро фарк мекунад: «бе шубҳа»; нархи паст; гибридӣ; тафрика; тафрики фокусӣ; баланд бардоштани нарх бо арзиши стандартӣ; нархи баланд бо арзиши паст; арзиши паст бо нархи стандартӣ.

Таҳлили макро - муҳит (PEST-таҳлил): инструменте, ки барои муайян кардани ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ муҳити беруна, ки ба фаъолияти ширкат таъсир мерасонад, истифода мешавад.

Натиҷаҳои таҳлил дар шакли матритса тартиб дода мешаванд, ки дар он омилҳои муҳити макро, қувваи таъсири онҳо буда, бо холҳо ва дигар воҳидҳои ченак муайян карда мешавад. Модели «5 қувва»-и М.Портер: омилҳои асосии рақобати муосирро, ки ба фаъолияти ширкат таъсир мерасонанд, нишон медиҳад: таҳдидҳои рақибони эҳтимолӣ ва дигар рақибон; фишори таъминкунандагони захираҳо; фишори истеъмол кунандагон; рақобат дар дохили соҳа;

- Таҳлили SWOT: аз тақсим кардани омилҳо ва падидаҳо ба чаҳор категория иборат аст: "трафҳои қавӣ", “тарафҳои заиф” "имкониятҳо" ва "таҳдидҳо".

Дар маҷмӯъ, инструментҳои номбаршуда имконмедиҳанд, ки методологияи маҷмӯии қабули қарорҳо дар соҳаи идоракунии стратегӣ дар ширкати нақлиёти ҳавоӣ эҷод карда шаванд.

Яке аз вазифаҳои асосии стратегии идоракунии истеҳсолоти нақлиёти авиатсионӣ ҷалби мизоҷон ва эҳтимол, пурра қонеъ гардонидани талаботи он ҳамзамон бо самараи иқтисодӣ барои худи интиқолдиҳандаи авиатсионӣ мебошад. Талабот ба ҳамлу нақли авиатсионӣ дар вобастагии зич аз шумора ва серҳаракатии аҳолӣ, даромади солона ба ҳар як сари аҳолӣ, сохтори иҷтимоӣ, хусусиятҳо ва анъанаҳои миллӣ ва маишӣ, сиёсати давлат дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ ва намудҳои дигари нақлиёт, ҳолати ҷуғрофӣ ва шароити иқлимии минтақаи хизматрасонии хатти ҳавоии додашуда, шароити рақобатнокии ширкатҳои авиатсионӣ ва намудҳои нақлиёти рӯизаминӣ, суръат ва роҳатнокии ҳавопаймоҳо, сатҳи хизматрасонӣ ба мусофирон дар аэровокзалҳо ва ғайраҳо қарор дорад.

Ҳамон тавр, ки дар боло қайд намудем талабот ба ҳамлу нақли ҳавоӣ дар вобастагии зич аз шумора ва серҳаракатии аҳолӣ, яъне аз муҳоҷирати қувваи корӣ қарор дорад. Маводи таҳқиқоте, ки (ҷадвали 3.1.) бо иштироки муаллиф гузаронида буд, нишон медиҳад, ки сабаби асосии барои ба даст овардани даромади калон рафтани одамон ба муҳоҷирати меҳнатӣ буда, он беш аз 80%-ро ташкил медиҳанд ҳамагӣ тақрибан 10% барои таҳсил ба донишгоҳҳои Душанбе ва дигар мамлакатҳои дигар барои гирифтани таҳсилоти нисбатан босифат мераванд. Беш аз 17% –и ҳаракати одамон бо сабабҳои дигар сурат гирифтааст, ки дар он сафари хизматӣ, сайру гашт, иштирок дар тӯи хешовандон ва ғайраро ташкил медиҳад. Пурсиш дар фурудгоҳи Душанбе баргузор гардид, ки дар он 500 нафар мусофирон иштирок намуданд .

**Ҷадвали 3.1. - Тақсимоти муҳоҷирон аз рӯи сабаби ҳиҷрат, %**

| **Сабаби муҳоҷират** | **Берунӣ** | **Дохилӣ** |
|---|---|---|
| Даромади баланд ба даст овардан | 88,33 | 69,8 |
| Ихтисоси худро беҳтар истифода намудан | 2,3 | 2,8 |
| Таҳсил | 3,2 | 9,6 |
| Сабабҳои дигар | 5,7 | 17,6 |
| Ҳамагӣ | 100,0 | 100,0 |

**Сарчашма:** Таҳияи муалиф дар асоси таҳқиқотҳо

Дар шароити барзиёдии қувваи кории Ҷумҳурии Тоҷикистон берун рафтани қувваи корӣ барои коҳиш додани бекорӣ ёрӣ расонида, воридшавии воситаҳои пулиро аз хориҷи кишвар таъмин мекунад, яъне «самараи муҳоҷират» пайдо мегардад, ки сабаби ба Россия рафтани аҳолӣ мебошад. Ҳамин самара боиси ҳамлу накл гардида, бо ин роҳ нақш ва аҳамияти макроиқтисодии нақлиётро дар иқтисодиёти минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир медиҳад (ин шароит барои таҳияи боби сеюми диссертатсия асос гардид вамо онро муфассал мавриди таҳқиқ қарор додем).

Таҳқиқоти мо нишон доданд, ки авиатсияи гражданӣ дар бозори дохилии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ ва дар бозори байналмилалӣ бо нақлиёти роҳи оҳан рақобат мекунад. Якчанд намудҳои модели назарияи бозӣ вуҷуд дорад, яъне яке аз онҳо кооперативӣ (дар асоси муносибатҳои шарикии иштирокчиёни бозӣ) ва дигари зиддияти оштинопазир мебошад, ки иштирокчиёни бозӣ байни худ рақобат мекунанд. Барои тафсири равандҳои дар низоми ҳамлу нақли дур ба амалоянда истифодаи назарияи бозии навъи дуюм зарур мебошад, чунки ҳар як намуди нақлиёт бо роҳи ҷалби мусофирони имконпазири намудҳои дигари нақлиёт барои зиёд намудани маҷмӯи мусофирон кӯшиш менамояд.

Ҳангоми дар доираи назарияи бозиҳо ҳаллу фасл намудани вазифаҳо истифодаи алгоритмҳои ба методи банақшагирии ғайрихаттӣ асосёфта, ки дар вазъияти ихтилофноки раванди мубориэаи рақобатии байни иштирокчиёни он ба вуҷудоянда ба хубӣ «номи худро аз рӯйхат мебарорад» зарур аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки унсури асосии низоми комплексии моделҳо модели пешакӣ, марказӣ ва хотимавӣ мебошанд.

Нишондиҳандаҳои асосии модели марказӣ (нишондиҳандаҳои аъзоёни маълум ва озод) бо ёрии моделҳои пешакӣ муайян карда мешаванд. Бо назардошти мавҷуд будани муҳити рақобатӣ дар бозори хизматрасониҳои авиатсионӣ онҳо хосияти тақлидиро доранд.

Модели хотимавӣ натиҷаҳои ҳисобкуниҳои вазифаҳои марказии муносибгардонидашударо ба ҳайси иттилооти аввалия истифода мекунад. Онҳо барои муайян кардани мақсадҳои маҳдуди ҳам тамоми низоми авиатсияи гражданӣ ва ҳам вазифаҳои мақсадноки ҳалқаҳои алоҳидаи он, ки метавон танҳо дар асоси ҳисобкуниҳои қаблӣ ҳал кард, хизмат мекунанд.

Барои ташаккули низоми комплексии моделҳои банақшагирии стратегии фаъолияти авиатсияи гражданӣ муайян сохтани мақсади асосии фаъолияти авиатсияи гражданӣ муҳим мебошад.

Ҳамон тавр, ки аз сиёсати бахш бармеояд, вазифаи асосии банақшагирии стратегии амалкарди авиатсияи гражданӣ пешгӯӣ ва ташаккули сатҳи дахлдори сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ бо хароҷоти ҳадди ақали иҷрои онҳо мебошад. Ин имконият медиҳад, ки ҳангоми тарофаҳои иқтисодии асоснокшуда аз кори нақлиёт фоидаи ҳадди аксар ба даст оварда шавад.

Барои сохтани модели интихоби стратегияи дарёфти сатҳи оқилонаи сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ шароити расмишудаи амалкарди хуби низоми авиатсияи граждаииро аз нуқтаи назари сифати хизматрасониҳои он истифода менамоем.

Сатҳи сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ маълум аст.

$$S = \prod_{g=1}^{p} S_g^{\tau g}, \text{ P= 6} \quad (3)$$

ки дар ин ҷо $S_g$ - $g$ - нишондиҳандаи сатҳи сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ мебошад.

Вобастагии хароҷоти $C_g$ аз ҳар як нишондиҳандаи $S_g$маълум ва муайян карда шудааст.

$$C_g = C_{(g)} + \frac{C_1(g)}{1 - S_g}, \qquad g = \overline{1, p} \qquad (4)$$

дар ин ҷо $C_{(g)}$- хароҷоти шартан-доимии таркибёбандаи аз нишондиҳандаи $S_g$ вобастанабуда ва $C_{1(g)}$- хароҷоти шартан-тағйирёбандаи таркибёбандаи аз нишондиҳандаи $S_g$ вобастанабуда мебошад.

Бешубҳа, хароҷоти умумӣ оид ба таъмини сатҳи додашудаи сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ ба

$C = \sum_{g=1}^{P} C_g$ баробар хоҳад шуд.

Азбаски $S_{cp}$, бузургии нишондиҳандаи комплексии сатҳи сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ маълум мебошад, он гоҳ барои лаҳзаи додашуда нишондиҳандаи $S_{гф}^{кg}$ низ маълум аст.

Муайян кардани стратегияи амалкарди авиатсияи граждании таъминкунандаи дарёфти бузургии оқилонаи сатҳи сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ тақозо карда мешавад, бинобар ин, бузургии ҳадди аксари фоида ҳангоми ҳисобкуниҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокшудаи тарофаҳо ё бузургии ҳаддӣ ақали зарар ҳангоми бузургии тарофаҳои амалӣ

$$S_{опт} \rightarrow \begin{Bmatrix} П(S) = P_p - C_м \rightarrow \max \\ Y(S) = P_ф - C_м \rightarrow \min \end{Bmatrix} \ (5).$$

мебошад, ки дар ин ҷо $П(S)$, $Y(S)$- мутаносибан фоида ё зарар ҳангоми сатҳи додашудаи сервис аст;

$P_p, P_ф$- даромади авиатсияи гражданӣ аз фурӯши (пешниҳоди) хизматрасониҳои мусофирӣ ҳангоми тарофаҳои ҳисобкунӣ ва амалӣ (камкардашуда) мебошанд;

$C_м$- хароҷоти иҷозатдодашудаи (ҳадди ақали) зарурӣ барои таъмини сатҳи додашудаи сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ мебошад. Таҳлили вобастагии $П(S)$ имкон медиҳад, хулоса кард, ки метавонад аз $S_{ОПТ}$ ҳам кам ва ҳам зиёд бошад.

$$S_ф < S_{ОПТ}\,;\ S_ф > S_{ОПТ}\,.$$

Дар ҳолати якум ва ҳам дуюм низоми ҳамлу нақли ҳавоӣ талафоти фоида дорад, бинобар ин, баррасии бузургии мутлақи майлкунии S-ро баррасӣ намудан зарур аст:

$$|\Delta S| = S_{ОПТ} - S_ф\,.$$

Ба ҳайси бузургии муносиби заминавӣ барои нишондиҳандаҳои $g$ -и сатҳи сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ қабул менамоем.

Дар шароити воқеии амалкарди низоми ҳамлу нақли ҳавоӣ таносуби зерини хароҷот ва воситаҳои молиявии камидошта метавонанд ҷой дошта бошанд:

1) аз рӯи нишондиҳандаи P1, ки зиёдии хароҷоти воситаҳои молиявиро ҷиҳати эҳтиёҷоти воситаҳои иловагӣ тавсиф мекунад:

$$C_{g_{изд}} > C_{g_{goo}};$$

2) аз рӯи нишондиҳандаи P2, ки бузургии ками хароҷоти воситаҳои молиявиро дар муқоиса бо эҳтиёҷот ба воситаҳои иловагӣ тавсиф мекунад:

$$C_{g_{изд}} < C_{g_{goo}}$$

3) аз рӯи нишондиҳандаи P3, ки баробарии хароҷоти воситаҳои молиявӣ ва эҳтиёҷот ба воситаҳои иловагиро тавсиф мекунад:

$$C_{g_{изд}} = C_{g_{goo}}$$

Миқдори умумии нишондиҳандаҳои сатҳи сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ чунин хоҳад буд:

$$P = P_1 + P_2 + P_3 .$$

Бо назардошти вобастагиҳои мазкур метавон чунин муайян кард:

- ҳаҷми умумии воситаҳои молиявии камикунанда

$$C_{goo} = \sum_{g=1}^{P_1^1} Cg_{goo} = \sum_{g=1}^{P_1^1} \frac{C_{1(g)}(S_{g_{ОПТ}} - S_{gф}^{kg})}{(1 - S_{g_{ОПТ}})(1 - S_{gф}^{kg})}, (7)$$

- ҳаҷми умумии хароҷоти молиявӣ

$$C_{изд} = \sum_{g=1}^{P_2^1} Cg_{изд} = \sum_{g=1}^{P_2^1} \frac{C_{1(g)}(S_{g_{ОПТ}} - S_{gф}^{kg})}{(1 - S_{g_{ОПТ}})(1 - S_{gф}^{kg})}, (8)$$

ки дар ин ҷо, $P_1^1$, $P_2$- миқдори нишондиҳандаҳои $S_g$ буда, тибқи онҳо мутаносибан камбуди воситаҳои молиявӣ ва хароҷот вуҷуд доранд.

Агар $C_{изд} = C_{gon}$ бошад, он гоҳ мувофиқгардонии миқдори ҷамъи нақлиёти роҳи ҳавоиро тибқи маҷмӯи мусофирон мегузаронанд.

Агар $C_{изд} > C_{доп}$ бошад, он гоҳ бояд миқдори ҷамъи нақлиёти ҳавоиро кам кард, то ки он коҳиш ёфтани хароҷотро таъмин намояд.

Агар $C_{изд} < C_{доп}$ бошад низом бояд маблағгузории иловагии намудҳои нақлиётро тибқи маҷмӯи мусофирони ташаккулёбанда гузаронад.

Таҳлили сохтори бозори ҳамлу нақли авиатсионии мусофирон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар бозори дохилии нақлиёти ҳавоӣ ва автомобилӣ ва дар бозори байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан рақобат мекунанд.

Ҳамин тавр, ҳангоми вогузор намудан ва ҳаллу фасл кардани вазифаи ба истилоҳ назарияи бозӣ ба истифодаи бозии беохири бесозиш бо ду иштирокчии (намуди нақлиёт) дар бозори ҳамлу нақли мусофирӣ амалкунанда дар хизматрасонии мусофирии ҳудуди дахлдор такя хоҳем кард. Бартариҳое, ки ба ин намуди бозӣ медиҳанд бо он фаҳмонида мешавад, ки дар ҳолатҳои баррасишаванда сохтани функсияи одии бурд имконпазир мебошад. Он вақт бузургии муносиби нархи бозӣ бо ҷустуҷӯи экстремуми ин функсия муайян карда мешавад.

Ба сохтани модел мегузарем. Масалан, дар бозори маҳаллии хизматрасониҳои мусофирӣ нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ барои ҷалби мусофирони имконпазир рақобат мекунанд. Бозори маҳаллӣ тибқи ивазшавии ҳудудӣ маҷмӯи мусофирии $Q$ -ро тахмин мекунад. Барои зиёд намудани маҷмӯи мусофирон оид ба беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои мусофирӣ чорабиниҳо амалӣ карда мешаванд. Хароҷоти нақлиёти автомобилӣ $C_1$, ҳавоӣ $C_2$ воҳиди пулиро ташкил медиҳанд. Хароҷоти $C_1$ ва $C_2$ ба баъзе нишондиҳандаҳои комплексии сатҳи сервиси хизматрасониҳои мусофирӣ дар ин намуди нақлиёти мусофирӣ $S_1$ ва $S_2$ мутобиқат мекунанд. Он гоҳ хароҷоти ҷамъулҷамъи самараноки ҳар ду намуди нақлиёти мусофирӣ чунин мешавад:

$$C_{общ}^{Эф} = C_1 \bullet S_1 + C_2 \bullet S_2$$

Маълум аст, ки ҳаҷми ҳамлу нақл барои ҳар як субъекти бозорро метавон дар таносуби хароҷоти онҳо ба сервис муайян кард. Иҷозат дода

мешавад, ки $S_1$ ва $S_2$- бузургии доимӣ ва бинобар ин ҳаҷми ҳамлу нақл барои ҳолати беҳаракатии низом муқаррар карда мешавад.

Барои сохтани модели муҳити рақобатии бозори баррасишаванда методикаи машҳурро истифода менамоем. Тибқи фарзияи қабулшуда маҷмӯи мусофирон, ки барои он намудҳои нақлиёти рақобаткунанда даъво мекунанд чунин хоҳад буд:

- дар нақлиёти автомобилӣ:

$$Q_{авт} = \frac{QS_1C_1}{S_1C_1 + S_2C_2} \quad (9)$$

- дар нақлиёти ҳавоӣ:

$$Q_{воз} = \frac{QS_2C_2}{S_1C_1 + S_2C_2} \quad (10)$$

Ҳангоми тарофаҳои ҳисобкардашудаи аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок миқдори фоида чунин мешавад:

- дар нақлиёти автомобилӣ:

$$П_{авт} = \frac{QS_1C_1\beta_1}{S_1C_1 + S_2C_2} - C_1 \quad (11)$$

- дар нақлиёти ҳавоӣ:

$$П_{воз} = \frac{QS_2C_2\beta_2}{S_1C_1 + S_2C_2} - C_2 \quad (12)$$

дар ин ҷо: $\beta_1$ ва $\beta_2$- бузургии нисбии даромадҳое мебошанд, ки ҳамлу нақли як мусофир мутаносибан дар нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ меорад.

Дар натиҷаи омӯзиши амали рақиби худ ба мутахассисони маркетинги ҳамлу нақли ҳавоӣ, ки дар муборизаи рақобатии ду субъект иштирок мекунанд, муяссар гардид, муқаррар намоянд, ки хароҷоти рақибони онҳо – нақлиёти автомобилӣ барои таъмини ҳамлу нақли мусофирон $C_2$ сомониро ташкил дод. Он гоҳ ба мутахассисони нақлиёти автомобилӣ имконияти мусоид фароҳам меояд, ки ба рақибони худ бо ҳадди аксари функсияи бурд (6) ҳангоми бузургии маълуми $C_1$ «ҷавоб гӯянд». Барои ҷустуҷӯи маҷмӯи нисбатан беҳтари ин функсия иштирокчии якуми бозӣ амалиёти классикии тафриқабандии функсияро тибқи $C_1$

истифода мекунад. Ин функсия билфосила буда, аз рӯи $C_1$ ҳосилшуда ва ҳалли баробарии дарёфтшударо дорад.

$$\frac{d\Pi_{авто}}{dC_1} = 0$$

$$(S_1C_1 + S_2C_2)^2 = \beta_1 QS_1S_2C_1 \quad (13)$$

Интирокчии дуюми бозӣ (нақлиёти ҳавоӣ) оид ба стратегияи иштирокчии якум, яъне миқдори хароҷоти он $C_1$ иттилооти эътимоднок ба даст оварда, амалиёти монанди тафриқаандозии $\frac{d\Pi_{воз}}{dC_2} = 0$ -ро иҷро карда, пас аз дигаргунӣ инро дарёфт намуд.

$$(S_1 + C_1 + S_2C_2)^2 = \beta_2 QS_1S_2C_2 \quad (14)$$

Аз баробарии (10) ва (11) бевосита чунин бармеояд:

$$\beta_1 \bullet C_2 = \beta_2 C_1 \quad (15)$$

Ифодаи (11) ва (12)-ро истифода намуда, метавон хароҷоти мувофикро барои намудҳои нақлиёти рақобаткунанда муайян кард.

$$C_1^{Opt} = \frac{QS_1S_2\beta_1^2\beta_2}{(S_1\beta_1 + S_2\beta_2)^2} \quad (16)$$

$$C_2^{Opt} = \frac{QS_1S_2\beta_2^2\beta_1}{(S_1\beta_1 + S_2\beta_2)^2} \quad (17)$$

Фоидаи нақлиёти мусофирбарии автомобилӣ ва ҳавоӣ дар ҷамъбасти натиҷаҳои бозии додашуда бо дарназардошти ифодаҳои (11) ва (12) шакли зеринро ташкил дод:

$$\Pi_{авто} = \frac{QS_1^2\beta_1^3}{(S_1\beta_1 + S_2\beta_2)^2} \quad (18)$$

$$\Pi_{воз} = \frac{QS_2^2\beta_2^3}{(S_1\beta_1 + S_2\beta_2)^2} \quad (19)$$

Формулаҳои (16) ва (17) мутаносибан дар ифодаҳои (9) ва (10) имконият фароҳам месозанд, ки барои ҳар як намуди нақлиёт маҷмӯи мусофирони муносиб ҳисоб карда шаванд:

$$Q_{авто}^{Opt} = \frac{Q\beta_1 S_1}{S_1\beta_1 + S_2\beta_2} \quad (20)$$

$$Q_{воз}^{Opt} = \frac{Q\beta_2 S_2}{S_1\beta_1 + S_2\beta_2} \quad (21)$$

**Ҷадвали 3.2. - Муайян кардани параметрҳои бозори байналмилалии ҳамлу нақли мусофирони Ҷумҳурии Тоҷикистон (тибқи маълумоти соли 2021) дар масири Душанбе-Москва**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Ҳамлу нақли ҳавоӣ** | **Ҳамлу нақли роҳи оҳан** |
|---|---|---|
| Маҷмӯи мусофирон (рафтуомад), (Q) | 142606,0 | 178003,0 |
| Хароҷоти ҳамлу нақли мусофирон, сомонӣ ($C_1$ ва $C_2$) | 858480120 | 445285321 |
| Тарофаи ҳамлу нақли як мусофир ($\beta_1$; $\beta_2$), сомонӣ | 8600,0 | 3574 |
| Пуршавӣ ба ҳисоби миёна, % | 75 | 78 |

**Сарчашма:** Таҳияи муалиф дар асоси таҳқиқот

Таҳлили ифодаҳои (20) ва (21) нишон медиҳад, ки барои аниқии бузургиҳои муайянкунанда пешгӯйӣ карда тавонистани маҷмӯи умумии мусофирон дар бозори маҳаллии хизматрасониҳои мусофирӣ ва дараҷаи баланди эҳтимолият таъсири калон хоҳан расонд.

Ба ҳамин монанд нишондиҳандаҳои маҷмӯи мусофирон оид ба ҳамлу нақли байналмилалии мусофирон дар байни ду намуди нақлиёт (роҳи оҳан ва ҳавоӣ) муайян карда мешавад (ҷадвали 3.2.).

$$C_{общ}^{эср} = 858480120 \bullet 0{,}75 + 445285321 \bullet 0{,}78 = 643860090 + 347322550 = 991{,}2 \textit{млн.сом.}$$

$$Q_{воз}^{отп} = \frac{320609 \bullet 0{,}75 \bullet 858480120}{991{,}2 \textit{млн.}} = 208260 \textit{пасс.}$$

$$Q_{ж/д}^{опт} = \frac{320609 \bullet 0{,}78 \bullet 445285321}{991{,}2} = 112343 \textit{пасс.}$$

Натиҷаҳои ҳисобкуниҳо имконият медиҳанд, ки ҳаҷми бозор оид ба масири мушаххаси ҳамлу нақл муайян карда шуда, ҳадди истифодаи оқилонаи киштиҳои ҳавоӣ дар масирҳои авиатсионии байналмилалӣ

муқаррар карда шаванд. Натиҷаҳои таҳлили муқоисавии ҳамлу нақл дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки дар самти Душанбе-Хуҷанд ба ҳиссаи нақлиёти ҳавоӣ қариб 15% ва дар самти Душанбе-Хоруғ қариб 4%-и кашонидани мусофирон рост меояд. Боқимонда ба ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ дохил мешавад.

Бояд қайд кард, ки истифодаи самараноки киштиҳои ҳавоиро метавон танҳо ҳангоми дар сатҳи ширкатҳои ғарбӣ шиддатнок ба кор бурдани онҳо ва дар як шабонарӯз амалан якчанд парвозро анҷом додан таъмин кардан мумкин аст. Таъмини чунин серҳаракатии истифода боиси пайдо шудани як қатор масъалаҳо, яъне аз ташкили инфрасохтори мувофиқи истифода (фурудгоҳҳо ва таҷҳизонидани техникии онҳо, хадамоти таъмир ва сервис, таъмини қисмҳои эҳтиётӣ, нақлиёти ҳамҷавор, низоми фурӯш ва иттилот, сертификаткунонӣ, низоми бехатарӣ ва ғайраҳо) то мувофиқсозии заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои эҳтиёҷоти рушди соҳа мегардад, ки онҳо ҳаллу фаслро тақозо мекунанд.

Шартҳои таъмини рақобатпазирии техникаи авиатсияи гражданиро таҳлил намуда, метавон чаҳор гурӯҳи омилҳои муайянкунандаи онҳоро ҷамъбаст кард:

**1.** истифодаи самараноки иқтисодии киштии ҳавоӣ дар интиқолдиҳандагони авиатсионӣ;

**2.** мутобиқат бо талаботи иҷтимоӣ ва ҷаззобият барои истеъмолкунандагон (мутобиқати техникаи авиатсионӣ ба характеристикаи бехатарӣ, роҳатнокӣ, овоз надоштан, нишондиҳандаҳои экологӣ ва талаботи дигари таъминкунандаи имконияти истифодабарии киштиҳои ҳавоӣ);

**3.** мавҷуд будани инфрасохтори таъминкунандаи фурӯши (лизинг, қарз, суғуртаи) киштиҳои ҳавоӣ ба интиқолдиҳандаи авиатсионӣ;

**4.** мавҷуд будани инфрасохтори таъминкунандаи хизматрасонии баъдифурӯши (таъмир, таъмини қисмҳои эҳтиётӣ, хизматрасонии техникӣ ва ғайраҳо) киштиҳои ҳавоӣ ба интиқолдиҳандаи авиатсионӣ.

Ба ҳайси яке аз нишондиҳандаҳои комплексии нисбатан муҳими тавсифкунандаи сатҳи истифодаи аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок метавон нархи нисбиро дар як мусофир/ҷой ва аз лиҳози сӯзишворӣ каммасраф будани киштии ҳавоиро ҳисоб кард. Дар маҷмӯъ ҳамаи ин нишондиҳандаҳо хароҷоти мустақими истифодабариро муайян мекунанд ва сатҳи онҳо имконият медиҳанд, ки оид ба рақобатпазирии киштии ҳавоии класси додашуда ҳангоми сатҳи баробари қобили қабул ва расонидани захираи технологӣ, тавсифоти эътимоднокӣ ва коршоямии он барои таъмир мулоҳизаронӣ кард. Хароҷоти мусофиркашониву боркашонии ширкатҳои ҳавоии мамлакат нисбат ба ширкатҳои ҳамин соҳа баланд мебошад. Бинобар он, ҳиссаи кашонидани мусофирон дар бозори дохилии ҳамлу нақли авиатсионӣ ба ҳисоби миёна 22% дар сол ва дар ширкатҳои байналмилалӣ 78%-ро ташкил мекунад ва ҳиссаи ҳамлу нақли байналмилалӣ тамоюли афзоишро дорад.

Ҳиссаи ширкатҳои авиатсионии маҳаллӣ дар ҳаҷми умумии ҳамлу нақл 20,9%-ро (соли 2020) ташкил дода, аз ҳисоби зиёд шудани миқдори ширкатҳои хориҷии дар бозори ҳамлу нақли ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркунанда он рӯ ба коҳиш ёфтан ниҳодааст.

Бояд қайд кард, ки эҳтиёҷоти нисбатан калон дар ҳамлу нақли байналмилалӣ асосан ба моҳҳои март, апрел ва май рост меояд, ки дар ин давра аҳолӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ меравад ва ҳаҷми начандон калон моҳҳои октябр, ноябр ва декабр мебошад, ки он бо баргаштани муҳоҷирони меҳнатӣ алоқаманд аст.

Умуман хосияти мавсимӣ будани майлкунии маҷмӯи мусофирон дар бозори кашонидани мусофирон аз рӯи ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани аҳолӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баргаштани онҳо ба ватан муайян карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 ширкати хориҷӣ ҳуқуқ доранд, ки аз рӯи 37 масир, дар як ҳафта то 77 парвозро анҷом диҳанд. Дар бозори ҳамлу нақли ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 ширкат аз Федератсияи Россия, 1

ширкати из Ҷумҳурии Қазоқистон, Туркия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Афғонистон ва Эрон фаъолият мекунанд.

Умуман дар бозори ҳамлу нақли ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як ҳафта 168 парвоз иҷро карда мешуд, ки 26%-и онҳо ба ширкатҳои авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 74% ширкатҳои авиатсионии давлатҳои хориҷӣ рост меомад.

Хосияти рушди бозори ҷаҳонии ҳамлу нақли авиатсионӣ, умуман бо устувории қифояткунанда бо сатҳи рушди иқтисодӣ таносубдор шуда, дар ҳолати умумӣ тибқи модели машҳури зерини ICAO шарҳ дода мешавад:

$$Y = aX_1^{в} X_2^{C} \qquad (23)$$

дар ин ҷо;

Y – мусофир/километрҳои иҷрошуда;

$X_1$ – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД);

$X_2$ – даромад аз кашонидани мусофирон ба як мусофир/километр мебошанд.

а,в,с – коэффисиентҳои беҳаракат; в ва с чандирияти талаботро инъикос мекунанд.

Метавон қайд кард, ки сенарияи рушди бозор дар муносибат бо зиёд намудани ҳаҷми ҳамлу нақли авиатсионӣ ва тағйирёбии сохтори онҳо аслан ба қонуниятҳои ин равандҳо, ки дар тамоми ҷаҳон мушоҳида мешаванд, мухолифат намекунанд, ба шарте, ки агар баҳогузории ММД аз рӯи баробарии қобилияти харидорӣ қабул гардад.

Метавон тасдиқ кард, ки устуворгардии минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон боиси рушди монанд бо тамоюлоти ҷаҳонӣ дар бозори ҳамлу нақли авиатсионӣ ва зимнан, имконияти истифодаи муносибати классикӣ нисбат ба пешгӯии онҳо мегардад.

Аммо, дар айни замон бинобар номуайянии мавҷуда дар баҳогузории як қатор ҷанбаҳои рушди соҳаи нақлиёти ҳавоӣ барои таҳқиқи бозори миллӣ истифодаи модели бисёромилдори нишондодашуда мушкил аст. Ба назар гирифтан зарур аст, ки нақлиёти ҳавоии миллӣ акнун барои баромадан аз буҳрони тӯлонӣ оғоз карда, дар соҳа равандҳои

фаъоли азнавсохторсозӣ ва мутобиқшавӣ ба воқеияти нави иқтисодӣ амалӣ гашта истодаанд. Дар ин маврид, асоснокии онро эътироф кард, ки ба ҳайси асоси таҳқиқот мо модели соддакардашудаи якомиларо мавриди истифода қарор додем, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ қобили қабул мебошад.

Ин модел танҳо вобастагии ҳамлу нақли ҳавоиро дар мамлакат аз бузургии ММД ба ҳисоб мегирад. Вале, бинобар соддакардашуда будани модел якбора нақши баҳогузории коршиносӣ ва пешгӯии субъектнокӣ баланд мегарданд. Муносибати бисёромилдори нисбат ба пешгӯии рушди бозори ҳамлу нақли ҳавоӣ амалинамудаи мо яққатор марҳилаҳои асосиро дар бар мегирад.

**1. Ба қисмҳо ҷудокунии (сегментатсияи) бозор.** Бозори мусофиркашонӣ ба қисмҳои (сегментҳои) ҳамлу нақли дохилӣ, ҳамлу нақли байналмилалӣ дар дохили кишварҳои ИДМ ва ҳамлу нақли байналмилалӣ ба мамлакатҳои хориҷаи дур тақсим мешавад. Дар бозори кашонидани борҳо иловатан кашонидани борҳо ба манфиати мамлакати сеюм мавриди баррасӣ қарор мегирад. Зарурати муносибати сегменткунонӣ нисбат ба пешгӯии рушди бозор бо он вобаста аст, ки дар давраи гузариш на танҳо таъсири омилҳои алоҳида дар замон тағйир ёфт, балки дар ҳар як қисми (сегменти) бозор гуногун буд.

**2. Пешгӯии сегментарӣ дар макросатҳ.** Пешгӯии ҳамлу нақл умуман дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таносуби интизории суръати афзоиши ММД ва ҳаҷми ҳамлу нақл тибқи варианти якомилаи модели эконометрӣ (22) амалӣ карда мешавад. Дар давраи гузариш набудани тамоюлоти устувор ва таҷрибаи мусбати нокифояи рушди нақлиёти ҳавоӣ дар шароити нав ба таври расмӣ сохтани чунин моделро мушкил мегардонад. Ин зарурати гузаронидани моделсозии вазъиятиро дар асоси баҳогузории коршиносӣ ва қонуниятҳои ҷаҳонӣ бо дарназардошти хусусиятҳо ва иқтидори нақлиёти ҳавоии миллӣ муайян мекунад.

Тасаввур карда мешавад, ки дар ин сатҳ мувофиқ кардани моделсозии эконометрӣ ва ваъиятӣ имконият медиҳад, ки дар радифи динамикаи ММД, инчунин таъсири тахминшавандаи як қатор омилҳои

ғайрисистемавӣ ба тағйирёбии ҳаҷми ҳамлу нақл ба назар гирифта шаванд. Масалан, барои кашонидани борҳо ин зиёдгардии интизории ҳиссаи ҳамлу нақл тавассути ширкатҳои авиатсионии хориҷӣ дар натиҷаи рушди роҳҳои ҳавоии мунтазам, коҳиш додани воридоти аз ҳад зиёди молҳои истеъмолоти мардум, васеъ кардани истифодаи пуркунии ҳавопаймоҳои мусофирбар ва ғайраҳо мебошад. Баҳисобгирии таъсири омилҳои нишондодашударо метавон тавассути ҷорӣ намудани коэффисиентҳои дахлдори ислоҳкунанда нисбат ба таносубҳои дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ қабулгардида, аз ҷумла тафриқа барои давраҳои замонии гуногун ва гурӯҳи киштиҳои ҳавоӣ амалӣ сохт.

3. **Сохторсозии пешгӯиҳои сегментарӣ** тибқи дурии минтақаҳои ҳамлу нақл ва серҳаракатии маҷмӯи мусофирон дар асоси пешгӯӣ дар «микросатҳ». Ин марҳила пешгӯии ҳаҷми ҳамлу нақлро дар байни шаҳрҳои ҷуфт пешбинӣ мекунад, ки имрӯзҳо дар асоси модели аз ҷиҳати методӣ монанд бо тавсияҳои ИКАО барои пешгӯии ҳамлу нақли байниминтақавӣ хатҳои ҳавоӣ доранд:

$$Y = aX_1^{в} X_2^{C} X_3^{d} \qquad (24)$$

ки дар ин ҷо,

Y – мусофир/километри иҷрошуда;

$X_1$,$X_2$ – маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ «минтақаи 1» ва «минтақаи 2»;

$X_3$ – тарофаи мусофирӣ;

a,в,c,d – коэффисиентҳои доимии регрессия ҳангоми омилҳо мебошанд.

Фарқияти модели дар сатҳ истифоданамудаи мо аз модели тавсияшавандаи ИКАО дар он ифода меёбад, ки ба ҳайси омили асосӣ динамикаи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар сари аҳолӣ баррасӣ карда мешавад, нақши омили «тарофавӣ» баҳогузории эмпирикии дараҷаи рақобатпазирии роҳҳои ҳавоиро дар муқоиса бо намудҳои дигари нақлиёт вобаста аз дарозии масири ҳамлу нақл анҷом медиҳад.

Ба ақидаи мо асосе вуҷуд надорад, ки баҳогузории дараҷаи рақобатпазирии роҳҳои ҳавоии нақлиёт вобаста аз дарозии масири ҳамлу нақл имрӯзҳо нисбат ба вазъияти пас аз 5-10 сол ақаллан ягон муносибате хоҳад дошт. Ба хотир овардан кофист, ки чӣ гуна ба таври динамикӣ андозҳо, боҷҳо ва тарофаҳо, аз ҷумла барои сӯзишвории авиатсионӣ, воридоти техникаи гуногун ва воситаҳои нақлиётӣ иваз шуда буданд. Пешгӯии сегментарии ҳаҷми мусофиркашонии ҳавоии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3.3. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3.3. - Пешгӯйии сегментарии ҳаҷми мусофиркашонии ҳавоии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи мусофирон***

| Масир, суръати афзоиши солона | Шумораи парвоз-ҳо, дар соли 2006 | 2007<br>9,6% | 2008<br>9,0% | 2009<br>5,6% | 2010<br>5,6% | 2015<br>4,8% | 2020<br>4,8% | 2025<br>4,8% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аз Душанбе-<br>Ба-Душанбе | 1952 | 392535<br>304223 | 427863<br>331603 | 451823<br>350173 | 477125<br>369783 | 603169<br>467469 | 762509<br>590962 | 963943<br>747078 |
| Аз Хуҷанд<br>Ба Хуҷанд | 791 | 158965<br>78521 | 173272<br>85588 | 182975<br>90380 | 193222<br>95442 | 244266<br>120655 | 308794<br>152529 | 390370<br>192823 |
| Ва ғайраҳо: мерафтагиҳо Меомадагиҳо | 75 | 5963<br>4470 | 6500<br>4873 | 6864<br>5145 | 7248<br>5434 | 9163<br>6869 | 11584<br>8684 | 14644<br>10977 |
| **Ҳамагӣ** | | 944677 | 1029698 | 1087362 | 1148254 | 1451591 | 1835062 | 2319835 |
| Аз Душанбе-<br>Ба-Душанбе | 1952 | 399411<br>309553 | 441805<br>342409 | 470557<br>364693 | 500920<br>388224 | 652172<br>505448 | 843381<br>653639 | 1085102<br>840979 |
| Аз Хуҷанд<br>Ба Хуҷанд | 791 | 161750<br>79896 | 178918<br>88377 | 190562<br>94128 | 202858<br>100202 | 264111<br>130457 | 341545<br>168706 | 439435<br>217058 |
| Ва ғайраҳо: мерафтагиҳо меомадагиҳо | 75 | 6068<br>4549 | 6712<br>5031 | 7149<br>5359 | 7610<br>5705 | 9908<br>7427 | 12813<br>9604 | 16485<br>12357 |
| Ҳамагӣ | | 961227 | 1063252 | 1132447 | 1205518 | 1569523 | 2029688 | 2611416 |
| Аз Душанбе<br>Ба-Душанбе | 1952 | 391159<br>303157 | 425074<br>329442 | 448076<br>347269 | 472366<br>366095 | 593368<br>459874 | 746335<br>578427 | 939712<br>728298 |
| Аз Хуҷанд<br>Ба Хуҷанд | 791 | 158408<br>78246 | 172143<br>85030 | 181458<br>89631 | 191295<br>94490 | 240297<br>118694 | 302244<br>149293 | 380556<br>187975 |
| Ва ғайраҳо: мерафтагиҳо меомадагиҳо | 75 | 5942<br>4455 | 6458<br>4841 | 6807<br>5103 | 7176<br>5379 | 9014<br>6757 | 11338<br>8499 | 14276<br>10702 |

**Идомаи ҷадвали 3.3.**

| Масир, суръати афзоиши солона | Шумораи парвоз-ҳо, дар соли 2006 | 2007<br>9,6% | 2008<br>9,0% | 2009<br>5,6% | 2010<br>5,6% | 2015<br>4,8% | 2020<br>4,8% | 2025<br>4,8% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | | 941368 | 1022988 | 1078344 | 1136801 | 1428005 | 1796137 | 2261519 |

* **Сарчашма:** Муаллиф ҳисоб кардааст. Дар асоси маълумотҳои оморӣ.

**4. Ташаккули варианти интегралии** пешгӯии ҳамлу нақл дар асоси пешгӯиҳои сегментарӣ ва муайян кардани миқёси эҳтимолии тағйирёбии вазъи бозори ҳамлу нақл бо дарназардошти вариантнокии сенарияи рушди иқтисодии мамлакат. Ҳисобкуниҳо ба пешгӯии машҳури суръати афзоиши ММД ва МММ заминагузорӣ мешавад, ки барои ҳадафҳои пешгӯикунӣ ба сифати трендҳо (тамоюлоти умумӣ) баррасӣ мегардад. Аз ин рӯ, аз як қатор пешгӯиҳои макроиқтисодии якчанд вариантҳои махсуси ҳисобкунӣ ҷудо карда мешаванд, ки варианти дахлдори пешгӯии талабот ба ҳамлу нақлро муайян мекунанд.

Ба ҳайси заминаи пешгӯиҳое, ки тибқи методикаи қабулнамудаи мо омода карда шуда буданд, сатҳи соли 1999 қабул гардид, ки тибқи он дар он давра омори пурраи иқтисодӣ ва нақлиётӣ вуҷуд дошт. Дар натиҷаи моделсозӣ баҳогузории пешгӯии ҳаҷми ҳамлу нақл дар соҳаи нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2025 (ҷадвали 2, 3) дарёфт шуд.

Бояд қайд кард, ки ҳарчанд хосияти дарозмуҳлати пешгӯиҳои бозори ҳамлу нақли авиатсионӣ имконият медиҳад, ки баъзе фарқиятҳоро аз динамикаи ҷории ҳаҷми ҳамлу нақл ҳолати табиӣ ҳисоб намоем, ба ҳар ҳол фарқи ҷиддии омилҳои калидии таъсир, ки дар модел ба ҳисоб гирифта мешаванд аз вазъияти ҳозира ворид намудани тағйиротро ҳам дар модели пешгӯӣ ҳам дар Барномаи рушди авиатсияи гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамоянд.

Метавон тахмин кард, ки барои истифодаи нисбатан мувофиқ ва асоснок модели пешгӯие бошад, ки дар он муносибати макродинамикӣ

нисбат ба моделсозии рушди парки ҳавопаймоҳо ба мувофиқати динамикаи имкониятҳои гузарониши парки тадриҷан куҳнашавандаи истифодашаванда бо назардошти ҳаҷми ҳамлу нақл то давраи соли 2025 асос ёфта бошад (ҷадвали 3.4).

**Ҷадвали 3.4. Варианти ҷамъбастии (интегралии) пешгӯии ҳамлу нақл дар асоси пешгӯиҳои сегментарӣ, шумораи мусофирон**

| Намуди пешгӯӣ | Тибқи сегменти бозор | Соли 2015 | Соли 2020 | Соли 2025 |
|---|---|---|---|---|
| Асосӣ | Бозорҳои дохилӣ<br>Бозорҳои байналмилалӣ | 241818<br>1451591 | 305700<br>1835062 | 386458<br>2319835 |
| Некбинона | Бозорҳои дохилӣ<br>Бозорҳои байналмилалӣ | 261465<br>1569523 | 338123<br>2029688 | 435032<br>2611416 |
| Ноумедона | Бозорҳои дохилӣ<br>Бозорҳои байналмилалӣ | 222172<br>1428005 | 273278<br>1796137 | 337884<br>2261519 |

**Сарчашма:** Таҳияи муалиф дар асоси тадқиқот.

Бо дарназардошти нархи ниҳоят баланди киштиҳои ҳавоӣ, захираталабии истеҳсоли онҳо ва ба қисмҳо ҷудо шудани кооператсияи истеҳсолкунандагон баҳогузории нисбатан аниқи умумӣ ва сохтории эҳтиёҷот ба ҳавопаймоҳои нав тақозо карда мешавад. Чунин эҳтиёҷот бояд тавассути рушди пешгӯишавандаи камбуди қобилияти гузарониши парки имрӯзҳо амалкунанда нисбат ба талаботи интизорӣ ба ҳамлу нақли муайянкунандаи ҳайати зарурии парки ояндадор баҳогузорӣ гардад. Зимнан, барои баҳогузории сохтори муносиби парки ояндадори киштиҳои ҳавоӣ аз рӯи ғунҷоиши мусофирон баҳогузории зарурии тақсимоти талабот тибқи серҳаракатии маҷмӯи мусофирони на танҳо аз ҳаҷми интизории ҳамлу нақл, балки аз зуд-зуд ҳаракат кардани ҳавапаймоҳо дар хатти парвоз вобастабуда лозим аст. Ин, аз ҷумла баҳисобгирӣ дар методикаи пешгӯии ҳайати муносиби парки авиатсионии аз рӯи рақобатпазирии ҳаракати зуд-зуди ҳавопаймо дар роҳи ҳавоӣ маҳдудкардашуда ва ислоҳоти дахлдорро бо дарназардошти динамикаи рушди муҳити берунии барои ҳамлу нақли маҷмӯи мусофирон (маҷмӯи борҳо) таъсиркунанда нисбат ба соҳаро тақозо менамояд. Бешубҳа, ба ин

параметрҳо ҳам сатҳи рақобати байни ширкатҳои авиатсионӣ ва ҳам сатҳи нархҳои нақлиёти рақиб, тавсифоти техникӣ ва инфрасохторӣ, сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, вазъияти умумииқтисодӣ, сатҳи якҷояшавии байниминтақавӣ ва чандин омилҳои дигар таъсир мерасонанд.

Эҳтимол, дар моделсозии ояндадори рушди соҳа истифодаи комплексӣбидуни моделҳои пешгӯйӣ, масалан, ба шароити гуногуни серҳаракати ҳамлу нақл, пуркунии рейсҳо, класси мусофирон, ғунҷоиши киштиҳои ҳавоӣ, дарозии роҳи ҳавоӣ, баъзе шартҳои муҳити рақобат ва ғайраҳо тақсимшуда талаб карда мешаванд.

Қайд кардан мувофиқи мақсад мебошад, ки худи коркарди модели пешгӯии рушди соҳаи авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доираи ин таҳқиқот дохил мешавад. Дар як вақт таҳлили қатъии муносибатҳои амалан дар сатҳи давлат истифодашаванда нисбат ба пешгӯӣ ва банақшагирии рушди соҳа ба ин таҳқиқот то он дараҷае зарур аст, ки дар он имконияти дарёфти мақсадҳои гузошташударо, яъне таҳқиқи мавзӯи таъминоти инвеститсионии соҳаи авиатсиониро медиҳад. Ғайр аз ин, таҳлили қатъии нишондодашуда ба дараҷаи маълум имконият медиҳад, ки асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои тибқи предмети таҳқиқот дарёфтшаванда баҳогузорӣ гарданд.

Пешгӯии динамикаи аз истифода баромадани ҳавопаймоҳоро метавон дар асоси таҳқиқи шиддатнокии истифодаи онҳо, ҳолати захиравии парк ва имкониятҳои дароз кардани захираҳо, инчунин анъанаи мавҷудаи аз ҳисоб баровардани техникаи авиатсионӣ муайян кард. Ба назар гирифтан зарур аст, ки ширкатҳои авиатсионӣ метавонанд стратегияи фарққунандаи идоракунии парки кӯҳнашудаи ҳавопаймоҳоро амалӣ созанд. Мутаносибан аз рӯи яккатор навъҳои ҳавопаймоҳо метавонад бо назардошти аз ҷиҳати иқтисодӣ мақсаднок набудани истифода тамоюлоти баровардани онҳо аз парк ба вуҷуд ояд. Ширкати «Тоҷик Эйр» 22 адад ҳавопаймоҳои тамғаи Ту, АН, ЯК-ро ба фурӯш монд (Рӯзномаи «Садои мардум» №114 (3415) аз 26 августи соли 2015).

Баҳогузории пешгӯии эҳтиёҷоти ширкатҳои авиатсионӣ ба ҳавопаймоҳои навро метавон бо назардошти таносуби пешгӯии тағйироти иқтидори кашонидани парк тибқи класси ҳавопаймоҳо ва сегменти бозори ҳамлу нақл муайян кард. Ҳангоми ин бояд камшавии имкониятҳои ширкатҳои авиатсионӣ ба киштиҳои ҳавоӣ аз рӯи вақт барои иҷрои ҳаҷми афзуншавандаи ҳамлу нақли пешгӯишуда ба назар гирифта шавад.

## 3.2. Роҳҳои такмили инструменти таҳлилии идоракунии фаъолияти тиҷоратии фурудгоҳ (ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ)

Дар системаи иттилоотиивутаҳлилии идоракунии нақлиёти ҳавоӣ ташкили фаъолияти таҳлилии иттилооти ҷамшуда мутобиқ ба ҳадафҳои идоракунӣ ҷузъи муҳим маҳсуб мешавад. Дар ин ҷо, интихоби инструментҳои таҳлил, ки вобаста ба он барномаҳои коркарди компютерӣ таҳия карда мешавад, нақши ҳалкунанда дорад. Умуман, инструментҳои таҳлилӣ аз маҷмӯи усулҳои коркард ва таҳлили захираҳои иттилоотӣ иборат буда, бо истифода аз воситаҳоивизуалӣ (графикҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳовағ.) ва дигар воситаҳо сурат мегирад. Захираҳои иттилоотӣ бошад -ин маҷмӯи маълумотест, ки барои ба даст овардани маълумоти боэътимод дар соҳаҳои дониш ва амалия нақлиёти ҳавоӣ ташкил карда шудаанд.

Дар замони муосир, ки соҳаи нақлиёти ҳавоии мамлакат бо принсипҳои иқтисоди бозорӣ фаъолият намуда, дар бозори хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоии байналмилалӣ бо рақобати шадид бархӯрд менамояд, масъалаи такмили идоракунии молиявию иқтисодӣ ва раванди рақобатпазири он мубрамият пайдо менамояд. Ба ибораи дигар, баланд бардоштани шиддатнокии муборизаи рақобатии байни фурудгоҳҳо дар ҳамаи намудҳои бозорҳои нақлиёти авиатсионӣ муҳимияти коркард ва истифодаи низоми муосири идоракунии рақобатпазирии фурудгоҳро тақозо менамояд. Унсури асосии таркибии идоракунии бизнес- системаи фурудгоҳ дар монандӣ бо дигар намудҳои муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ

иқтидори рақобатии онро сифати маҳсулоти ба мизоҷон пешниҳодшаванда ташкилмедиҳад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои идоракунӣ бо истифода аз инструментҳои таҳлил дар раванди идоракунии бизнес-система нақши муҳим дорад. Дар ин ҷода, таҳияи низоми нишондиҳандаҳо бояд ба менеҷмент имконият диҳад, ки тавсияҳоро таҳия намуда, оид ба беҳтар шудани фаъолияти хадамоти гуногуни фурудгоҳ қарори идоракунии дахлдорро қабул намояд. Чи тавре, ки мо қайд намуда будем, маҳсулоти нақлиёти ҳавоӣ, ки раванди харҷи меҳнат ва захираҳоро дар бар мегирад, аз маҷмӯи хизматрасониҳои авиатсионӣ ва ғайриавиатсионӣ оид ба қабулу гусели ҳавопаймоҳо ва хизматрасониҳои рӯизаминии ҳамлу нақли ҳавоии ба дигар ширкатҳои авиатсионӣ, мусофирон ва операторони фурудгоҳ пешниҳодшаванда, ки ба талаботи истеъмолкунандагон мутобиқ буда, сатҳи сифатнокӣ ва нархи онҳо дастрас мебошанд, иборат мебошад.

Бо дарназардошти муайянкунии маҳсулоти фурудгоҳ, ва инчунин категорияҳои асосии истеъмолкунандагони он, ки ба онҳо ширкатҳои авиатсионӣ, мусофирон ва операторони фурудгоҳ дохил мешаванд, метавон чунин хулоса кард, ки арзёбии номгӯи нишондиҳандаҳои идоракунии фурудгоҳҳо ва мониторинги онҳо бояд ба таври алоҳида вобаста аз навъи мизоҷон иҷро карда шавад. Дар шабоҳат бо нишондиҳандаҳои идоракунии ширкатҳои авиатсионӣ, нишондиҳандаҳои идоракунии бизнес-системаи фурудгоҳҳо ба комплексӣ ва алоҳида тақсим карда мешавад. Низоми коркардшудаи нишондиҳандаҳои идоракунии маҳсулотро унсурҳои асосии он, яъне нишондиҳандаҳои комплексии сифат, таъмини дуруст будани истеъмолкунандагон ва нарх тавсиф мекунанд (Ҷадвали 3.5.)

**Ҷадвали 3.5. - Низоми нишондиҳандаҳое, ки барои арзёбӣ ва идоракунии нақлиёти ҳавои истифода мешавад**

| Гурӯҳи нишондиҳандаҳо | Номгӯи онҳо |
|---|---|
| Бехатарии нақлиёт | Бехаратии нақлиёт; бехатарии иҷрои парвозҳо; бехатарии истеҳсолӣ (истифодабарӣ); бехатарии авиатсионӣ; бутунии (нигоҳдории) багоҷ, борҳо ва почта |

Идомаи ҷадвали 3.5.

| Гурӯҳи нишондиҳандаҳо | Номгӯи онҳо |
|---|---|
| Мунтазамияи ва, тартибот | Муназзамӣ ва дақиқкорӣ; муназзамии гусели (рафтани) хатсайрҳо аз фурудгоҳ (умумӣ); дақиқии рафтани хатсайрҳо аз фурурдгоҳ; муназзамии хизматрасониҳои ҳавопаймоҳо дар хатҳои байналмилалӣ; муназзамии омадани рейсҳо ба фурудгоҳ (идоракунии ҳаракати ҳавоӣ, кашола кардан, ва ғайраҳо) |
| Сиафти фурудгоҳ ва хизматрасониҳои он | Сифати хизматрасониҳои фурудгоҳҳо; сифати хизматрасониҳо ба мизоҷон; қулай будани ташкили нуқтаҳои гузариш; қулай будани иҷрои хатсайрҳо аз фурудгоҳ; сифати хизматрасониҳои иловагӣ ба мизоҷон; Сифати ташкили хизматрасонии парвози мусофирон (тибқи классҳо); сифаи ташкили парвози мусофирони трансферӣ (тибқи ширкатҳои авиатсионӣ); сифати ташкили хизматрасонии мусофирони омадарасида; сифати ташкили хизматрасониҳои борҳо ва почта ва ғ. |
| Имиҷи фурудгоҳ | Сатҳи бохабарии мизоҷони мақсаднок оид ба фурудгоҳ; сатҳи дурустии мизоҷон нисбат ба имиҷи фурудгоҳ; имиҷ ва эътимоднокии ширкати авиатсионии иҷрокунандаи парвозҳо дар фурудгоҳ; Тавсифоти интернет-сайти фурудгоҳ ва ғ. |
| Меёрҳои фаъолият | Меъёрҳои кашолакунӣ ва ҳавопаймогардонӣ (хатҳои байналмилалӣ, инфрасохтори хатти парвозу нишаст); вақти ҳадди ақали хизматрасонии тиҷоратии ҳавопаймоҳо; меъёрҳои амалиёти аэродромӣ (навбат барои кашолакунӣ, парвоз ва ғайраҳо); мавҷудият ва дастрасии ангарҳо барои хизматрасонии техникии киштиҳои ҳавоӣ ва таҷҳизот ва ғ. |
| Иқтисодӣ-молиявӣ | Даромаднокӣ ва устувории молиявӣ; рақобатпазирии маҳсулоти муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ (фурудгоҳ); нишондиҳандаҳои сифат; арзиши иловашудаи истеъмолӣ; нархи хизматрсониҳо ва ғ. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот

Дар фурудгоҳ мавҷуд будани иқтидори рақобатӣ замина барои дарёфти рақобатпазирии умумии онҳо дар бозор мебошад. Аз ин рӯ, зери мафҳуми иқтидори рақобатии фурудгоҳ дар он мавҷуд будани имкониятҳои воқеии таъмин кардан ва зиёд намудани рақобатпазирии умумӣ дар давраи дарозмуҳлат фаҳмида мешавад. Иқтидори рақобатӣ боиси истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир гардида, амалисозии самараноки стратегияи рақобатиро таъмин мекунад, ки барои нигоҳдорӣ ё зиёд намудани ҳиссаи бозор имконият фароҳам меорад, инчунин барои рушд ва беҳтар шудани мавқеи рақобатии он дар оянда шароит муҳайё мекунад. Иқтидори рақобатии муассисаҳои нақлиёти ҳавоиро менеҷмент метавонад

тавассути маҷмӯи афзалиятҳои рақобатӣ анҷом диҳад, ки онҳо чун арзиши ғайриоддии маҳсулоти фурудгоҳ фаҳмида мешавад, ки дар назди рақибон бартарият медиҳад, мисол, ҳолати ҷуғрофӣ, масофа аз мегаполис ва ғайраҳо. Ҳамин тавр, афзалияти рақобатӣ бузургии интегралии алоқамандкунандаи фурудгоҳ чун бизнес-система ва нишондиҳандаҳои он – иқтидори рақобатӣ ва рақобатпазирии муассиса мебошад.[46] Яке аз хусусиятҳои баҳогузории иқтидори рақобатии фурудгоҳ, инчунин он дар он ифода меёбад, ки нишондиҳандаҳои он тавассути мизоҷон – ширкатҳои авиатсионӣ ва операторони фурудгоҳ, баҳогузорӣ карда мешаванд. Кулли маҷмӯи афзалиятҳо ва унсурҳои рақобатии иқтидори рақобатии фурудгоҳро метавон ба се гурӯҳ тақсим намуд. [47]

– *захиравӣ,* соҳиб будан ба захираҳои сифаташ ва миқдораш махсус (табиӣ ё харидоришуда);

– *амалиётӣ,* истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда;

– *барномавӣ-стратегӣ* - стратегияи рушди субъекти соҳиби афзалиятҳои рақобатӣ ва сифати он.

Яке аз шартҳои асосии таъмин кардани рақобатпазирии фурудгоҳ дар бозор баҳогузории системавӣ ва рушди иқтидори рақобатӣ бо дарназардошти вазъи бозорҳои гуногуни ҳамлу нақли авиатсионӣ, инчунин талабот нисбат ба маҳсулоти ба истеъмолкунандагон пешниҳодшавандаи фурудгоҳ мебошад.

Барои баҳогузории рақобатпазирӣ зарур аст, ки иттилоотро вобаста ба низоми маҷмаии нишондиҳандаҳои дар худ дарбаргирандаи ҷузъҳои асосӣ – низоми нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулоти фурудгоҳ ва иқтидори рақобатӣ гурӯҳбандӣ ва коркард карда шавад. Онҳоро метавон барои истифодаи амалӣ дар соҳаҳои зерин интихоб карда шаванд:

---

[46] Андреев А.В. Методические основы формирования показателей оценки конкурентоспособности аэропорта [Текст] / А.В. Андреев // Научный вестник. – Москва. – 2012. - №181.

[47] Гельвановский М.А. Что такое конкурунтоспособность? - [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http: //www.Eifgaz.Ru/gelvanovsky.Htm., открыто, дата обращения: 14.01.2021.

– барои мунтазам муайян кардани сатҳи рақобатпазирии муассиса ва иқтидори рақобатии фурудгоҳ ва қабули қарор дар соҳаи идоракунии нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ;

– барои ташаккул ва иҷрои минбаъдаи низоми нақшаҳои дарозмуҳлати фурудгоҳ дар соҳаи боваринокӣ, сифати хизматрасонӣ, арзиши иловашуда ва нархи вобаста аз талаботи ширкатҳои авиатсионӣ ва мусофирон дар намудҳои гуногуни шартномаҳо ва технологияҳо тафриқашуда:

– барои ташаккул ва иҷрои нақшаи генералии рушд ва стратегияи рақобатии фурудгоҳ, инчунин унсурҳои алоҳидаи стратегияи иттиҳодиявӣ илова бар методҳои намунавӣ ва ғайраҳо;

– барои баҳогузории нишондиҳандаҳои алоҳидаи идоракунии ҳамаи сатҳҳо ва қабули амалҳои ислоҳкунанда дар ҳолати ошкорсозии майлкуниҳо аз бузургии мақсадноки додашуда;

– барои муқоиса намудани натиҷаҳои фаъолияти худи фурудгоҳ, ки ҷиҳати таъмин ва баланд бардоштани рақобатпазирии фурудгоҳ ҳамчун бизнес-система дар давраҳои замонии гуногун равона шудаанд.

Методикаи коркарди иттилоот, ҳисобкунӣ ва ба категорияҳо ҷудо намудани нишондиҳандаҳои идоракунии фурудгоҳ марҳилаҳои асосии зерини истифодаи таҳлили семарҳилавии навъҳои гуногуни нишондиҳандаҳои идоракунии бизнес-система дар нақлиёти ҳавоиро дар бар мегирад, ки инструменти таҳлили идоракуниро пурра менамояд:

– мониторинги бузургии номгӯи нишондиҳандаҳо барои объектҳои таҳқиқшаванда дар доираи гурӯҳҳои стратегии рақобат;

– ҳисобкунӣ ва таҳлили бузургиҳои нишондиҳандаҳои алоҳида;

– ҳисобкунӣ ва таҳлили бузургиҳои нишондиҳандаҳои гурӯҳӣ;

– ҳисобкунӣ ва таҳлили бузургиҳои интегралӣ:[48]

– фаъолияти маъмурӣ ва молия;

– истифодаи объектҳои инфрасохтории фурудгоҳ;

---

[48] Дастури «Созмони байналмилалии авиатсияи гражданӣ» оид ба иқтисодиёти фурудгоҳҳо (ICAOAirportEconomicsManual, Doc 9562 П 2.80). С.152

– таъминоти муҳандисӣ, корҳои сохтмонӣ ва хизматрасониҳо;

– маркетинг ва робита бо ҷомеа;

– ташкили хизматрасониҳои рӯизаминӣ;

– амалиёт оид ба идоракунии ҳаракати ҳавоӣ (ИҲҲ);

– таъмини бехатарӣ, муҳоҷират, назорати беҳдоштӣ, гумрук.

Тибқи муайянкуниҳои техникӣ зери истилоҳи «фурудгоҳ» комплекси иншооте фаҳмида мешавад, ки аэродром, аэровокзал, биноҳои дигари рӯизаминии барои қабул ва гусели киштиҳои ҳавоӣ, хизматрасонии ҳамлу нақли ҳавоӣ ва таҷҳизоти барои ин мақсадҳо зарур таъйиншударо дар бар мегирад. Дар бисёр ҳолатҳо фурудгоҳҳо муассисаи мустақил ҳисоб мешаванд, ки хизматрасониҳои таъминоти рӯизаминии ҳамлу нақли ҳавоӣ ва хизматрасониҳои ғайриавиатсиониро пешниҳод менамоянд. Аз рӯи аломатҳои технологӣ инфрасохтори фурудгоҳро метавон ба ду қисм – аэродром ва ҳудуди хидматӣ-техникӣ тақсим намуд. Маҷмӯи объектҳои инфрасохтори фурудгоҳ барои ба истеъмолкунандагон пешниҳод кардани намудҳои гуногуни хизматрасониҳо равона шудаанд. Ҳар як унсури комплекси инфрасохтори фурудгоҳ истеъмолкунандаи маҳсулоти худро дорад, яъне намудҳои мушаххаси хизматрасонӣ оид ба хизматрасонии ширкатҳои ҳавопаймоӣ, мусофирон ва операторони хизматрасониҳои рӯизаминӣ.

Ҳалқаи калидии ҳар як комплекси маркетингӣ мизоҷони молҳо ё хизматрасониҳое мебошанд, ки муассисаҳо ба онҳо пешниҳод менамоянд. Мутобиқи хосияти маҳсулоти фурудгоҳ, ки талаботи истеъмолкунандагонро (мизоҷонро) дар назар дорад аз соҳаҳои мухталифи бозорҳои мушаххаси гуногун сарчашма мегирад ва хусусияти худро доро мебошад. Ба гурӯҳи асосии мизоҷони фурудгоҳ ширкатҳои ҳавопаймоӣ, мусофирон ва муассисаҳо – операторони фурудгоҳии дар ҳудуди фурудгоҳ амалкунанда мансуб мебошанд. Гурӯҳбандии категорияҳои асосии мизоҷони истифодакунандаи хизматрасониҳои комплекси фурудгоҳҳо дар ҷадвали 3.6. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.6. - Технологияи амали муносибатҳои бозорӣ ҳангоми фурӯши маҳсулоти фурудгоҳ**

| Унсури инфрасохтор | Масъул барои рақобатпазирии объект | Истеъмолкунандаи хихматрасонӣ | Мониторинг ва таҳлили рақобатпазирии объект |
|---|---|---|---|
| ИНФРАСОХТОРИ БЕРУНӢ (НАЗДИКИ) ФУРУДГОҲ | | | |
| Роҳҳои вурудӣ ба фурудгоҳ. Намудҳои алоқаи нақлиётӣ бо фурудгоҳ. | Давлат, фурудгоҳ Давлат, фурургоҳ | Мусофирон-соҳибони борҳо, ҳайати кормандони фурудгоҳ ва ширкатҳои ҳавопаймоӣ | Фурудгоҳ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ |
| ҲУДУДИ ХИДМАТӢ-ТЕХНИКИИ ФУРУДГОҲ | | | |
| Комплекси аэровозали мусофирон (терминалҳо) | Фурудгоҳ | Мусофирон, операторони хихматрасониҳо дар соҳаи фаъолияти ғайриавиатсионӣ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ, мусофирон, Операторони ғайриавиатсионӣ |
| Комплекси аэровокзали борҳо | Фурудгоҳ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ (агар дошта бошад), операторони хизматрасониҳои рӯйизаминӣ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ, соҳибони борҳо, анетҳо-консолидаторҳо | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ, соҳибони борҳо, |
| Комплекси хизматрасонии техникӣ ва таъмири киштиҳои ҳавоӣ (ангарҳо) | Фурудгоҳ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ (агар дошта бошанд) | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ |
| Комплекси таъминоти сӯзишвории фурудгоҳ (анборҳои маводи сӯзишворӣ) | Масъули соҳа, таъминоти | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ |
| Базаи хадамоти аэродромӣ | Фурурдгоҳ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ |
| Объектҳои ёрирасони инфрасохтори ҳудуди хидматӣ-техникӣ | Фурудгоҳ, операторон оид ба хизматрасонии рӯйизаминӣ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ, операторон оид ба хизматрасонии рӯйизаминӣ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ, операторон оид ба хизматрасонии рӯйизаминӣ |
| АЭРОДРОМ | | | |
| Хатти парвозу нишаст (Инфрасох-тори хатти парвозу нишаст) | Давлат | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ, фурудгоҳ | Фурудгоҳ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ |
| Хизматрасони техникӣ | Фурудгоҳ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ, фурудгоҳ | Фурудгоҳ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ |
| Таваққуфгоҳ, ҷойи нигоҳдории ҳавопаймо | Фурудгоҳ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ, операторон оид ба хизматрасониҳои рӯйизаминӣ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ, операторон оид ба хизматрасониҳои рӯйизаминӣ |
| Таҷҳизоти аэронавигатсионӣ ва рӯшнои-хабардиҳӣ | Фурудгоҳ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ |
| МИНТАҚАИ (НИЗОМИ) ТАШКИЛИ ҲАРАКАТИ ҲАВОИИ ФУРУДГОҲ | | | |
| Объектҳои идоракунии ҳаракати ҳавоӣ | Давлат | Ширкатҳои ҳавопаймоӣ, фурудгоҳ | Фурудгоҳ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот

Ҳамин тавр, комплекси хизматрасониҳое, ки фурудгоҳҳо пешниҳод менамоянд боиси мавҷуд будани гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагони онҳо мегардад. Барои ҳар як гурӯҳи истеъмолкунандагон – ширкатҳои ҳавопаймоӣ, мусофирон ва операторони фурудгоҳҳо нишондиҳандаҳои гуногуни интихоби фурудгоҳ вуҷуд доранд, ки бояд таҳлил карда шаванд.

Дар заминаи чорабиниҳои дар ин марҳила амалишаванда методҳои маркетингии муайянсозии талабот ва интизориҳои истеъмолкунандагон ва сатҳи қонеъ будани онҳо қарор доранд. Аниқ дарк кардани эҳтиёҷоти ҳар як гурӯҳи мақсаднок имконият медиҳад, ки майдони иқтидори фаъолият оид ба такмили талаботи дар назарбудаи онҳо муайян карда шавад, ки қонеъ намудани онҳо асоси рақобатпазирии фурудгоҳ мебошад. Бинобар ин, бояд бо дарназардошти эҳтиёҷот ва талаботи ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва мусофирони онҳо, аз рӯи марҳилаҳои асосии ҳамлу нақли бо фурудгоҳ алоқадошта, аз нуқтаи назари мусофир: роҳ то фурудгоҳ, бақайдгирӣ, саворшавӣ, омада расидан, коркарди бағоч ва ғайраҳо мунтазам таҳлил карда шаванд. Методҳои гуногуни таҳқиқи бозор вуҷуд доранд, бинобар ин, тарафи манфиатдор (ҷадвали 3.2.2.) бояд комплекси барои ӯ нисбатан самаранок ва қобили қабулро интихоб намояд, то ки барои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти зарурӣ имконият фароҳам созад.

Аз ин рӯ, гурӯҳи нисбатан аҳамиятноки истеъмолкунандаи хизматрасониҳои фурудгоҳ ширкати ҳавопаймоие мебошад, ки истифодаи инфрасохтори рӯизаминиро пардохт менамояд (ҷамъкуниҳо аз ширкатҳои ҳавопаймоӣ барои хизматрасониҳои парвоз-саворшавӣ, таваққуф, таъмини бехатарӣ, сатҳи ғалогула). Гурӯҳи нисбатан муҳими додашудаи истеъмолкунандаҳо ба мавқеи рақобатии фурудгоҳ дар бозор таъсири ҳалкунанда мерасонад. Менеҷменти ширкатҳои ҳавопаймоӣ ҳуқуқ дорад, ки оид ба хизматрасониҳои нави авиатсионӣ ва шароити мушаххаси амалисозии онҳо (навъҳои киштиҳои ҳавоӣ, зиёдии рейсҳо, интихоби фурудгоҳ ва ғайраҳо) қарор қабул намояд. Таҳлили иттилооти дастрас

имконият медиҳад, ки меъёрҳои асосии рақобатпазирии маҳсулоти фурудгоҳ, ки ба интихоби он аз тарафи ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва мусофирон таъсир мерасонанд, сохторсозӣ карда шаванд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои таъмин кардани рақобатпазирӣ муносибати маркетингӣ дар соҳаи идоракунии фаъолияти фурудгоҳ, ки муқаррар кардани муносибатҳои шарикии фоиданоки байни ҳамаи иштирокчиёни раванди ҳамлу нақли аз мақсадҳои умумии стратегӣ ва мувофиқати мақсадҳои ҳамаи иштирокчиён сарчашмагирандаро ба назар мегирад, нисбатан натиҷанок мебошад.

Маркетинги фурудгоҳӣ ин воситае мебошад, ки имконият медиҳад бизнес-модел ва хизматрасонии фурудгоҳ ҳангоми ҳамкории ногусастанӣ бо мизоҷони асосии он фардӣ ва гуногунранг карда шаванд.

**Ҷадвали 3.7. - Нақшаи ба категорияҳо ҷудо намудани меъёрҳои интихоби комплексҳои фурудгоҳӣ аз тарафи истеъмолкунандагон**

| Ширкати ҳавопаймоӣ | Мусофирон |
|---|---|
| Васеӣ, умқ ва иқтидори бозори мақсадноки ҳамлу нақл ҳангоми иҷрои рейсҳо аз фурудгоҳ | Қулай будани ҷадвали парвоз |
| Дастрасии слотҳо дар фосилаи замонии қобили қабул | Нархи ҳамлу нақл |
| Мавҷудият/будани рақибони «мустақим» дар доираи гурӯҳи стратегии рақобат | Миқдори масирҳо |
| Таъмини пайвастшавиҳои трасфертӣ | Дараҷаи дастрасии фурудгоҳ аз шаҳр |
| Мувофиқат бо шабакаи масирҳои ширкати ҳавопаймоӣ | Имиҷ ва эътимоднокии ширкати ҳавопаймоӣ – интиқолкунанда |
| Андозаи ҷамъкуниҳои фурудгоҳ (парвоз-саворшавӣ, хизматрасониҳои рӯйизаминӣ, ҷамъкуниҳо аз мусофирон, нархи сӯзишворӣ ва ғайраҳо) | Сиёсати иттиҳодҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва барномаҳо барои мусофироне, ки зуд-зуд парвоз мекунанд |
| Мавҷудият ва дастрасии марказҳои хизматрасонии техникии киштиҳои ҳавоӣ | Нархи таваққуфгоҳи автомобилҳо дар фурудгоҳ |
| Дастгирии маркетингӣ | Нархи ба фурудгоҳ расонидан |
| Дараҷаи навсозии объектҳои асосии инфрасохтори фурудгоҳ (барои ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва мусофирон) | Миқдор ва сифати сервис барои хизматрасониҳои ғайриавиатсионӣ (мағозаҳо, тарабхонаҳо ва ғайраҳо) |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот

Фурудгоҳ ба мизоҷони худ маҳсулотро дар шакли комплекси хизматрасониҳо, ки дорои тавсифоти ҷисмонӣ (инфрасохторӣ ва истифодабарӣ) мебошанд, пешниҳод менамояд. Инак, хусусиятҳои қабул ва истифодаи комплекси маркетингии классикии аз чаҳор «Р» таркибёбандаро бори дигар қайд менамоем:

- маҳсулот (Product), хизматҳоест, ки ширкат истеҳсол мекунад

- нарх (Price) - маблағе, ки истеъмолгарон барои хизматрасониҳо пардохт мекунанд.

-ҷой (Place), - фаъолиятҳое, ки хизмарасониҳоро барои истеъмолкунандагон дастрас мекунанд, шабакаҳои тақсимот, логистика, фурӯшгоҳ ва ғ..

- Пешбурд ((продвижение, Promotion) - ҳама намуди фаъолияти ширкат, ки ба огоҳонидани истеъмолкунандагони мақсаднок дар бораи бартарии хизматрасониҳо, бовар кунонидани онҳо ба харидани ин маҳсулоти мушаххас нигаронида шудааст.

Дар мавриди татҳиқоти маркетингӣ мутобиқати ҳадди аксари истеъмолкунандагон ба талаботи дар назар дошта шуда (ширкатҳои авиатсионӣ, мусофирон, операторон) дар соҳаи тавсифоти сифатӣ ва нархии муайянкунандаи рақобатпазирии он ҳадафи асосӣ мебошад. Дар ин маврид инструментҳои зерин истифода мешавад:

- Тафриқа ширкатҳои авиатсионии шабакавӣ ва буҷетӣ, класси хизматрасонӣ;
- Равона кардан (ширкатҳои авиатсионии базавӣ, маҷмӯи мусофирони мақсаднок).
- Бизнес-модели маркетингӣ (муҳити рақобатӣ, нархи мкносиб).
- Тавсифоти сифатии маҳсулоти фурудгоҳ, ҷой, нарх ва пешрафт (продвижение) дар бозор.

Дарёфти модели ташкилӣ-иқтисодии истифодаи нисбатан самараноки фурудгоҳ ҳадафи таҳлил қарор мегирад, ки чунин инструментҳои таҳлилд бояд истифода шавад;

- Таҳлили SWAT-и фурудгоҳ (сатҳҳои макро, мезо ва микро)

- Стратегияи рушди фурудгоҳ.

- Мониторинги рақобатпазирии фурудгоҳ дар доираи гурӯҳи стратегии рақобат.

**Дар мавриди арзёбии н**изоми рақобатпазирии фурудгоҳ чунин инструментҳои идоракунӣ истифода мешавад:

- Ташкили муҳити рақобатӣ дар соҳаи хизматрасониҳои авиатсионӣ ва ғайриавиатсионии фурудгоҳ.

- Нархи пасттар аз рақиб, аз ҷумла аз ҳисоби арзиши иловашуда.

- Бастани созишномаҳо оид ба стандартҳои сифат (SLA), ки муҷозоти ҷаримавиро оид ба иҷро накардани меъёрҳои созишкардашуда.

Арзёбии сатҳи қонеъгардии ҳамаи категорияи мизоҷон (ширкатҳои авиатсионӣ, мусофирон, операторон) нисбат ба фурудгоҳ бо татбиқи инструментҳои зерин сурат мегирад:

а) Барномаҳои маркетингии ба эҳтиёҷоти фардии ширкати авиатсионӣ асосёфта (миқдори ҷамъкуниҳо, технологияҳо).

б) Барномаҳои маркетингӣ барои мусофирон (технология, хизматрасониҳои ғайриавиатсионӣ, WEB-хизматрасониҳо ва ғайраҳо).

в) Барномаҳои муттаҳидкардашудаи маркетингӣ (якҷоя бо ширкати авитсионӣ, шабакаҳои савдо, меҳмонхонаҳо ва ғайраҳо).

г) Рушди бренди фурудгоҳ.

Инчунин бояд муаяйн карда шавад, ки маҳсулоти фурудгоҳ аз рӯйи хусусиятҳои худ, яъне аз ҷиҳати нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва нархии худ бояд ҷавобгӯйи талаботи дар назардоштаи истеъмолкунанда бошад.

Ба андешаи мо маҳсулоти фурудгоҳро метавон ҳамчун «комплекси хизматрасониҳои авиатсионӣ ва ғайриавиатсионӣ оид ба қабул, гусели

киштиҳои ҳавоӣ ва хизматрасониҳои рӯизаминии ҳамлу нақли ҳавоие муайян кард, ки ба ширкатҳои ҳавопаймоӣ, мусофирон ва операторони фурудгоҳҳо пешниҳод мегарданд ва мутобиқати ҳадди аксар ё бартарияти талаботи дар назардоштаи истеъмолкунандагонро дар соҳаи сифат ва нархи хизматрасониҳои пешниҳодшаванда таъмин мекунанд». Илова бар ин, талаботи гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон, ҳатто дар дохили як сегмент – ширкати ҳавопаймоӣ, мусофирон ва операторон метавонад гуногун бошад, масалан чун талаботи ширкатҳои ҳавопаймоии шабакавӣ ва камхароҷот (ҷадвали 3.8.). Фарқияти талабот нисбат ба маҳсулоти фурудгоҳ аз тарафи гурӯҳҳои гуногуни ширкатҳои ҳавопаймоӣ – истеъмолкунандагон барои интихоби стратегияи тафриқаи маҳсулот ва интихоби навбатии бомуваффақият истифодашаванда аз тарафи як қатор фурудгоҳҳо асос мебошад.

**Ҷадвали 3.8. Меъёрҳои асосии интихоби комплексҳои фурудгоҳӣ аз тарафи ширкатҳои ҳавопаймоии шабакавӣ ва камхароҷот**

| Ширкатҳои ҳавопаймоии шабакавӣ | Ширкатҳои ҳавопаймоии камхароҷот (буҷетӣ) |
|---|---|
| Наздикии бевосита ба шаҳр | Нисбатан дуртар аз шаҳр |
| Серҳаракатии баланди иҷрои рейсҳо | Камҳаракатии пасти иҷрои рейсҳо |
| Фарогирии васеи шабакаи масирҳои фурудгоҳ | Фарогирии маҳдуди шабакаи масирҳои фурудгоҳ |
| Вақти ҳадди ақали пайвастшавӣ барои транфер | Ҳамлу нақли маҳдуди трансферӣ |
| Ҷамъкуниҳои стандартии фурудгоҳ | Ҷамъкуниҳои дисконтии фурудгоҳ |
| Интихоби васеи мағозаҳо ва нуқтаҳои хӯрокхӯрӣ | Маҷмӯи маҳдуди хизматрасониҳои ғайриавиатсионӣ |
| Номгӯйи калони таҷҳизот барои хизматрасониҳои рӯйизаминӣ | Набудани намудҳои алоҳидаи таҷҳизот барои хизматрасониҳои рӯйизаминӣ иҷозат дода мешавад (боркунандаҳо ва ғайраҳо) |
| Терминал ва таҷҳизоти муосири борҳо | Маҷмӯи маҳдуди хизматрасониҳо оид ба хизматрасониҳои рӯйизаминии борҳо |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Менеҷменти фурудгоҳ барои таъмин кардани самаранокии фаъолияти бозории он бояд мунтазам мониторинги нишондиҳандаҳои

идоракунии маҳсулоти фурудгоҳро гузаронад. Зимнан, унсурҳои калидии маҳсулоти фурудгоҳ инҳо мебошанд: инфрасохтори он, технологияи хизматрасонии киштиҳои ҳаваоӣ (вақти MGT, сохтори хизматрасонии рӯйизаминӣ, аз ҷумла муҳити рақобат ва ғайраҳо), мусофирон ва борҳои онҳо (бақайдгирии ҳаматарафаи мусофирони трансфертӣ, роҳҳои алтернативии бақайдгирӣ, вақти пайвастшавии ҳаддӣ ақал ва ғайраҳо), борҳо ва почтаҳо (нигоҳ доштан, равшании терминалҳо, вақти қабул, додан ва пайвастшавии транфер), фаврияти корҳои мақомоти давлатии нуқтаҳои гузаргоҳӣ (гумрук, карантин, сарҳад ва ғайраҳо) ва инчунин сифатнокӣ ва дастрасии хизматрасониҳои ғайриавиатсионии дар фурудгоҳ пегниҳодшаванда.

Нарх (price). Низоми микдори ҷамъкуниҳо барои хизматрасониҳо воситаи амалисозии муборизаи рақобатнок дар байни фурудгоҳҳо мебошад. Низоми муносибатҳои байниҳамдигарии ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва фурудгоҳҳо зиддияти имконпазири мақсадҳо буда – даромадҳои фурудгоҳ хароҷоти ширкатҳои ҳавопаймоӣ мебошад ва баръакс. Гурӯҳҳои микдори ҷамъкуниҳои фурудгоҳ инҳо мебошанд:

Дар соҳаи фаъолияти авиатсионӣ: хизматрасониҳо оид ба парвозу нишаст, хизматрасониҳо оид ба таъмини бехатарии авиатсионӣ, истифодаи аэровокзалҳо (ҷамъшавии мусофирон), таъминоти обу ҳаво, пардохтҳои имтиёзӣ ё дигар шакли пардохтҳо аз операторони хизматрасониҳои рӯйизаминии (борҳо, ғизохӯрии дохили ҳавопаймо ва ғайраҳо) дар ҳудуди фурудгоҳ амалкунанда, хизматрасониҳои иловагӣ ва ғайраҳо.

Дар соҳаи фаъолияти ғайриавиатсионӣ: имтиёз барои таъмин бо маводи сӯзишворӣ, нуқтаҳои хӯрокхӯрӣ, мағозаҳои савдои бидуни боҷ, паркингҳо ва ғайраҳо.

Модели иқтисодӣ-математикии ташаккули сиёсати тарофавии фурудгоҳ. Тактикаи ҳаммонанди маркетингии аз тарафи фурудгоҳ нисбат ба ширкати ҳавопаймоӣ қабулшаванда ба онҳо пешниҳод кардани

миқдори дисконтҳо дар марҳилаи саршавии иҷрои рейсҳо дар фурудгоҳ ё дар марҳилаи зуд-зуд иҷро кардани рейсҳо (илова бар имтиёзҳои дигар – биноҳои офисҳои ройгон ва ғайраҳо) мебошад. Бо баробари азхудкунии ширкатҳои авиатсионӣ ё зиёд гардидани хатсайрҳои нав зиёдшавии минбаъдаи миқдори ҷамъкуниҳо иҷро карда мешавад. Муносибати маркетинги нисбат ба миқдори ҷамъкуниҳо аз тарафи фурудгоҳ бояд на зиёдкунии хароҷоти ширкатҳои авиатсионӣ, балки сарбории инфрасохтори фурудгоҳро мақсади худ қарор диҳад. Масалан, қобили қабул будани тарофаҳои шабонарӯзӣ барои истифодаи телетрап (зинапоя) нисбат ба ширкати авиатсионие, ки ба ҷойи миқдори яккарата барои рейси баргашт миқдори зиёди рейсҳоро иҷро менамояд ва ғайраҳо. Вариантҳои намунавии нархгузориро дар соҳаи хизматрасониҳои фурудгоҳ баррасӣ менамоем:

Варианти 1. Тафриқаи тарофаҳо дар шароити бозори инҳисорӣ, яъне дар фурудгоҳе, ки дар он ҷо як ширкати авиатсионӣ (бештар аз 50% ҳаҷми корҳоро ӣчро мекунад) бартарӣ дорад ва нисбат ба он тарофаҳои махсус истифода мешавад. Ба ҳар як ширкати авиатсионӣ сохтор ва миқдори тарофа дар шакли функсияи (x,) пешниҳод мегардад, ки тибқи он метавон ҳаҷми мушаххаси хизматрасонии фурудгоҳии x-ро бо нархи (x,) ба даст овард. Вазифаи фурудгоҳ аз он иборат аст, ки функсияи t(x,)-ро чунон иҷро намояд, ки дар шароити маҳдудияти бозори инҳисорӣ фоидаи ҳадди аксарро ба даст орад.

Варианти 2. Тафриқаи тарофаҳо дар шароити бозори олигополӣ, яъне ҳангоми набудани интиқолдиҳандаи аниқи бартаридошта тарофаҳои фурудгоҳ вобаста аз ҳаҷми ҳамлу нақли ширкатҳои авиатсионӣ (рейсҳо ва ғайраҳо) ба миқдори муайяни сегментҳои баробар ба к тафриқабандӣ мешаванд. Аз ин рӯ, талаботи ширкати авиатсионӣ ба хизматрасониҳои фурудгоҳ дар ҳар як сегмент танҳо аз нархҳои сегменти додашуда вобаста мегардад. Вазифаи фурудгоҳ аз ташкили низоми тарофаҳое иборат

мебошад, ки барои дарёфти фоидаи ҳадди аксар дар шароити маҳдудиятҳои амалкунанда оид ба талабот, қобилияти гузарониш ва талаботи мақомоти зидди инҳисорӣ имконият фароҳам оваранд. Зимнан, нархи хизматрасонии фурудгоҳӣ дар ҳамон сегменте баландтарин хоҳад буд, ки дар он ҷо чандирияти талабот камтарин мебошад. Вобаста ба ин барои фурудгоҳҳо тавсияҳо оид ба ҷорӣ намудани ҷамъкуниҳои ҳавасмандкунандаи дисконтӣ барои ширкатҳои авиатсионӣ, бастани созишномаҳо оид ба сифати стандартӣ ва ғайраҳо пешниҳод мегарданд. Тавсияҳо оид ба истифодаи ҷамъкуниҳои дисконтӣ аз тарафи фурудгоҳҳо нисбат ба ширкатҳои авиатсионӣ дар ҷадвали 3.9. пешниҳод шудаанд.

**Ҷадвали 3.9. - Тавсияҳои методӣ оиди аз тарафи фурудгоҳ истифода шудани ҷамъкуниҳои дисконтӣ нисбат ба ширкатҳои авиатсионӣ–мизоҷон**

| **Намуди ҷамъкуниҳои дисконтии эҳтимолӣ** | **Мақсади дарёфтшаванда барои фурудгоҳ ва ширкати авиатсионӣ** |
|---|---|
| Кам кардани ҷамъкуниҳо барои парвозу нишаст дар самтҳои нав кушодашуда | Мақсаднокии ширкати авиатсионӣ барои тавсеаи шабакаи масирҳо |
| Кам кардани ҷамъкуниҳо барои парвозу нишаст дар ҳамаи рейсҳои иловагӣ ё барои киштиҳои ҳавоии ғунҷоишашон калон | Мақсаднокии ширкати авиатсионӣ барои зиёд намудани бисёрӣ ва ҳаҷми ҳамлу нақл тавассути фурудгоҳ |
| Кам кардани ҷамъкуниҳо барои парвозу нишаст дар рейсҳои мустақиме, ки ба ҷойи рейсҳои бо нишасти фосилавӣ иҷро карда мешаванд | Мақсаднокии ширкати авиатсионӣ барои иҷрои рейсҳои «мустақим» аз фурудгоҳи додашуда (ё бо пайвастшавӣ дар фурудгоҳи додашуда) |
| Кам кардани ҷамъкуниҳо барои нигоҳдории байнирейсии киштиҳои ҳавоӣ | Мақсаднокии ширкати авиатсионӣ барои дар базаи фурудгоҳ нигоҳ доштани киштиҳои ҳавоӣ |
| Кам кардани миқдори «ҷамъкуниҳои мусофирӣ» барои мусофирони трансферӣ | Мақсаднокии ширкати авиатсионӣ барои ҳамлу нақли трансферӣ тавассути фурудгоҳ |
| Кам кардани миқдори «ҷамъкуниҳои мусофирӣ» | Мақсаднокии ширкати авиатсионӣ барои кушодани рейсҳои нав (зудӣ, ғунҷоиши киштиҳои ҳавоӣ) |
| Кам кардани миқдори ҷамъкуниҳо барои парвозу нишаст дар давраи ғайришиддатнокии шабонарӯз (рӯзона) | Мақсаднокии ширкати авиатсионӣ барои зиёд намудани пурбории инфрасохтори фурудгоҳ дар давраи ғайришиддатнокии шабонарӯз |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Бояд ҳолатҳои зерин ба ҳайси афзалиятҳои дигари рақобатии воқеии хатҳои ҳавоӣ баромад намоянд, ки барои кам кардани хароҷоти ширкати авиатсионӣ ҳангоми хизматрасонии рӯйизаминӣ имконият фароҳам месозанд:

– корҳои мақсадноки фурудгоҳ оид ба коҳиш додани вақти «гардишии» хизматрасониҳо киштиҳои ҳавоӣ дар перрон аз ҳисоби истифодаи таҷҳизот ва технологияи муосир (телетрапҳои дучанд (ҷуфт) кардашуда, технологияи тезонидани иҷрои корҳо оид ба рӯбучини киштиҳои ҳавоӣ, корҳои боркунӣ, пуркунии ӯрокхӯри дар ҳавопаймо, бо сӯшворӣ пур кардани киштиҳои ҳавоӣ ва ғайраҳо);

– ба ҳадди ақал кам кардани вақти ҳавопаймогардонӣ аз ҷойи таваққуф, кашола кардан ва ҳавопаймогардонии бефоида. Воситаҳои асосии дарёфти афзалиятҳои рақобатии мазкур дар фурудгоҳ ташкил кардани муҳити рақобатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматрасониҳои рӯйизаминӣ ва бастани созишномаҳо оид ба стандартҳои сифатнокӣ (SLA) дар байни ширкати авиатсионӣ ва фурудгоҳ (ё операторон) мебошад, ки барои иҷро накардани меъёрҳои мувофиқашуда муҷозоти ҷаримавиро доро мебошанд.

– маҳалли ҷойгиршавии фурудгоҳ (Place) унсури калидии иқтидори рақобатии фурудгоҳ мебошад. Маҳалли ҷойгиршавӣ бояд дар мувофиқат ба ҳамаи сатҳҳои идоракунии фурудгоҳ, яъне маҳз дар сатҳҳои зерин баррасӣ гардад:

Макросатҳ: ҳолати ҷуғрофии фурудгоҳ (континенталӣ ва дохили давлат) ва мавҷуд будани имкониятҳои транзитӣ;

Микросатҳ: дурии фурудгоҳ аз мегаполис ва имкониятҳои васеъ намудан;

Микросатҳ: қулай будани роҳҳои вурудӣ ба фурудгоҳ, интермодалнокӣ ва ғайраҳо.

Дарёфти моделҳои ташкилӣ-иқтисодии истифодаи нисбатан самараноки маҳалли ҷойгиршавии фурудгоҳ бояд унсури ҳатмии нақшаи генералии рушди он ва инчунин мансубият ба шабакаи такягоҳии фурудгоҳҳои мамлакат ва гурӯҳи стратегии рақобат бошад.

Пешравӣ дар бозор (Promotion). Шиддатнокии баланди рақобат, ки дар фаъолияти қисми зиёди фурудгоҳҳо ҷой дорад, боиси ҷорӣ намудани воситаҳои маркетингӣ мегардад, ки ба он инҳо мансуб мебошанд:

– Ҷорӣ намудани барномаҳои маркетингие, ки ба эҳтиёҷоти фардии ширкатҳои авиатсионӣ асос ёфтааст: Моделсозии слотҳои нав, таҷҳизоти (IT, хизматрасонии рӯйизаминӣ), мутобиқати унсурҳои инфрасохтори аэродромӣ (мувофиқати тарҳи МС-и тамосӣ бо парки киштиҳои ҳавоии ширкати авиатсионӣ ва ғайраҳо), мусофирӣ (нуқтаҳои худбақайдгирӣ, бизнес-толорҳо ва ғайраҳо) ва борӣ (анборҳои «паст ҳарорат» ва «курерӣ» ва ғайраҳо) нисбат ба эҳтиёҷот ва хусусияти фаъолияти ширкати авиатсионӣ;

– Ҷорӣ намудани барномаҳои маркентинги барои мусофирон: гузаронидани пурсишҳо, таъмини рақобатпазирии хизматрасониҳои ғайриавиатсионӣ (тарабхонаҳо, мағозаҳо, паркингҳо), пешниҳоти иттилоот тавассути WEB сайтҳо ва ғайраҳо;

– Ҷорӣ намудани барномаҳои маркентингии иттиҳодиявӣ: амалисозии лоиҳаҳо бо ассотсиатсияҳои туристӣ, ширкатҳои авиатсионӣ, меҳмонхонаҳо, мағозаҳои шабакавии калонтарин, тарабхонаҳо ва ғайраҳо;

– Рушди бренди фурудгоҳ: пешравии маҳсулоти истеъмолӣ бо логотипҳои фурудгоҳ, рекламаи натиҷаҳои рейтингҳо ва ғайраҳо.

Мақсади ҷорӣ намудани воситаҳои маркетингии нишондодашуда баланд бардоштани дурусткории ҳамаи категорияи мизоҷон нисбат ба фурудгоҳ мебошад. Истифодаи хусусиятҳои номбаршудаи комплекси маркетингӣ дар идоракунии фурудгоҳ ҳамчун низоми бизнес, дар маҷмӯи воситаҳои қаблан пешниҳодшуда механизми ташкилӣ-иқтисодии

самараноки идоракунии фурудгоҳ ва муайян кардани имкониятҳои нави рушди бизнеси фурудгоҳӣ мебошад.

